**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**УДК: 395 (545.3)**
**ББК: 77.204**
**П–58**

**ПАЛАВОНОВ АМОНШО МУМИНОВИЧ**

# БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР АСОСИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИННОВАТСИОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ,**
**таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА ...........................................................................................3–12**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ МУВАФФАҚШАВӢ БА САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ..........................................................................................13–63**

§1.1. Нақши дастовардҳои илми педагогикаи муосир дар истифодаи технологияи инноватсионӣ ҳамчун воситаи муҳимму самаранок дар таълими таърихи халқи тоҷик ..........................................................13–27

§1.2. Зарурати аз назари психологияи педагогӣ асоснок такмил додани роҳу усулҳои самараноки таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ ..............27–48

§1.3. Моҳияти назарию амалии истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик ҳамчун омили муҳим дар самаранок сурат гирифтани болоравии сифати таълим ..................................................48–61

Хулосаи боби I ..........................................................................................62–63

**БОБИ II. РОҲУ ВОСИТАҲОИ САМАРАНОК НАМУДАНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ .............64–157**

§2.1. Нақши шароити педагогию иҷтимоӣ ва технологияи инноватсионӣ дар истифодаи роҳу усулҳои гуногуни дидактикӣ ба мақсади таърихи халқи тоҷикро самаранок аз худ кардани хонандагон...........................64–82

§ 2.2. Шаклу намудҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба воситаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияи инноватсионӣ ................................................................ 83–124

§2.3. Озмоиши педагогӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз технологияи нави инноватсионии таълим ва натиҷаҳои асосии он.......................................................................125–150

Хулосаи боби II ........................................................................... 148–150

**ХУЛОСАИ УМУМӢ.....................................................................151–157**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ............................158–170**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз тамоми соҳаҳои ҷомеаи мутамаддин, хусусан соҳаи маорифро бе корбурди технологияҳои инноватсионӣ тасаввур намудан ғайри имкон аст. Бо мурури замон ҷойгоҳи технологияҳои муосир дар зиндагии мо беш аз пеш назаррастар мегардад. Мавқеи онҳо барои ба вуҷуд овардан ва интиқоли донишҳои гуногуни илмӣ ва амалӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ниҳоят бузург мебошад. Бинобар ин, системаи таҳсилот масъулияти омӯзгорро дар расондан ва интиқоли донишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дучанд зиёдтар менамояд. Дарси ҳозиразамонро бе истифодаи технологияҳои навини педагогӣ гузаронидан номумкин аст, чунки онҳо муҳтавои дарсро баланд мебаранд ва шавқу рағбати хонандагонро ба дарс зиёд мекунанд. Омӯзгор бояд доимо дар ҷустуҷӯйи усулу методҳои нави таълимӣ бошад ва дарси худро вобаста бо пешравиҳои илми педагогика, психология ва методикаи таълим ташкил намояд.

Чуноне ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф ва пешравии он сол то сол таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир карда истодааст. Танҳо бо насли босавод ва рушдёфта мо метавонем тараққиёти босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин кунем ва онро ба як давлати аз ҷиҳати ақлонӣ ва илмӣ пешрафта табдил диҳем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи мазкур чунин андеша баён намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун нишондиҳандаи тавоно ба рушди инноватсияҳо ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ҷавононро ба аз худ кардани илм, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ташвиқ кардан зарур аст, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳсолот ва омӯзиши масъалаҳои рақамии иқтисодиётро ба роҳ мондан лозим аст. Мо бояд нишондиҳандаҳои кафолати сифатро дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик кунем,

дараҷаи рушди иқтисоди миллиро беҳтар гардонем ва сатҳи азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботиро баланд бардорем» [98, с.4].

Ин гуфтаҳои Пешвои миллат дар назди кормандони Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, хусусан омӯзгорон, вазифаҳои ниҳоят муҳим, ки ин пеш аз ҳама, самаранок гардонидани сифати таълим, наздик ва

ворид шудан ба системаи ҷаҳонии таҳсилот, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи бозори меҳнат, инчунин ба шароити ҳозиразамон мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълимро мегузорад.

Дар ҷомеаи муосир хусусан, дар соҳаи педагогика торафт дигаргуниҳои нав ба нав, ки ба таълим обу ранги нави илмӣ медиҳанд, ба вуҷуд омадаанд. Омӯзгори фанни таърих низ аз ин пешравиҳо бояд дар канор набошад ва кӯшиш намояд, то ки дарси худ ва умуман мақому манзалати илми таърихро боло бардорад. Бисёриҳо ба фанни таърих на он қадар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва аҳаммияти илмии онро нодида мегиранд, ки ин мутлақо нодуруст мебошад.

Мушкилот аз он сабаб ба миён меояд, ки шумораи фанҳои дар барномаи таълимии мактабҳо омӯхташуда зиёд шуда, вақт барои омӯзиши баъзе фанҳо кам мешавад. Таърихи халқи тоҷик низ ба ин гурӯҳи фанҳо дохил мешавад. Чунин вазъият барои таҳқиқоти нави назариявӣ дар соҳаи методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик замина ба вучуд оварда, ҷустуҷӯйи равишҳои дигарро дар ташкили пешрафти таълим талаб мекунад. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти маориф зарурияти нав кардани усул, восита ва шаклҳои ташкили таълим ба миён омад. Ин бо таҳия ва татбиқи технологияҳои нави педагогӣ дар раванди таълим робитаи зич дорад.

Илми таърих як шарҳи одии ҳодисаю воқеаҳои гузашта нест, балки, он маҷмуи донишҳои сиёсӣ, динӣ ва ҳарбӣ мебошад. Таърих дар баробари дигар фанҳо ба хонандагон донишҳои нав медиҳад ва дар онҳо ғояҳои ватандорӣ ва инсондӯстиро ташаккул медиҳад. Барои дар амал татбиқ намудани ин гуфтаҳо омӯзгори муосири фанни таърих танҳо бо истифода аз усулҳои анъанавии таълим комёб шуда наметавонад. Дар фаъолияти худ истифодаи

технологияҳои навини инноватсионӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи донишҳо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ омӯзгорро муваффақ мегардонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Мушкилоти самаранокии таълим ба воситаи технологияи инноватсионӣ дар самти боз ҳам баланд бардоштани фаъолияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то андозае мавриди пажӯҳишҳои олимону мутахассисон қарор гирифтааст.

Татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълим ҳанӯз дар солҳои 60 – уми қарни XX аз тарафи ҷомеашиносони хориҷӣ Ч. Миллс, П. Гиддес, Р. Инглхарт ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд.

Дар замони ҳозира мушкилоти мазкур таҳлили амиқи худро тақозо менамояд. Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ навгонии умумист, вале омилҳои самараноки иҷтимоии он барои рушди маориф як хел нест. Ин андешаҳо дар асарҳои ҷомеашиносони Россия Г. Е. Зборовский, Ю. С. Бортсов, Д. Л. Константиновский ва Ф. Р. Филиппов низ махсус қайд шудааст.

Доир ба асосҳои методологӣ ва роҳу усулҳои гуногуни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ олимон ба монанди С. Н. Конева, Н. Шевченко, В. В. Шоган, В. В. Тороп, В. Б. Румянсева, С. П. Седих, М. Т. Студеникина, Ҳ.Э. Тангиров, Т. С. Панина, Ж. С. Ҳайдаров, Р. С. Рафиқова, Г. А. Козлова, С. А. Титоренко, В. И. Загвязинский, Н. В. Кузмина, В. В. Давидов, В. В. Рубтсов, В. М. Блинов, Б. С. Волков, И. Я. Лернер, А. А. Кирсанов ва дигарон таҳқиқот бурдаанд.

Масъалаҳои мухталифи равонӣ ва педагогӣ дар самти истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар фаъолияти олимон: В. И. Турченко, Ж. Аллак, Р. Акофф, В. Т. Лисовский, М. Н. Руткевич, Б. Саймон, Н. Смелзер, Ж.Т Тошенко, В. Н. Шубкин, Б. С. Гершунский, Э. Дюркгейм, Э. Д. Днепров ва Ю. С. Колесников таҳқиқ шудаанд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти назария ва амалияи истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни таърих дар таҳқиқоти М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, У. Зубайдов, Т. Н. Зиёзода, И. Х. Каримова, А. Мирзоев, А. Ш. Қурбонов, Б. Шомирзоев, К. Б. Қодиров, Н. Н. Шоҳиён, Т. Г. Каримов, Т. Г. Тақдиров, Ҷ. Х. Файз

ализода, М. Ғ. Шарипов ва дигар олимону дастурдеҳон равшану возеҳ таҳқиқ шудааст. Оид ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим онҳо дар асарҳои худ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим бисёр андешаҳои муфидро пешниҳод кардаанд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик бинобар сабабҳои дар поён овардашуда таҳлили ҳамаҷонибаи худро наёфтааст:

- имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илми педагогикаи муосир низоми ҳамаҷониба асоснокшудаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик мутобиқи нақшаҳои таълимӣ, стандарт, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи дидактикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вуҷуд надорад;
- ба дараҷаи лозимӣ муайян набудани ҷиҳати мазмунӣ ва технологии таълим;
- ҳамаҷониба омӯхта нашудани хусусиятҳои педагогӣ – психологии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва муносибати инноватсионӣ ба таълим;
- кам татбиқ шудани таҷрибаи беҳтарини педагогҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим, бахусус дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- қаноатбахш набудани талабот нисбат ба кадрҳои баландихтисоси нававар;
- сатҳи пасти таъминоти методии раванди татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ;
- пурра истифода набурдани намудҳои гуногуни технологияҳои муосири инноватсионӣ аз тарафи омӯзгорон;
- нарасидани кадрҳои ихтисосманди соҳаи такмили ихтисос барои гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо омӯзгорон оид ба истифодаи технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

Мубрамияти таҳқиқот аз **ихтилофоти зерин** ва ҳалли онҳо дар раванди воқеии таълим иборат аст:

• номувофиқатӣ миёни раванди таълим доир ба таъмини технологияи муосири педагогӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

• набудани ягонагӣ байни шавқу рағбати маърифатии хонандагон ва фаъолияти мустақилонаи эҷодии онҳо, инчунин ба мақсад мувофиқ набудани раванди таълим бо татбиқи усулҳои гуногуни инноватсионӣ барои рушди қобилияти зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

• ба дараҷаи зарурӣ эътироф нашудани аҳаммияти иҷтимоии инкишофи донишҳои зеҳнии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои нави педагогӣ дар раванди таълим;

• байни талабот ба ташкили таълими инноватсионӣ ва дар амалияи педагогӣ мавҷуд набудани дастурҳои методӣ оид ба методикаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ.

Аз сабаби нокифоя донистани коркарди масъала ва муқаррар намудани мубраммияти он мо мавзуи таҳқиқотиамонро – **«Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ»** муайян намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори таҳқиқотӣ дар асоси нақшаи дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Шаклу усулҳои инноватсионии таълим дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** асосноккунии назариявию методӣ ва аз ҷиҳати озмоиши педагогӣ муайян намудани шароитщои татбиқи роҳҳои самараноки таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳангоми истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлили

инноватсия дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

- ошкор намудани мавқеъ, моҳият ва бартарии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
- таҳлил намудани системаи таҳсилоти имрӯзаи ҷумҳурӣ вобаста ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
- муайян намудани хусусиятҳои гуногуни омӯзиш ҳангоми истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ бо мақсади бедор намудани шавқу рағбати хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
- вобаста ба истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ, муқаррар намудани мақоми муаллиму хонанда ва ҳамкории онҳо дар раванди таълим;
- мутобиқ намудани китобҳои дарсӣ, нақша ва барномаҳо ба талаботи муосири илми педагогика вобаста ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ.

**Объекти таҳқиқот**: раванди таълими таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияи муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**: асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва роҳу воситаҳои самараноки татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Фарзияи таҳқиқот**. Истифодаи технологияҳои навини инноватсионӣ дар ҷараёни таълим самарабахш хоҳад буд, агар:

- таҷрибаҳои хусусияти пешқадам ва навоварона дошта дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ самаранок истифода бурда шаванд;
- иштироки хонандагон дар намудҳои гуногуни усулҳои инноватсионӣ (омӯзиши мушкилот, мубоҳиса, фосилавӣ, усулҳои бозӣ ва ғайра) ташкил карда шавад;
- шавқу рағбати хонандагон ба истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва шавқовару ҷолиб гардонидани дарсҳои таърихи халқи тоҷик бедор карда шавад;

- омӯзгор бояд дар дарси ҳаррӯзаи худ аз навгониҳои соҳаи педагогикаи ҷаҳонӣ истифода барад;
- ҳамкории мутақобилаи хонандагон ва омӯзгор дар раванди таълим вусъат дода шавад;
- мутобиқ намудани дарси имрӯза бо талаботи замон ва табодули таҷриба байни муаллимони таърих барои такмили раванди таълим амалӣ карда шавад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихи таҳқиқот).** Корҳои таҳқиқотӣ асосан дар се марҳала, аз соли 2016 то соли 2022 гузаронида шуданд.

**Дар марҳалаи якум, ҷустуҷӯйӣ (солҳои 2016 – 2018)** омӯзиши масъалаҳои назариявӣ – методологии таҳқиқот ва вазъи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутолиаи адабиёти илмӣ, нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом дода шуд.

**Дар марҳалаи дуюм, муқарраркунанда (солҳои 2018 – 2020)** дар ин марҳала фарзияҳо мавриди санҷиш қарор дода шуда, талабот ба таҳқиқот муайян гардид ва ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ самтҳои асосии таҳқиқот, шаклу усулҳои он мушаххас карда шуд. Корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ бо иштироки омӯзгорони соҳибтаҷриба гузаронида шуда, инчунин мақолаҳо навишта шуданд.

**Дар марҳалаи сеюм, озмоиши ташаккулдиҳанда (солҳои 2020 – 2022)** қисми таҷрибавии кор дар марҳалаи анҷомёбӣ идома ёфт, ки дар ин марҳала хусусияти дигаргунсозиву ислоҳкунандаи худро дошт. Инчунин ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, таҳия ва силсилабандии маълумоти ба даст овардашуда, ба шакл дарории натиҷагириҳои асосӣ, пешниҳоду тавсияҳо, хулосабарорӣ, ба расмиятдарории ниҳоии рисолаи диссертатсиониро дар бар гирифт.

**Асосҳои назариявии** таҳқиқотро асарҳои илмӣ ва педагогии олимони тоҷику форс ва аврупоӣ, инчунин таҳқиқоти олимони шӯравӣ, муҳаққиқони муосири ватанӣ дар соҳаи фалсафа, педагогика, психология, таърих,

сотсиология, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ дар бар мегирад. Муаллифи рисола, пеш аз ҳама, ба таълимоти мутафаккирони тоҷику форс дар давраҳои гуногун, аз ҷумла осори Рӯдакӣ ва Кайковус, Фирдавсӣ, Низомулмулк, Тӯсӣ, Байҳақӣ, Табарӣ, Рашидӣ, Ҷомӣ, Ибни Халдун, Берунӣ, Дониш, Айнӣ ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**: Нуқтаи назари методологияи таълими инноватсионӣ аз тарафи олимони рус ва тоҷик (В. А. Сухомлинский, К. Д. Ушинский, Ю. К. Бабанский, М. Р. Богуславский, В. С. Беблер, Б. Бадмаев, Б. Ғафуров, М. Диноршоев, М. Орифов, Ғ. Ашуров, А. Баҳовуддинов, Н. Неъматов, К. Олимов, М. Осимӣ ва ғайраҳо) ва дар сатҳи илмию педагогӣ (М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Т. Зиёзода, М. Зубайдов, И. Х. Каримова, Х. С. Афзалов, Х. Буйдаков, К. Б. Қодиров, Б. Р. Қодиров ва дигарон) кор карда шудааast.

Ҳангоми навиштани рисола аз таҷрибаи пешрафтаи таълими инноватсионии умумиҷаҳонӣ, ки дар таълимгоҳҳои пешрафтаи Аврупо, Амрико ва Русия ҷорӣ карда шудааст, ба назар гирифта шудааст, истифода бурда шуд. Дар баробари ин, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи асосӣ ба равандҳои муҳимми педагогӣ ба монанди таълиму тарбия, дарки объективии ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва эҳтиром ба фарҳанги халқи тоҷик ва ҷаҳон дода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот:**

- санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;
- осори илмӣ ва педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва инчунин олимони давлатҳои дигар дар давраҳои мухталиф;
- андешаҳои таҳқиқотчиён оид ба мушкилот ва афзалиятҳои технологияҳои муосири инноватсионии педагогӣ дар раванди таълим;
- таҳқиқоти фундаменталии педагогҳо, равоншиносон, методистҳо ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни таърихи ҷумҳурӣ.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**. Кори таҳқиқотӣ ба воситаи маълумоти дар асоси таҷриба, гузаронидани озмоишҳо, омӯхтани таҷрибаи навоваронаи омӯзгорон ба даст оварда шуда, ба расмият дароварда шуд; ҳамарӯза истифодаи технологияи гуногуни инноватсионӣ дар омӯзиши

фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилу баррасӣ шуд; гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо волидайн, хонандагону омӯзгорон; таҳлил намудани фаъолияти хонандагон ҳангоми истифодаи усулҳои инноватсионӣ; мутобиқи фарзия гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: Таҳқиқоти таҷрибавӣ – озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 25, 32, 37, 38, 50, 56, 59, 66, 67– и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14 – и ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон анҷом дода шуд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд;
- методҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд;
- бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон дода истодаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- амсилаи татбиқи роҳу усулҳои инноватсионӣ пешниҳод шудааст, ки муҳтавои асосии онро фаъолияти хонандагон ва ташаккули истеъдоди онҳо дар ҷараёни таълим ташкил медиҳад.
- ба инобат гирифтани аҳаммияти ҳалкунандаи омил ва падидаҳое, ки барои ба нақшагирии раванди татбиқи технологияи муосир дар барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурда мешаванд.
- истифодаи технологияи инноватсионӣ яке аз усулҳои муҳимтарини педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури илмӣ ва маърифатии хонандагон асоси боэътимод мегузорад. Усулҳои инноватсионӣ фаъолияти гуногуни хонандагонро

инкишоф дода, онҳоро ба фаъолияти илмӣ, тадқиқотӣ ва эҷодӣ ташвиқ намуда, ба ҷаҳонбинии илмии толибилмон таъсири мусбӣ расонида, дар ташаккули арзишҳои ватандӯстиву инсондӯстии онҳо нақши муҳим мебозанд.

- технологияи инноватсионӣ на танҳо системаи таҳсилотро комил месозанд, балки қудрат дорад, ки тартиби нави дониш ва сохторҳои нави таълимиро таъсис диҳад. Бинобар ин, тақозои замон аст, ки омӯзгор аз технологияи муосир баҳра намояд ва донишҳои худро дар ин самт тақвият бахшад. Усул ва шаклҳои мухталифи инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгор касбияти худро баланд бардорад ва аз дастовардҳои охирини илм бархурдор гардад.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот**:

- натиҷаҳои ба даст омада роҳу усулҳои муосири ҷорӣ ва татбиқ намудани технологияҳои муосири инноватсиониро дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик густурда ва дақиқ муайян менамоянд;
- истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба раванди таълим қувват бахшида, ҳавасмандии хонандагонро ба фанни таърихи халқи тоҷик тақвият мебахшад;
- ҳангоми корбурди технологияҳои муосири инноватсонӣ усулу воситаҳои наве, ки дар оянда боиси инкишофи маҳорат ва малакаи хонандагон аз фанни таърихи халқи тоҷик мегарданд, муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот**ро истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик дарбар мегирад. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ раванди таълимро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба дарс афзоиш медиҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ ифода ёфта, онро муносибат нисбат ба таҳқиқи мушкилот, усулҳои мухталифи таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои ибтидоии таҳқиқот, тасдиқи мафҳумҳои дар фарзия баёнгардида, таҷрибаи амалии муаллифи диссертатсия ба сифати омӯзгори

фанни таърихи халқи тоҷик, боэътимодии системаи педагогии ҷоришуда, ки бо корҳои таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ карда шудаанд, муайян месозад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:**

- асоснокии назариявӣ – методологии таҳқиқот, аниқ кушода додани мафҳумҳо вобаста ба ҷорӣ ва ҳамзамон татбиқ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудаанд;
- барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои мувофиқ бароварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Инчунин муқаррарот ва хулосаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, инчунин дар конференсияҳо, баромадҳо, семинарҳои илмӣ – методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 25, 32, 37, 38, 50, 56, 59, 66, 67 – и шаҳри Душанбе ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14 – и ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (2016 – 2022) пешниҳод ва муҳокима карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия 3 дастури таълимӣ, 20 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 5 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА – и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия, инчунин 1 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (189 номгӯй) иборат буда, 171 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Баёни мавод бо диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва расмҳо, ки муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқи – қотро инъикос мекунанд, мусаввар карда шудааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ МУВАФФАҚШАВӢ БА САМАРАНОКИИ ТАЪЛИМИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## § 1.1. Нақши дастовардҳои илми педагогикаи муосир дар истифодаи технологияи инноватсионӣ ҳамчун воситаи муҳимму самаранок дар таълими таърихи халқи тоҷик

Ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ, аз ҷумла, ба фанни таърих бевосита дахл кард ва таърих низ мисли дигар илмҳо пайваста рушд мекунад ва ғанӣ мегардад, яъне дар муҳтаво ва равишҳои он дар ҷузъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ навоварӣ ва тағйирот ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки дар истифодаи технологияи таълим аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ низ бояд дигаргуниҳо ба амал баровардa шаванд.

Фанни таърих дар баробари дигар фанҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба хонандагон асосҳои дониш бахшад, шахсияти онҳоро мутобиқи арзишҳои инсондӯстона ва демократӣ ташаккул диҳад. Бо назардошти талаботе, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ гузошта шудаанд, ин корро танҳо бо усулҳои пештараи анъанавӣ самаранок пеш бурдан мумкин нест.

Илми таърих як изҳороти одии далелҳо ё омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ нест, ки панҷ ё даҳ ҳазор сол пеш рух дода буданд, балки таърих хазинаи донише мебошад, ки дар он донишҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, динӣ захира шуда, имрӯзу фардо ба кор меоянд ва саҳву хатоҳои гузаштаро фаромӯш нокарда, аз онҳо дарси ибрат мегирем.

Дар асри I – и пеш аз милод Марк Туллий Ситсерон чунин фикрашро баён карда буд: «Таърих дар ҷавонон хиради пиронсолонро инкишоф медиҳад» [157, с. 78]. Пас маълум мегардад, ки илми таърих ҳанӯз дар замонҳои қадим манфиату моҳияти худро нишон дода будаст. Таърих

ба монанди мӯйсафедест, ки пиру нотавон шудаву дигар коре карда наметавонад, аммо ақлу хирад ва таҷрибаи ин пири барно барои ҷавонон намунаи ибрат ва роҳнамои зиндагӣ аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки аввалин сохтори давлатдориро мӯйсафедон дар асоси таҷриба ба вуҷуд овардаанд. Ҳеродод – «Падари таърих» дар асараш «Таърих» навиштааст, ки «дар Юнон ва Рими қадим давлатдорон мӯйсафедон буданд, ки барои ҷавонон хирад ва таҷрибаи давлатдориро меомӯхтанд» [20, с.245].

Мо бояд масъалаи муфиди таърихро дар мадди аввал гузорем ва бароиояндагон моҳияти илми таърихро ҳаллу фасл намоем. Карл Маркс ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX гуфта буд: «Мо танҳо як илмро медонем, ки ин илми таърих аст» [85, с.135]. Ин файласуфи бузург, ҷомеашинос, иқтисоддон, нависанда ва сиёсатмадор дар замоне ин суханро гуфт, ки он вақт дар Аврупо илмҳои табиӣ – механикӣ пешрав буданд. Маркс дарк карда буд, ки бе донистани моҳияти илми таърих ҷомеа ва ояндаро фаҳмидан ва сохтан хеле душвор аст.

Асри XXI асри технологияҳои нави инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, рӯз аз рӯз таваҷҷуҳ ба онҳо ва инчунин ба фанни таърих зиёдтар мегардад. Илми таърих инсонро водор мекунад, ки аз воқеаҳои хубу бад худ хулоса барорад ва ҳеҷ гоҳ зиракиро аз даст надиҳад. Олими олмонӣ Фридрих Шлегел барҳақ гуфта буд: «Таърих ин пайғамбарест, ки ба гузашта рӯй меоварад» [169, с. 135].

Баъзе олимон ба монанди Абузайд Абдураҳмон ибни Муҳаммад, маъруф ба Ибни Халдун, Фридрих Энгелс ва Карл Маркс қайд мекунанд, ки таърих ин илми дақиқ аст, зеро он хронологияи рӯйдодҳоро талаб мекунад [165, с. 19]. Яъне мавҷудияти далелҳое, ки аз санаи муайян вобаста мебошанд, ба сифати илм дорои якчанд вазифа мебошанд:

1) ҷаҳонбинӣ (фаҳмидани рӯйдодҳои гузашта);
2) амалӣ (дарки равандҳои объективии таърихӣ);
3) таълимӣ (ташаккули ахлоқ, ватандӯстӣ ва ҳушёрӣ);
4) маърифатӣ (маълумот дар бораи рӯйдод ва замонҳо).

Вобаста ба ин, Ситсерон қайд кардааст, ки «Таърих мураббии ҳаёт аст. Таърих на танҳо сарчашмаҳову воқеаҳоро меомӯзад, балки мақсади

аслиаш такомули рӯҳи инсон аст. Агар рӯҳи инсон бо роҳи дуруст ҳидоят карда шавад, пас ӯ метавонад зиндагиномаи ояндаи худро бо мақсаду рӯшан гардонад» [157, с. 86].

Ҳақ ба ҷониби олими фаронсавӣ Жюл Франсуа Эли Леметр аст, ки гуфта буд: «Ҳамаи одамон дар эҷоди таърих иштирок мекунанд. Бинобар ин ҳар кадоми мо метавонем ақаллан саҳми ночизи худро баҳри зебо гардидани он расонем ва нагузорем, ки он аз ҳад бадшакл гардад» [13, с. 121]. Инсон шояд ба мақсаде офарида шуда бошад, ки низому тартиботро ҷустуҷӯй намояд, ба тӯли кӯтоҳи зиндагии худ равшанӣ андозад, ояндаро дар заминаи гузашта бисозад. Вагарна барои инсон ҳофиза ва хотира чӣ лозим аст?

Илми таърих дар омӯзиши фарқи байни гузашта ва ҳозира ба мо кӯмак мекунад, ки ҷаҳони муосирро дуруст дарк кунем ва ба сӯйи оянда ҳаракат намоем. Бо шарофати илми таърих зиндагӣ шавқовартар аст, чунки бисёр шахсон ба он мурочиат мекунанд, то мавқеи худро пайдо ва ҳимоя кунанд.

Ҳузури шахс дар таърих ҳамчун субъекти оянда раванди таърихро гуногунранг менамояд. Таърихнигори фаронсавӣ Люсен Февр қайд мекунад, ки таърих «... нозирии ғуломонро бас мекунад ва саъй мекунад ба як орзуи куштор (ба ҳама маънои калима): ба зиндаҳо иродаи худро амр мекунад, гӯё ки мурдагон ба ӯ интиқол дода бошанд ... » [156, с. 37]

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда як қатор натиҷаҳои хусусиятҳои методологӣ дошта ба миён меоянд. Озодии инсон ва таърихи бо он алоқаманд ин хатари имконпазир, жанрҳои нави пешгӯйиҳои догматикӣ мебошад. Яке аз онҳо бо кашфи имкониятҳои наву зарурӣ барои шахс дар таърих, дигаре бо кашфи хатарҳои нав алоқаманд аст .

Тасвири схоластикии ҷаҳон дар назди мо таърихи аз уҳдадориҳои марговар озодро мекушояд. Бо назардошти он, ки усули фалсафаи таърих усули сенарияҳои гуногун аст, ки метавонанд аз рӯйи ду меъёри гуногун сохта шаванд: аз рӯйи меъёри эҳтимолият ва аз рӯйи меъёри матлуб.

«Замоне фаро расидааст, ки инсон ҳамчун субъект метавонад дар муқобили ахлоқ ва фарҳанг баромад кунад. Системаи арзишҳо зери шубҳа

гирифта мешаванд ва боз ба инсон як масъулият барои мутобиқ шудан ба талаботи муосир вогузор карда мешавад. Талаботи баҳисобгирии бозор ба маориф ва илм сахт вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, мутобиқшавӣ ба бозор ягона роҳ ва ҳатмӣ мебошад» [165, с. 20]

Аммо дар ҷаҳони илмӣ имрӯз, тавре ки аз манзараи муосири илмии ҷаҳон бармеояд, дурнамои ягона ва Кодекси ягонаи рафтори иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Фанни таърих – ба бозор монанд аст, чунки ин рақобати стратегияҳо ва намудҳои гуногуни рафтор мебошад.

Дар заминаи ин, бояд гуфт, ки аксари илмҳои марбут ба таърих онро бо фалсафа ва муқаррароти назариявӣ ва методологии худ бой ва мусаллаҳ мекунанд. Ба ин назарияи таълим ҳамчун ҷузъи таркибии педагогика, фалсафаи умумӣ, фалсафаи фанҳои илмӣ аз ҷумла, таърих, сотсиология, психология, сиёсатшиносӣ ва баъзе дигар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дохил мешаванд, ки бидуни онҳо назария ва методологияи таърих ташаккул ёфта наметавонад. Дар бораи баъзеи онҳо мухтасар маълумот медиҳем.

Ҷомеашиносӣ яке аз фанҳои пешбарандаи донишҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар бораи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа сухан меравад. Аз ин рӯ, маҳаки асосии омӯзиши фанни ҷомеашиносӣ дар маҷмуъ ҷомеа ва сохторҳои он мебошад. Ҳамзамон, дар гузашта ҷомеаро на ҳамчун тамоми ҷомеаи инсонӣ, балки ҳамчун ҷамъиятҳои инфиродӣ, ки дар шакли давлатҳои миллӣ намояндагӣ мекарданд, медонистанд. Ҷомеашин осӣ мушкилоти инсониятро бо таҳлили равандҳои умумиинсонӣ ва масъалаҳои ҳамкории ҷомеаҳои инфиродӣ, яъне сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ ҳал мекунад, аммо дар меҳвари таҳқиқоти вай ҷамъиятҳои алоҳида меистанд.

Дар ҷомеашиносӣ на танҳо назарияҳое омӯхта мешаванд, ки дорои сатҳи ниҳоии умумигардонӣ барои як фанни муайян, балки назарияи элита ва табақаҳои гуногун низ вуҷуд доранд. Онҳо дар як доираи интихобшудаи соҳаи фанни ҷомеашиносӣ фаъолият мекунанд. Файласуфон онҳоро на танҳо ҳангоми сохтани назарияҳои пешқадам ё ниҳоии умумият, балки ҳамчун назарияҳои умумии сотсиологӣ ба назар мегиранд.

«Дар сохтори илмҳо дар бораи ҷомеа фалсафа аз ҳама бештар назарияҳои умумие месозад, ки нақши методологӣ ва ҳамкориро бо назарияҳои макро – сотсиологӣ иҷро мекунанд. Фалсафа сотсиологияро бо схемаҳои консептуалии маърифатӣ таъмин менамояд» [165, с. 22).

Илми равоншиносӣ ҳамчун яке аз қисматҳои илм ва асоси методологии таълими фанни таърих дар муассиса, ҳамчун заминагузор ба корҳои назариявӣ ва роҳнамоии таҳқиқот ва пешниҳоди омӯзгор бо меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки психологӣ, ки ба муносибати дуруст ҳам барои рушди назария ва ҳам ба амалияи фанни таърих дар муассиса ва ҳам ба таълими он мусоидат менамояд, баромад мекунад. Ин ба курси таърихи халқи тоҷик низ дахл дорад.

Тағйирёбии мундариҷа, функсияҳои таълим ва моделҳои онро динамикаи давраҳои фарҳангӣ ва вазъияти мушаххаси таърихӣ муайян мекунанд. Имрӯз як навъи нави фарҳанг ташаккул ёфта истодааст, ки дастовардҳои ҳамаи давраҳои фарҳангии қаблиро дар бар мегирад, ки ҳар яке таърихи фарҳанги ҷаҳонро бо таҷрибаҳои беназир бой гардондаанд. «Аммо ҳанӯз як низоми мувофиқи таълимӣ вуҷуд надорад, ки боиси ҷустуҷӯйи пуршиддати модели оптималии таҳсилот гардад, ки ба навъи ташаккулёфтаи фарҳанг мувофиқат кунад ва ба талаботи имрӯзаи тамаддуни муосир ҷавобгӯ бошад» [165, с. 23].

Муҳимтарин шароити идеологӣ ва методологӣ тасҳеҳи моделҳои таълимӣ, идеяи ягонагӣ ва ҳамкории маориф ва фарҳанг, тафсири таълим ҳамчун як шакли роҳандозии фарҳанг ва муҳимтарин шарти ташаккулёбии шахсият мебошад.

Аз ин ҷиҳат, маориф як системаи иҷтимоию фарҳангие ба ҳисоб меравад, ки муттасилии фарҳангӣ ва интиқоли меъёрҳо, арзишҳо, ғояҳо ва рушди фардияти инсонро ҳамчун як роҳи омода кардани шахс дар ҷомеаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин менамояд.

Омӯзиш ва азхудкунии донишҳое, ки дар бораи технологияҳои муосир мебошанд, ба он дараҷае самараноканд, ки метавонанд дар шахс маънавиятро ба вуҷуд оваранд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, маориф роҳи ягонаи ташаккули ояндаи миллат аст. Он омили ҳалкунандаи пешрафти иқтисодӣ ва амнияти маънавии шахс ва ҷомеа мебошад. Ин бевосита ба омӯзиши фанни таърих дахл дорад. Аз сабаби он ки фанни таърих хусусияти ҷустуҷӯҳои гуногуни доимӣ ва пешгӯинашаванда дорад, ҳар як аъзои ҷомеаи инсонӣ метавонад бо шарофати дониши ба низом даровардашудаи гузашта худро шиносад ва дарк кунад.

Бо назардошти ин хусусияти таърих В. О. Ключевский навиштааст: «Ниёгонро омӯхта, мо худро мешиносем. Бидуни донистани таърих, мо бояд худро тасодуфӣ эътироф кунем, намедонем, ки чӣ гуна ва чаро мо ба ҷаҳон омадаем, чӣ гуна ва барои чӣ дар он зиндагӣ мекунем, чӣ гуна ва барои чӣ бояд саъй кунем» [94].

Дар ин робита олими тоҷик А. Ҳ. Самиев қайд мекунад, ки «тавассути анъана, хотираи таърихӣ ва шуур тасвири муносиби рӯйдодҳо ва равандҳои таърихӣ эҷод карда мешаванд, ки онҳо ба заминаи умумии таърихӣ дохил карда шудаанд, ки ба мо имкон медиҳанд, ки мавқеи воқеии онҳоро дар рушди раванди таърихӣ нишон диҳем ва бо ин тавозуни арзишҳои этникӣ, миллӣ ва умумибашариро таъмин намоем» [129, с. 53].

«Мантиқи рушди таърихи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маънои воқеӣ ва аҳаммияти умумиинсонии ҳама гуна рӯйдодҳо, равандҳо воқеан танҳо дар заминаи таърихи ҷаҳонӣ шинохта ва дарк карда мешавад, дастгирӣ ба андешаи ӯ, дар ин амал бояд заминаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки маънавӣ ва ахлоқӣ бошад. Анъана, хотираи таърихӣ, шуури таърихӣ ва худогоҳии мардум метавонанд ба чунин заминаи асосӣ хидмат кунанд» [129, с. 53].

Омӯзиши асосҳои назариявии технологияи муосири инноватсионӣ дар фаъолияти муаллими фанни таърихи халқи тоҷик равишҳои инноватсиониро дар амал тақозо мекунад. Дар заминаи ин, бояд гуфт, ки дар ҳоли ҳозир дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон соҳаи таҳсилот ҳам маълумоти умумӣ ва ҳам касбӣ дар асоси технологияи нави хеле самараноки таълим кор мекунанд, ки имкон медиҳад, ки дониши назариявӣ бо ҳаёт ва тартиботи иҷтимоии ҷомеа пайваст карда шавад. Ин кор бояд бо суръате амалӣ карда шавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо

бо рушди технологияи нав ва талаботи афзояндаи ҷомеа дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси миллӣ ҳамқадам бошад.

Мо асосҳои методологии фанни таърихи халқи тоҷикро ҳамчун маҷмуи категорияҳои маърифатӣ ва принсипҳои дидактикӣ мефаҳмем, ки мундариҷа ва усулҳои гуногуни ташкили фаъолияти таълимии хонандагонро муайян мекунанд.

Раванди таърихӣ ин натиҷаи пайдарҳамии рӯйдодҳое мебошад, ки дар онҳо фаъолияти бисёр наслҳои одамон зоҳир мешавад. Ба гуфтаи Т. Н. Зиёзода, «... вазифаи асосии стратегии омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таърих, ташаккули фарҳанги сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва маънавии хонандагон мебошад. Фанни таърих, ба мисли дигар фанҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, фармоиши иҷтимоии ҷомеаро иҷро мекунад. Вазифаи он ба хонандагон додани асосҳои дониш, ташаккул додани онҳо дар асоси арзишҳои башардӯстӣ ва демократӣ мебошад. Аммо дар шароити талаботе, ки дар назди муассиса гузошта шудааст, ин корро танҳо бо ёрии усулҳои қаблӣ самаранок иҷро кардан мумкин нест. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, равишҳои нави муассир лозиманд» [38, с. 114:36, с. 4].

Ба ақидаи Т. Н. Зиёзода, «аҳаммияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик раднопазир аст, аммо дар ин ҷо бояд чанд самтро қайд кард:

1) таълими таърих дар муссиса, ба монанди тамоми соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, имрӯз дар оғози роҳи навсозӣ кардани мундариҷаи таълим, расидан ба ҳадафҳои таълимию тарбиявӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, аҳаммияти робитаҳои методологиро дар таҳлили сохтории фанни таърих бо илмҳои сотсиология, психология, фалсафа ва педагогика ба миён меорад;

2) майдони донишҳои тахминӣ барои хонандагон ва барои худи омӯзгор низ хеле васеъ мешавад. Чунин талаботҳо сатҳи баланди касбии педагогҳо – муаррихонро пешбинӣ мекунанд, ки онҳо бояд на танҳо бо донишҳои таърихӣ мусаллаҳ шуда бошанд, балки дар бораи тамоми илмҳои гуманитарӣ маълумоти зарурии дошта бошанд;

3) омӯзгор бояд бо усули мувофиқи таълим шинос бошад, то ки дар татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълим

муваффақ гардад. Омӯзгори муосири фанни таърихи халқи тоҷик бояд на танҳо дониш, балки далелҳои мушаххаси таърихиро бо назардошти синну соли хонандагон дода тавонад» [38, с. 116).

Ҳамин тариқ, бо ҳалли масъалаҳои дар боло овардашуда, мо метавонем тарбия ва ташаккули як насли ҷавони фаъол, дорои фикру андешаҳои нав ва эҳтиромгузор ба таърихи гузаштаи халқи худро дуруст ба роҳ монем. Метавонем тасдиқ кунем, ки сарчашмаҳои технологияҳои муосири инноватсиониро дастовардҳои охири илмҳои сотсиология, педагогика, психология ва таҷрибаи пешқадами педагогҳои ватанию хориҷӣ дар бар мегиранд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки илмҳои сотсиология, фалсафа ва психология дар ташаккули заминаи методӣ, воситаҳои технологияҳои муосири таълим нақши назаррас доранд.

Дидактикаи муосир яке аз қисмҳои муҳиммтарини илми педагогика аст, ки босуръат рушд карда, бо категорияҳо, мафҳумҳо, равишҳо, технологияҳои омӯзишии нав пурра шуда, беҳбудии амалии соҳаи маорифро инъикос менамояд ва дар баробари ин боиси рушди илми педагогика мегардад.

Мушкилоти баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи дидактикаи умумӣ ва хусусӣ мебошад. Дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он, муаллимон усулҳои таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯйӣ, шаклҳои гуногун ва ғайристандартии гузаронидани дарсҳо, бозиҳои дидактикӣ ва ғайраро истифода мебаранд.

Аммо дар солҳои охир «таваҷҷуҳи дастурдеҳон ва омӯзгорон бештар ба аз худ кардани шаклҳо ва усулҳои фаъоли истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълимӣ нигаронида шудааст, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ташаккули шахсияти хонандагон мувофиқат мекунад» [165, с. 22).

Барои назариётчиёни таълимӣ маълум шуд, ки яке аз омилҳои асосии рушди шахсият фаъолияти амалӣ ва ҳамкории байни одамон мебошад. Дар ин кор фанни таърих дар муассиса накши муҳим мебозад. Бо

ёрии омӯзиши самаранок натиҷаҳои хуби таълимӣ ба даст оварда мешаванд, агар:

- хонандагон дар дарсҳо ва корҳои иловагӣ бо ҳамкории коллективона бо дигар иштирокчиёни раванди педагогӣ фаъолона ширкат варзанд;
- хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки дар дарс ва берун аз он мавқеи худро дарк намоянд;
- хонандагон ба он чизе, ки дар раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ дучор хоҳанд шуд, омода мешаванд;
- хонандагон аз баён кардани фикрҳои худ, хатогиҳои инфиродӣ дар раванди дарс намеҳаросанд;
- хонандагон барои мустақилона шинохтан ва аз худ кардани маводи таълимӣ кӯшиш мекунанд.

Ҳамаи талаботи дар боло зикршударо тавассути истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълим, ки ба муҳокима ва ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим асос ёфтааст, қонеъ кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо шаклу усулҳои истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дида мебароем.

Таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки сатҳи назариявии истифодаи шаклҳо ва усулҳои инноватсионии таълим, ки дар таҷрибаи таълимӣ истифода мешаванд, боиси ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон аз фанни таърих мегардад.

Ҳангоми фаъолияти таълимии хонандагон, мустақилият ва эҷодкории хонандагон рушд мекунад, вале вазифаи омӯзандагии омӯзгор ҳамчун омили асосии муайянкунандаи таълими муассисавӣ боқӣ мемонад.

Раванди муосири таълим, ки дар истифодаи шаклҳои гуногуни технологияҳои муосири инноватсионӣ ҷой дода шудааст, пеш аз ҳама, ба ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун омодагӣ, қобилият ва муоширати хонандагон нигаронида шудааст. Он аз фароҳам овардани шароити дидактикӣ ва психологӣ иборат буда, дар он хонанда на танҳо фаъолияти зеҳнӣ, балки мавқеи шахсии иҷтимоӣ ва инчунин фардияти худро нишон медиҳад.

Оид ба ин масъала нуқтаҳои назари мухталиф мавҷуданд. Масалан, яке аз онҳо ба як шогирде монанд аст, ки дар раванди фаъолияти таълимӣ бо дараҷаҳои гуногуни фаъолият иштирок мекунад. Ин нуқтаи назарро Г. И. Шукина «ҳамчун сатҳи репродуктивӣ – тақлидӣ, ҷустуҷӯйӣ ва эҷодии фаъолияти хонандагонро фарқ мекунад, ки ин ба яке аз таснифоти усулҳои таълим мувофиқ аст» [171, с. 89].

Дар ин робита, Т. И. Шамова се сатҳи фаъолияти маърифатиро фарқ мекунад, ки онҳо «таҷдиди назар, тафсир ва эҷодӣ мебошанд. Сатҳи аввал, ки таҷдиди он аст, бо хоҳиши хонанда барои фаҳмидан, дар хотир доштан, таҷдиди донишҳои андӯхта ва аз худ кардани усулҳои иҷрои амалҳо аз рӯйи намуна тавсиф карда мешавад» [167, с. 88].

Сатҳи тафсирӣ аз хоҳиши дарк кардани маводи омӯхташуда, истифодаи дониши азхудшудаи фаъолияти маърифатӣ дар шароити нави таълим ва фаъолияти иловагӣ ба даст меояд.

Сатҳи эҷодӣ ва омодагии хонандагон бо арзёбии назариявӣ ва ҷамъбасти маводи таълимӣ, робитаҳои гуногун ва ҷустуҷӯйи мустақили фаъолонаи онҳоро дарбар мегирад. Вобаста аз сатҳи фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълим, омӯзишро ба методи фаъол ва ғайрифаъол тақсим мекунанд.

Дар усули фаъоли таълим, хонандагон ва муаллим дар давоми дарс ва берун аз он бо ҳам робита доранд ва хонандагон дар ин ҷо шунавандагони фаъол мебошанд.

Дар усули ғайрифаъол бошад, хонанда ҳамчун объекти ғайрифаъоли таълимӣ амал мекунад ва танҳо муаллим нақши асосиро иҷро мекунад. Робитаи муаллим бо хонанда танҳо тавассути пурсишҳо, корҳои мустақилона, супоришҳои назоратӣ ва тестӣ амалӣ карда мешавад, лекин усули ғайрифаъол самаранок эътироф нашудааст.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди фаъолияти илмӣ ва тарбиявӣ хонандагон бо омӯзгорон дар мавқеи баробар қарор доранд, ки дар онҳо услуби демократии омӯзиш мавҷуд аст.

Истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими таърих ҳамкориро дар бар мегирад, ки хонандагон бо ҳамдарсонашон бо

усулҳои суҳбат, муколама ва дигар амалҳои педагогӣ метавонанд робита барқарор намоянд.

Мувофиқи хусусияти фаъолияти маърифатии хонандагон И. Я. Лернер ва М. Н. Скаткин таснифоти худро пешниҳод карданд, ки аз унсурҳои зерин иборат аст: «усули тавзеҳӣ – иллюстративӣ, усули репродуктивӣ, пешниҳоди мушкилот, усули қисман ҷустуҷӯ ё усули эвристикӣ, усули таҳқиқот» [79, с. 43].

На ҳамаи андешаҳои олимону дастурдеҳон ба усули технологияҳои муосири инноватсионии мувофиқат мекунад ва фаъолияти хонандагон, ки ба ташаккули салоҳияти онҳо нигаронида шудааст, то ҳол ноомӯхта боқӣ мемонад.

Манбаи омӯзиши фаъол ташкили раванди таълимие мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва амалии хонандагон, ки дар якҷоягӣ фаъолияти маърифатиро ба вуҷуд меоранд, равона шудааст. Фаъолияти хонандагон бо воситаи маҷмуаҳои муассири педагогӣ (дидактикӣ) бо технологияҳои муосир боз ҳам ҷонноктар гардонида мешавад. Аз ин рӯ, «моликияти шахсӣ, ки ба тариқи махсус, дар раванди муташаккили маърифатӣ, бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва синну соли хонандагон ба даст оварда мешавад, инкишоф меёбад» [7, с. 51].

Як қатор муҳаққиқон омилҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти хонандагонро дар муҳити табиие, ки одамро иҳота мекунад, интихоб мекунанд. Ба чунин омилҳо ҷузъҳои зерини дидактикиро дохил кардан мумкин аст: таваҷҷуҳи касбӣ; хусусияти эҷодии фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ; фаъолияти гуногуни мутақобилаи хонандагон.

Усули дигари педагогӣ ин суҳбат мебошад, ки бо муҳити фаъолияти муаллим ва усулҳои кори ӯ бо хонандагон дар гурӯҳ ва даста алоқаманд мебошад. Илова ба ин, дастурдеҳон ва муҳаққиқон роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии таълимиро ба унсурҳои зерин вобаста медонанд: инфиродӣ ва худомӯзӣ, механизми худтанзимкунӣ ва худидоракунӣ; фароҳам овардани шароит барои ҳавасмандгардонии хонандагон. Масалан, кӯшиши хонандагон барои азху дкунии намудҳои гирифтани дониш ва малакаҳо. Тақвияти кори зеҳнии

хонандагон бояд тавассути истифодаи дурусти вақт, ташкили робитаи мустаҳками хонандаю омӯзгор ва байни худи хонандагон сурат гирад.

Як қатор муҳаққиқон ба монанди Б. Бадмаев, М. Новик, С. Д. Смирнов, А. М. Смолкин, Л. Г. Семушина, Н. Г. Ярошенко ва дигарон усулҳои фаъоли таълимро фарқ мекунанд ва аз ҷониби онҳо он усулҳое пешниҳод шудаанд, ки «муносибатро ба фаъолияти бештари субъект дар раванди таълим татбиқ мекунанд» [88, с. 169]. В. Я. Ляудис, Б. Бадмаев, «ба усулҳои фаъоли омӯзиши барномарезишуда, омӯзиши мушкилот ва истифода аз технологияҳои муосири инноватсионии таълимиро дохил намудаанд» [5, с. 74].

Ба ақидаи М.М. Поташника ва В.С. Лазарева, «навовариҳо дар соҳаи маориф тағйироти фарогире мебошанд, ки унсурҳои навро ба система табдил медиҳанд, ки он аз як шакл ба шакли дигар мегузарад». Албатта инноватсия дар ҳолате ҷорӣ карда мешавад, ки ба он талабот пайдо гардад. Ба туфайли он дар ҷараёни таълимӣ - тарбиявӣ дар мактаб ё донишгоҳҳо дигаргуниҳои сифатӣ амалӣ мегарданд. [115, с. 125 ].

Бисёре аз муҳаққиқон ба он назаранд, барои ҳамаи омӯзгорон муносибатҳои озод, боэътимод ва хайрхоҳона бо хонандагон, қобилияти истифодаи воситаҳо ва шароитҳои махсуси иҷтимоӣ ва психологӣ хеле муҳим аст.

Ба андешаи мо, иштироки инфиродии худи муаллим дар раванди таълим ва тарбия хеле бузург буда, муассиса, ташкилоти ҷамъиятӣ, ва волидон низ онро иваз карда наметавонанд. «Нуфуз ва касбияти омӯзгор дар заминаи тафаккури миллӣ ва суннатҳои эҳтиром ва арҷгузорӣ метавонад барои омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионии таълимӣ пойдевори мустаҳкаме гардад» [165, с. 126].

Ба андешаи Ф. Шарифзода, нақши муаллим на танҳо барои таълим додан, балки кӯмак ба хонандагон аст, ки онҳо омӯзанд ва рушд кунанд: «Муаллим, пеш аз ҳама, бояд созандаи муҳити рушдёбанда бошад, ки хонандаро ба омӯзиш ташвиқ кунад» [155, с. 200].

Истифодаи компютер дар раванди дарс бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионии таълимӣ робитаи доимии байни корбар ва компютерро таъмин намуда, ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҷараёни таълимро самаранок дарк карда, онро назорат кунанд, вақти ҷудошударо танзим кунанд ва ба марҳалаҳои қаблии омӯзиш баргарданд ва ғайра.

Илми педагогика мафҳуми «таълими технологияҳои муосири инноватсиониро бо ҳамкории мустақими хонандагон бо муҳити онҳо, муҳити таълимӣ ва тарбиявӣ, ки ҳамчун объекти таҷрибаи омӯхташуда хизмат мекунанд, ташаккул медиҳад ва равшан месозад» [95, с. 191]

«Омӯзиш ба муносибатҳои мутақобилаи педагогӣ – психологӣ ва муносибати байни инсонҳо асос ёфтааст» [8, с. 68] «Омӯзиш, ҳамчун раванди муштараки маърифатӣ фаҳмида мешавад, ки дар он донишҳо дар фаъолияти якҷоя тавассути муколамаи хонандагон байни худ ва бо омӯзгор ба даст оварда мешаванд» [57, с. 176].

Олим ва педагоги машҳур А. В. Зиков чунин ақида пешниҳод кардааст, ки «саводнокии иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои инсоният қобилиятҳои навро эҳё намуда, суръати кори онҳоро ба чандин маротиб метезонанд». Ӯ инчунин илова мекунад, ки «новобаста ба синну сол, бояд ҳар як фард дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ аз маҷмуи технологияҳои инноватсионӣ васеъ истифода намояд» [101, с. 479].

Ҳамин тариқ, омӯзиши инноватсионӣ омӯзиши маърифатие аст, ки дар раванди таълим ва берун аз он дар шакли фаъолияти якҷояи хонандагон гузаронида мешавад. Ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим бо ҳамдигар муносибат мекунанд, иттилооти таълимиро мубодила мекунанд, якҷоя ва бо гурӯҳҳо ҳал мекунанд, амалҳои ҳамсабақон ва рафтори худро низ баҳо медиҳанд.

Дар ҷараёни дарс хонандагон ба фазои воқеии ҳамкориҳо фаро гирифта мешаванд, то мушкилоти мавҷударо ҳал кунанд. Ҳамзамон, дар рафти дарс ва корҳои беруназсинфӣ тағйироти доимии намудҳои фаъолият: мубоҳисаҳо, бозиҳо, баҳсҳо, кор дар гурӯҳҳои хурд гузаронида мешаванд.

Ба ғайр аз ин, таълими инноватсионӣ дар дарс «ба ҳамкории мустақими хонандагон бо ҳамкориҳои таълимӣ ё муҳити таълим асос ёфта, ҳамчун як воқеият амал мекунад, ки хонандагон барои худ майдони азхудкунии таҷрибаро пайдо мекунанд» [61].

Таълими инноватсионӣ омӯзишро ҳамчун мантиқи муқаррарии раванди таълим дар бар мегирад. Он дар асоси таҷрибаи нав барои фаҳмиши назариявӣ тавассути татбиқи самарабахш ташаккул меёбад. Таҷриба ва дониши хонандагон дар раванди таълим ва тарбия ҳамчун манбаи ҳамкорӣ, бойгардонии дониши тарафайн хизмат мекунад.

Хонандагон дар мубодилаи дониш ва таҷрибаи худ аксар вақт як қисми вазифаҳои таълимии омӯзгорро ба уҳда мегиранд, ки ин иштироки фаъоли онҳоро дар дарс такмил медиҳад ва ба фаъолияти пурсамар дар таълим ва тарбия мусоидат мекунад.

Айни замон, таваҷҷуҳи олимон, омӯзгорони навовар ба омӯзиши таълими инноватсионӣ афзудааст. Ин вазъ ба омилҳои зерин вобаста аст:

– ин равандҳо дар муассисаҳо бо демократикунонии ҷомеа ва муносибатҳои баробари субъектҳои таълим тавсиф карда мешаванд. Муносибатҳои тобеъро дар ин ҷо муносибатҳои шарикӣ иваз мекунанд. Тағйироти иҷтимоӣ дар ҷомеа боиси тағйир ёфтани парадигмаи таълимӣ, гузариш аз шаклҳо ва усулҳои асосан танзимкунанда, алгоритмӣ ба ташкили раванди барномарезишудаи дидактикӣ ва таҳқиқотӣ гардиданд. «Усули ҷустуҷӯйӣ пайдоиши ангезаҳои муассир ва манфиатҳои самараноки маърифатӣ, шароити эҷодкориро дар таълим таъмин менамояд» [16].

– зарурати ҳалли масъалаи ҳавасмандгардонии фаъолияти хонандагон дар раванди дарсро ба вуҷуд меорад. Ин на танҳо бо усулҳои дидактикӣ, балки инчунин бо истифодаи самараноки шаклҳо ва усулҳои муошират, фароҳам овардани фазои бароҳат, ҳавасмандкунанда ва эҳтироми шахсияти хонанда ба даст оварда мешавад. Дар ин робита, И. П. Смирнов қайд мекунад, ки «... доро будани қобилияти хуби муошират бо ҳамдигар ва бо хонанда эҳтимолан яке аз муҳимтарин омилҳои муайянкунандаи мақоми ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимӣ,

қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ хоҳад шуд» [131, с. 165].

Консепсияи таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таълим як самти таҳсилот мебошад, ки на танҳо барои азхудкунии миқдори муайяни дониш барои хонандагон, балки инчунин дар ташаккули шахсият, қобилияти маърифатӣ ва эҷодии ӯ, дарёфти таҷрибаи муассири мустақил барои ташаккули салоҳияти таълимии муосир дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа хизмат мекунад.

Дар байни муҳимтарин салоҳиятҳо, инҳоро қайд кардан зарур мешуморем:

– иштирокчиёни раванди таълим бояд пайваста омӯзанд ва дар доираи муайяни ҳадафҳо ва вазифаҳо амал кунанд;

– ба иштирокчиёни раванди педагогӣ лозим аст, ки якҷоя бо ҳамдарсон амал карда тавонанд; якҷоя фаъолият карданро омӯзанд: бо якдигар созиш ва ҳамкорӣ кунанд;

– агар қобилияти инфиродии иштирокчиёни раванди педагогӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ набошад, онҳо бояд дониши худро мустақилона сайқал диҳанд.

Ташаккули салоҳият танҳо тавассути таҷриба ва муоширати гурӯҳӣ имконпазир аст ва чунин таҷрибаро фақат дар ҳолати таълими инноватсионӣ ба даст овардан мумкин аст.

Дар ин раванд принсипҳои психологӣ, шаклҳо ва усулҳои таълими инноватсионӣ нақши муҳим доранд. Дар байни принсипҳои асосии он ҳамкории муколамавӣ миёни хонандагон истифода мешавад: кор дар гурӯҳҳои хурд бо иттиҳоду ҳамкорӣ; ташкили нақши фаъол, омӯзиш ва ҳоказои дигар.

Дар таълими инноватсионӣ дар раванди таълим ва тарбия омӯзгор вазифаи ёрдамчиро барои расонидани иттилоот иҷро мекунад. Дар маркази асосии фаъолияти омӯзгор на танҳо як шогирди инфиродӣ, балки як гурӯҳи омӯзандагони бо дониш мусаллаҳу рақобаткунанда, ки метавонанд ҳамдигарро барангезанд ва нерӯ бахшанд меистанд.

Тавре ки Б. Бадмаев қайд мекунад, «... ҳангоми истифодаи усулҳои инноватсионӣ рӯҳияи рақобатпазир, муқобилият ва сабқате, ки одамон дар якҷоягӣ ҳақиқатро меҷӯянд, ба фаъолияти зеҳнӣ таъсири шадидтар мерасонад. Ғайр аз ин, чунин падидаи психологӣ, ба монанди сироят (на тақлид, балки сироят) амал мекунад...» [5, с. 74]. Ин хусусиятҳо бештар ҳангоми истифода бурдани бозиҳо дар дарс зоҳир мешаванд.

Машқҳои амалии самарабахши гурӯҳӣ ва инфиродӣ, нусхабар – дории равандҳо, тарҳрезии барномаҳои гуногуни омӯзишӣ, кор бо гурӯҳҳо бо ҳуқуқи муаллиф, маводи тасвирӣ, муҳокимаи слайдҳои махсус, видеороликҳо, видеосабтҳо, студияи педагогӣ, вохӯриҳо бо мутахассисони даъватшуда, усулҳои истифодаи технологияҳои компютерӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи шаклҳо ва усулҳои таълими инноватсиониро баррасӣ намуда, мо метавонем онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кунем:

– мубоҳисаи таълимӣ, (муколама, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, таҳлилҳои ҳолатҳо аз таҷриба ва ғайра) шаклҳои таълим ва омӯзиш;

– бозиҳо (бозиҳои дидактикӣ ва эҷодӣ, аз ҷумла, бозиҳои таълимӣ ва нақшбозӣ).

Технологияҳои таълими инноватсионӣ маҷмуи шаклҳо, усулҳо, методҳо ва воситаҳоеро дар бар мегирад, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташуда имконият медиҳанд. Ин «шакли ҳамкории омӯзгор ва гурӯҳи омӯзиширо дар ҳолатҳои ҷустуҷӯйи эҷодӣ идома медиҳад, актуалӣ ва тарзи дастаҷамъонаи таълим аст» [25, с. 68], ки В. К. Дяченко ва дигар муҳаққиқон онро тарафдорӣ намудаанд.

Бояд гуфт, ки таҷрибаи таълимӣ шаклҳо ва усулҳои гуногуни таълими инноватсиониро аз худ намуда, усулҳои аслии гузаронидани мубоҳисаҳо, бозиҳои таълимиро эҷод мекунад ва роҳу усулҳои гуногуни таълимиро дар соҳаи таълими инноватсионӣ мутобиқ мекунад.

«Бояд қайд намуд, ки таълими инноватсионӣ яке аз самтҳои муосири таълими фаъоли равонӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки таҷрибаи мусбӣ ва манфӣ дорад» [165, с. 23]. Бешубҳа, дар ин самт пешравиҳо ба назар мерасанд, аммо замони муосир тағйироти сифатиро дар самти раванди таълиму

тарбия дар муассисаҳои таълимии кишвар талаб мекунад. Ин тағйирот, ба назари мо, аз тағйири равишҳо дар самтҳои назариявӣ, амалӣ ва равонӣ иборат аст.

1. Самти назариявӣ. Дар ин бора таҳқиқоти муайян гузаронида шуд, дарки аҳаммияти истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ вуҷуд дорад, аммо барнома ва ҳудуди возеҳи татбиқи онҳо вуҷуд надорад.

2. Самти амалӣ. Ҳама гуна навовариҳо дар соҳаи технологияҳои муосир асоснокии методологӣ, мутобиқсозии усулҳои татбиқи таълим дар системаи маориф ва самаранокии онҳоро талаб мекунанд. Набудани дастуру маводи методӣ оид ба истифода ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳо, то ҳол вуҷуд надоштани адабиёти таълимии навтарин барои хонандагон ҷорӣ намудани онҳоро хеле мушкил мегардонад.

3. Самти равонӣ. Сифатҳои касбӣ, муносибат, тафаккури омӯзгоронро дар муассисаҳои таълимӣ бояд ба куллӣ тағйир дода, ҳавасмандии омӯзгори муассисаро баланд бардоштан лозим аст ва ӯро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд кардан зарур аст, вагарна ягон намуди технологияи инноватсионӣ ба тағйир додани вазъи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ мусоидат намекунад.

Ҳаллу фасл намудани вазифаҳои дар боло зикршуда барои ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳамчун омили асосии баланд бардоштани сифати таълими таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд.

Ҳамаи он масъалаҳое, ки дар ин қисмат баррасӣ ва таҳлил карда шудаанд, ба ҷузъи назариявии технологияи муосири инноватсионӣ дохил карда шудаанд, ки бидуни онҳо ташаккули мундариҷаи таълим, ва рушди тафаккури илмӣ ва амалии хонандагон аз фанни таърихи халқи тоҷик ғайриимкон аст.

**§ 1.2. Зарурати аз назари психологияи педагогӣ асоснок такмил додани роҳу усулҳои самараноки таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ**

Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз падидаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва маънавӣ ба марҳалаи нави рушди худ ворид шудааст, ки бо тағйирёбии тафаккури ҷомеа ва шахсият, тағйири тамоюлҳои арзишҳои насли наврас алоқаманд аст. Ҷустуҷӯйи афзалиятҳои нав асосан дар роҳи ҳифз ва ташаккули арзишҳои анъанавии миллати тоҷик ва дигар халқҳои маскуни Тоҷикистон, инчунин дар самти васеъшавии фазои иттилоотӣ сурат мегирад. Дониш ва дарки равандҳо ва рӯйдодҳои асосии таърихии таърихи тоҷик дар раванди тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон нақши муҳим мебозад. Таърихи халқи тоҷик омили муассир дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ба ҳисоб рафта, шароити инкишофи он аз ғанӣ гардидани донишҳои назариявӣ вобаста аст. Дар навбати худ ҷанбаи идеологӣ, меҳвари тамоми системаи тарбияи шаҳрванди Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Ин раванди мураккаб аз он сабаб ба амал меояд, ки самти ғоявии тарбия асли худи сохти шахсият, олами маънавии он, шуур ва фаъолияти ҳаррӯзаи он мебошад. Дониши ҷаҳонбинӣ донишест, ки равандҳои асосӣ ва муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти ҷамъиятро инъикос намуда, ба дуруст дарк намудани хусусияти тамоми ҳаёти ҷамъият мусоидат мекунад.

«Муассисаи таълимӣ воситаест, ки пиёда намудани барномаҳои таълимиро таъмин намуда, барои такмил, рушд, ҷустуҷӯйи имкониятҳои нав, фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи хонанда, оила, ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҷодӣ ва касбии омӯзгорон, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад, ба ҳисоб меравад» [97, с. 23].

Курси таърихи халқи тоҷик қисми ҷудонашавандаи таърихи тамоми башарият мебошад, ки ба таври органикӣ дар заминаи таърихи ҷаҳонӣ пайдо шудааст. Таърихи халқи тоҷик илмест, ки ҳодисаҳо, падидаҳо, далелҳо, равандҳои таърихиро ба таври куллӣ меомӯзад, қонуниятҳо ва

қонунҳои таърихиро, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замонҳои қадим то имрӯз ба амал омадаанд, ошкор мекунад.

Консепсияи методологии мавҷудаи илми таърих дар замони ИҶШС татбиқ мешуд ва дар ин замина системаи дидактикии таълими таърихи мактаб сохта шуда буд, бо мақоми нави сиёсӣ – системаи демократӣ, ки самти он ба гуманизм ва адолати иҷтимоӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудааст, мухолифат мекард. Системаи дидактикии қаблӣ, алахусус дар фанҳои таърихӣ, ки аз методологияи марксистӣ – ленинӣ бармеоянд, ба идеологияи коммунистӣ асос ёфтааст. Ин методология ба методологияи илмӣ, маънавият ва ахлоқ табдил ёфт, ки дар он муборизаи синфӣ ва муносибати оштинопазир ба гурӯҳҳои иҷтимоии доро ҷойи марказиро ишғол мекард, сиёсати Ҳизби Коммунистӣ дар ҳама кор, аз ҷумла, дар соҳаи таърих ва педагогика хилофи арзишҳои гуманистистӣ буд. Масъалаи чунин инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ (аз ҷумла, дар барномаҳо ва китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ) ба яке аз масъалаҳои рӯзмарра табдил ёфт, ки он бояд ба хусусиятҳои методологияи башардӯстӣ мувофиқ бошад.

Тавре ки маълум аст, ҳар як давлати мутамаддин арзишҳои ахлоқӣ ва гуманистии худро ташаккул медиҳад, ки пайдоиши онҳо аз арзишҳои ахлоқӣ ва гуманистии ниёгон – халқҳои минтақаи муайян ва арзишҳои ахлоқии умумиҷаҳонӣ маншаъ мегирад. Дар баробари қонунҳо, ин арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ амал карда, ҳамзамон тозагии ахлоқӣ ва ҳамоҳангиро дар ҷомеаи инсонӣ таъмин мекунанд, ки ба рушди ҷомеа, ташаккули сарвати ахлоқӣ ва маънавии аъзоёни ҷомеа мусоидат мекунанд.

Ин арзишҳои ахлоқӣ ва инсонпарварона ҳар як узви ҷомеаро сазовори унвони олии шахси бомаърифат ва мутамаддин мегардонанд. Гуманизм дар илми таърих як хусусияти умумиинсонӣ дорад, ки он дар асоси тамаддун дар ҷомеаи инсонӣ ташкил ёфтааст. Хусусиятҳои муҳимми онро қайд мекунем, ки инҳоянд:

– таърих оштинопазир будани зиддиятҳои синфиро рад мекунад. Дар гузашта таърих муборизаи синфӣ, ҷангҳо, шӯришҳо,

инқилобҳоро инъикос мекард, ки ҷавононро дар рӯҳияи бераҳмӣ ва дигар сифатҳои манфӣ тарбия мекарданд. «Агар гуманизм дар таърих вуҷуд дошта бошад, он қатъиян интихобан ва танҳо дар робита бо мардуми меҳнатӣ ифода ёфтааст. Дар зеҳни хонандагон нисбат ба табақаҳои сарватманди ҷомеа нафратро ба вуҷуд оварданд» [165, с. 42].

– таърих ба дӯстон ва душманон тақсим шудани одамонро рад мекунад.

Муқовимати синфҳо, аз байн бурдани «душманон» ба хонандагоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил мекунанд, имконият надоданд, ки фаҳманд: чаро онҳо таърих меомӯзанд, агар дар гузашта ҳама чиз ин қадар даҳшатнок буд;

– таърихи муосир ҳизбияти таърихро рад мекунад. Сохтани таърих дар асоси идеологияи ягонаи мансуб ба ҳизби ҳокими сиёсӣ ҳам барои илми таърих ва ҳам барои хонандагон ғайри қобили қабул ба назар мерасад;

– таърих бояд ин ё он тамаддун ва саҳифаҳои муҳиммтарини онро инъикос кунад ва дар маркази ин муносибати ҳамаҷониба, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва амволии ӯ бояд шахс бошад;

– таърих ғояҳои башардӯстиро ифода мекунад. Ин ғояҳо дар хонандагон сифатҳои олии ахлоқиро парвариш ва ҳамзамон шуури таърихии онҳоро ташаккул медиҳанд. Таърих бояд иқтидори қавии таълимӣ ва тарбиявӣ дар самти башардӯстӣ дошта бошад.

Аз ин рӯ, хонандагони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи халқи худро омӯхта, бояд тасвири муносибати давлатро бо мардум бинанд, ки он инсондӯстона ё ғайриинсондӯстона мебошад. Баъди ин, хонандагон ба чунин савол мумкин ҷавоб ёфта метавонистанд: оё давлат дар таъмини адолати иҷтимоӣ саҳм мегирад, оё он кафили зиндагии шоистаи мардум аст?

Таълими таърихи муосир дар мактабҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо назардошти тамоюлҳои фарҳангии муосир дар ҷаҳон равияи ғоявӣ ва шаҳрвандиро тағйир диҳад.

«Дар заминаи гуфтаҳои боло, ба назари мо чунин менамояд, ки мафкураи муосири таълими мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба принсипҳо ва ғояҳои гуманизм, ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ такя кунад, ки ин нишонаи бешубҳаи муносибати мутамаддинӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимии дар назди омӯзгорони ҷумҳурӣ қарордошта мебошад, зеро идеологияи башардӯстӣ моҳияти умумиинсонӣ ва хусусияти универсалӣ дорад» [119, с. 88].

Бо ба даст овардани истиқлол ва соҳибихтиёрӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон фанни таълимии «Таърихи халқи тоҷик» ба таври беандоза таҷдид гардид, ки вазифаҳои асосии он аз эҳёи хотираи таърихии халқ, ташаккули худшиносии миллӣ ва ягонагӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ иборат буданд. Ин аз масъулияти бузурге гувоҳӣ медихад, ки ҳам ба дӯши хонандагон ва ҳам омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик гузошта шудааст.

Оғози кор аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ, методология ва методикаи тайёр кардани маводи таълимӣ зарурият пайдо шуд. Дар баробари ин аз таваҷҷуҳ ба як назарияи ҳизбӣ, ки ҳамчун методологияи ҳамаҷонибаи таҳқиқоти илмии соҳаи таърих баромад мекард, худдорӣ карда, ҷараёни таърихиро барои фаҳмидани танҳо шумораи алоҳидаи масъалаҳо тағйир надодан номумкин буд. Муносибати оқилона дар ин маврид аз дарк намудани ҳаёти гузашта, имрӯз ва ояндаи Ватан дар заминаи рушди тамоми инсоният вобаста ба принсипҳои риояи меъёрҳои маърифатии муҳтавои умумӣ доштаи муосир ва дар асоси натиҷаҳои назариявии илми таърихи муосир дида мешавад.

Таърихи халқи тоҷик аз мавқеи объективӣ бо назардошти муҳимтарин принсипҳои методологӣ (таърихӣ, мубрамият, мушаххас), бо ҷалби воситаҳои умумии илмии маърифатӣ (оморӣ, системасозӣ, усулҳои маърифатӣ), инчунин хусусияти методҳои таърихӣ (муқоисавӣ – таърихӣ, хронологӣ, мушкилот ва ғайраҳо) баррасӣ мешавад.

Фанни таърихи халқи тоҷик сертаркиб ва бисёрҷанба буда, дар баробари сатҳҳои таҷрибавию назариявӣ асосҳои муайяни идеологӣ, меъёру принсипҳои методологии худро доро аст. Назарияҳо ва ақидаҳое,

ки маҷмуи ҷаҳонбиниро ташкил медиҳанд, эътиқоди шахс гардида, дар ташаккули мавқеи ӯ нисбат ба тамоми падидаю ҳодисаҳои ҳаётии мамлакати мо ва умуман ҷаҳон таъсири калон мерасонанд.

Консепсияи омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар қатори дигар мушкилот асосҳои ҳуқуқии инкишофи таълими таърихии насли наврасро муайян мекунад.

Асосҳои ғоявии таърихи халқи тоҷик на танҳо дар заминаи донишҳои таърихӣ, балки дар заминаи бозбинии танқидии таҷрибаи таърихӣ ва сабақҳои таърих ташаккул меёбанд. Таҳрифи гузашта, тафсири субъективии ҳар як далел, чун қоида, яктарафа шарҳ додани эҳтимолияти ояндаро ба миён меорад, инкишофи шуури воқеии одамро аз вазъияти ин ё он воқеаи таърихӣ душвор мегардонад. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи раванди таърихӣ зарурияти тағйир додани воситаҳои таҳқиқот, тамоми маҷмуи инкишофи назариявиро аз рӯйи мушкилоти мураккаби ба ҳам зид муфассал бо ҳам муқоиса кардан зарур аст.

Дурнамои муосири курси «Таърихи халқи тоҷик» тафсири онро дар заминаи таърихи ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Дар баробари ин нақш ва аҳаммияти он меафзояд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки курси «Таърихи халқи тоҷик» фанни муҳимми давлатӣ буда, аз нақши рӯзафзуни он дар иҷрои вазифаҳои афзалиятноки тараққиёти ҷамъияти Тоҷикистон бармеояд. Дар баробари ин дар рафти таълими курси «Таърихи халқи тоҷик» як қатор мушкилот низ мавҷуд ҳастанд.

Имрӯз муносибатҳо ва усулҳои нави таълимиро истифода бурдан зарур аст. Истифода бурдани супоришҳои мушкилотӣ – ҳодисавӣ ва биографӣ, «кейс – марҳалаҳо», викторинаҳо, презентатсияҳо ва ғайра умедбахш ҳастанд. Истифодаи чунин супоришҳо имкон медиҳанд, ки воқеаҳои таърихиро аз нуқтаи назари гуногун шарҳ дода шуда, тафсири ғайристандартии рӯйдодҳои таърихӣ, ба мавқеи шахсият дар таърих, ки ба дарки объективии гузаштаи серҷабҳаи таърихӣ мусоидат мекунад, аз назар гузаронда шавад. Омӯзгор дар синф бояд барои ташаккули муҳити муколама замина фароҳам оварад: хонандагон дорои салоҳияти коммуникативӣ гарданд, худро барои изҳори худшиносӣ омода созанд, аз

таҷрибаи ҳаётии худ истифода баранд ва нуқтаи назари дигарро дарк кунанд, дар ҷустуҷӯйи ангезаҳои дастгирӣ, яъне, масъалаҳо ва мушкилоте, ки хонандагонро ба ташвиш меоранд, ба шарофати онҳо метавонанд назари худро ба маводи омӯхташаванда самаранок ташаккул диҳанд.

Ба ғайр аз ин, барои омӯзгор дарки ҷиҳатҳои консептуалию назариявии далелу ҳодисаҳои таърихии баҳсталаб, якхела шарҳ дода шуда, ниҳоят ба масъалаи интихоби адабиёти таълимию методии тавсияшаванда барои хонандагон бо эҳтиёткорона муносибат кардан хеле муҳим аст. Мақсади аксари усулҳои инноватсионии педагогӣ ин дар хонандагон ташаккул додани қобилияти сохтани системаи хулосаҳои асосноки худ мебошад. Ин муколамаи байни хонанда ва омӯзгор аст. Омӯзгор ба гурӯҳҳо саволҳои мушкилотӣ медиҳад, хонандагон онҳоро муҳокима мекунанд, дар асоси дониши худ ба як қатор ҳалли масъалаҳо меоянд ва ба омӯзгор саволҳои нав пешниҳод мекунанд.

Истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик имконият медиҳад, ки мафҳуми норавшании баҳодиҳӣ ба ҳар як ҳодисаи таърихӣ асоснок карда шавад. Агар хонандагон арзёбии гуногуни ҳодисаҳои таърихиро дарк накунанд, онҳо ҳеҷ гоҳ дар бораи ягонагии раванди таърихӣ, серҷабҳа будан ва робитаҳои мураккаби дохилии онро сарфаҳм намераванд.

Воқеаҳои таърихӣ барои иштирокчиёнаш оянда дигар мебахшад. Хонандагон бояд аз ин огоҳ бошанд ва ҳар як методологияи инноватсионӣ бояд ба онҳо ин фаҳмишро таъмин кунад. Агар мавзуи дарс, масалан, Ҷанги Бузурги Ватанӣ бошад, омӯзгор наметавонад ҷангро арзёбӣ намуда, онро мусбат ё манфӣ эълон кунад. Омӯзгор ба хонандагон маъхазҳои гуногуни таърихӣ – ҳуҷҷатҳо, порчаҳои ёддоштҳои намояндагони ҳизбҳои гуногунро дода, аз рӯйи ҳамаи ин масъалаҳоро ба муҳокима пешниҳод мекунад. Айни замон махсусан муҳим аст, ки хонандагон аз баҳодиҳии худ сарчашмаҳои ғаразнокро аз манбаъҳои ғайриғаразнок фарқ карданро ёд гиранд. Барои ин хонандагон бояд фаҳманд, ки кадом мавод ҳуҷҷат буда, кадомаш фикри муаллиф аст.

Ба омӯзгорон ба таври муколама суҳбат кардан бо хонандагон хос нест, онҳо бештар майл доранд, ки усулҳои таълимии худро ҷорӣ кунанд. Ҳақ ба ҷониби Л. Н. Толстой аст, ки гуфта буд, ки «омӯзгор ҳамеша беихтиёр кӯшиш мекунад, ки қулайтарин роҳи таълимро интихоб кунад. Ҳар қадар усул барои омӯзгор қулай бошад, барои хонандагон ҳамон қадар ноқулайтар мегардад. Танҳо он тарзи таълим дуруст аст, ки аз он хонандагон қаноатманд бошанд. Пас биёед он усулҳои таълимро ҷустуҷӯ ва татбиқ намоем, ки шогирдон аз онҳо қаноатманд бошанд» [97, с. 28].

Фанни таърихи халқи тоҷик низ муносибати комилан бепарвоиро дар назар надорад. Масалан, барои омӯзгорони насли калонсол нисбат ба давраи шӯравӣ бетараф будан душвор буда, воқеаҳои таърихии солҳои охир ба онҳо ҳам таъсир карда метавонанд. Агар чунин омӯзгорон хоҳанд, ки маводи таълимиро дар шакли муколама баён кунанд, онҳо танҳо як – ду соли аввал душворӣ мекашанд, вале дар ин давра хонандагон дорои маҳорати худидоракунӣ мегарданд. Омӯзгор ҳангоми гузаронидани муколама метавонад ба ҳар як хонанда кӯмак намояд, дониш ва далелҳои овардаи ӯро арзёбӣ кунад. Вай фаҳмида метавонад, ки барои кори мустақилона ба кӣ мавзуъ пешниҳод кардан лозим аст, ба кӣ тавсия додан лозим аст, кӣ бо далелҳо бештар кор мекунад, кӣ бояд аз рӯйи далел кор кунад.

«Вақте ки омӯзгорон ба хонандагон сарчашмаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд, барои онҳо ташаккул додани тарзи фикррониии системанокӣ дар хонандагон душвор мегардад. Сарчашмаҳо манзараи хеле парокандаро эҷод мекунанд. Хонандагон имрӯз дар ҷаҳони фишори сахти иттилоотӣ зиндагӣ мекунанд ва фикррониии системавӣ дар онҳо ташаккул намеёбад. Бо андешаҳои дар китоби дарсӣ баёншуда хонандагон метавонанд розӣ набошанд, аммо муҳим он аст, ки онҳо метавонанд ақидаи танқидии худро босаводона баён кунанд» [168, с. 57].

Аз нав дида баромадани мазмуни таълими фанни таърихи халқи тоҷик даст кашидан аз усулҳои куҳнашуда ва аз одатҳои мавҷудбуда боиси тағйирёбии методикаи таълими фанни таърих мегардад. Ин дигаргуниҳо ба тамоми раванди таълим: ҳадафҳо, усулҳо, шаклҳо, воситаҳои таълим

таъсир мерасонанд. Ҷустуҷӯйи фаъолонаи роҳҳои ҳавасмандгардонии мустақилияти хонандагон дар доираи оптимизатси яи тамоми раванди таълим идома хоҳад ёфт.

Танҳо бо назардошти қобилияти маърифатии хонандагон ва шавқу ҳаваси онҳо ба ин фанни мазкур мумкин аст, ки мазмуни маводи таърихӣ, фаъолияти якҷояи пурсамари омӯзгор ва хонандагон дар дарси таърих интихоб карда шавад.

Дар чунин шароити тағйирёбанда омӯзгорро лозим аст, доираи васеи технологияҳои инноватсиониро истифода намуда, ба рушди ҳаматарафаи хонандагонро мусоидат намояд.

Технологияҳои инноватсионӣ ин маҷмуи методҳо, роҳҳо, усулҳои таълим, воситаҳои тарбиявӣ, ки ба ноил шудан ба натиҷаи мусбӣ аз ҳисоби тағйироти динамикии рушди шахсияти хонанда дар шароити муосири иҷтимоӣ – фарҳангӣ нигаронида шудаанд, мебошанд.

Ҳадафи асосии технологияҳои инноватсионии таълим омода кардани шахс ба ҳаёт дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда мебошад. Моҳияти чунин омӯзиш тамоюли раванди таълим ба неруи инсон ва татбиқи ин неру мебошад. Таълим бояд механизмҳои фаъолияти инноватсиониро инкишоф дода, роҳҳои эҷодии ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимро дарёбад ва эҷодкориро ба меъёр ва шакли мавҷудияти инсон табдил додан, мусоидат намояд.

Технологияҳое, ки хусусияти инноватсионии бештар доранд аз инҳо иборатанд:

Портфолио технологияи муосири таълимӣ мебошад, ки ба усули арзёбии ҳақиқии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва касбӣ асос ёфтааст. Ин усул ба маънои васеаш ба ҳама гуна фаъолияти амалӣ ва истеҳсолӣ дахл дорад, вале асосан онро аксар вақт дар соҳаи маориф истифода мебаранд. Партфолио аз забони итолиёвӣ гирифта шуда, маънои портфелро дорад. Усули портфолио дар Ғарб аз омӯзиши мушкилот пайдо шудааст. Ин усул барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи раванди таълим ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ асос ёфтааст. Портфолио маҷмуи мунтазам ва махсус ташкилшудаи далелҳо мебошад, ки ҳамчун

роҳи инъикоси мунтазами фаъолияти худ ва пешниҳоди натиҷаҳои он дар як ё якчанд самт барои арзёбии ҷории салоҳият ё воридшавии рақобат ба бозори меҳнат хизмат мекунад.

Технологияи иттилоотию иртиботӣ (ТИК) дар таълим. Ворид намудани ТИК ба мундариҷаи раванди таълим ҳамгироии соҳаҳои гуногуни фанҳо бо технологияи иттилоотиро дар назар дорад, ки боиси иттилоотишавии шуури хонандагон ва дарки онҳо дар бораи равандҳои иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир мегардад. Тамоюли пайдошавандаи раванди иттилоотонии муассисаҳои таълимиро дарк намудан муҳим аст. Аз таҳияи маълумоти ибтидоӣ аз ҷониби хонандагон оид ба технологияи иттилоотӣ то истифодаи барномаҳои компютерӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ ва сипас то пур кардани сохтор ва мазмуни таълим бо унсурҳои фанни технологияи иттилоотӣ, татбиқи азнавсозии кулли тамоми раванди таълиму тарбия дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мазмуни технологияи иттилоотию коммуникатсиониро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, дар системаи методии муассисаи таълимӣ технологияҳои нави иттилоотӣ пайдо мешаванд ва хатмкунандагони муассисаи таълимӣ барои азхудкунии технологияҳои нави иттилоотӣ дар фаъолияти минбаъдаи худ омода мешаванд. Ин самт тавассути ворид намудани фанҳои нав ба барномаи таълимӣ, ки ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ ва ТИК нигаронида шудаанд, амалӣ мегардад. Таҷрибаи истифодаи ТИК дар муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки муҳити иттилоотии муассисаи таълимӣ шаклҳои гуногуни таҳсилоти фосилавиро дар бар мегирад ва ҳавасмандии хонандагонро ба омӯзиши фанҳои таълимӣ, махсусан бо истифода аз усули лоиҳавӣ хеле зиёд мекунад.

Технологияи лоиҳавӣ дар таълим алтернативаи системаи синфӣ – дарсӣ мебошад. Методи лоиҳавӣ технологияи педагогӣ мебошад, ки на ба ҳамгироии дониш, маҳорат ва малака, балки ба татбиқи онҳо ва аз худ намудани навигарӣ нигаронида шудааст. Иштироки фаъолонаи хонандагон дар таҳияи лоиҳа имкон медиҳад, ки роҳҳои нави фаъолияти инсон дар муҳити иҷтимоию фарҳангӣ аз худ карда шавад.

Методи лоиҳавӣ ҳамчун системаи таълим маънои онро дорад, ки наврас дар раванди банақшагирии мустақилона ва татбиқи тадриҷан мураккабтар шудани вазифаҳои амалӣ – лоиҳаҳо дониш ва малакаҳоро ба даст меорад. Усули лоиҳа ба рушди малакаҳои маърифатии хонандагон, қобилияти мустақилона системанок намудани дониши худ, инчунин муайян намудани мавқеи худ дар фазои иттилоотӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ асос ёфтааст. Усули лоиҳавӣ яке аз соҳаҳои дидактика буда, усули хусусӣ аст ва он дар доираи як мавзуи муайян истифода бурда мешавад. Усули лоиҳавӣ ҳамеша ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар шакли инфиродӣ, дукаса ва гурӯҳӣ нигаронида шудааст, ки хонандагон онро дар муддати муайян иҷро мекунанд. Усули лоиҳавӣ ҳамеша ҳалли мушкилотро дар бар мегирад. Ҳалли мушкилот, аз як тараф, истифодаи маҷмуъ, усулҳои гуногун, воситаҳои таълимиро дар бар мегирад, аз тарафи дигар зарурати муттаҳидсозии дониш, қобилияти татбиқи донишҳои соҳаҳои гуногуни илм ва техникаро дар назар дорад.

Натиҷаҳои лоиҳаҳои анҷомдодашуда бояд, чунон ки мегӯянд, «назарнамоён», яъне агар ин масъалаи назариявӣ бошад, пас ҳалли он мушаххас ва агар лоиҳа амалӣ бошад, натиҷаи мушаххас бояд барои истифода омода бошад (дар синф, дар мактаб, дар ҳаёти воқеӣ). Агар дар бораи усули лоиҳаҳо ҳамчун технологияи педагогӣ сухан ронем, пас ин технология маҷмуи усулҳои таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯйӣ, мушкилот ва эҷодкориро вобаста ба моҳияти худ дар бар мегирад.

Мақсади омӯзиши лоиҳавӣ фароҳам овардани шароитест, ки дар он хонандагон мустақилона ва бо хоҳиши худ донишҳои нокифояро аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оварда, истифода бурдани донишҳои гирифтаашро барои ҳалли масъалаҳои маърифатӣ ва амалӣ меомӯзанд. Тавассути кор дар гурӯҳҳои гуногун хонандагон дорои малакаҳои муошират мегарданд ва малакаҳои таҳқиқотии хонандагон ташаккул меёбанд, яъне дар онҳо қобилияти муайян кардани мушкилот, ҷамъоварии иттилоот, мушоҳида, гузаронидани таҷриба, таҳлил, сохтани фарзия, ҷамъбаст ва ғайраҳо ташаккул ёфта, тафаккури системавии онҳо инкишоф меёбад.

Таснифи муосири лоиҳаҳои таълимӣ дар асоси фаъолияти бартаридоштаи хонандагон чунин тартиб дода мешавад:

- лоиҳаи ба амалия нигаронидашуда (аз китоби дарсӣ то маҷмуи тавсияҳо оид ба барқарорсозии иқтисодиёти кишвар);
- лоиҳаи таҳқиқотӣ – омӯзиши масъала аз рӯйи тамоми қоидаҳои таҳқиқоти илмӣ;
- лоиҳаи иттилоотӣ – ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот оид ба мушкилоти муҳим бо мақсади пешниҳоди он ба доираи васеъ (мақола дар ВАО, маълумот дар Интернет);
- лоиҳаи эҷодӣ – озодтарин баёни фикри муаллиф барои ҳалли масъала мебошад. Натиҷаи чунин лоиҳаро – ёддоштҳо, филмҳои видеоӣ, намоишҳои театрӣ, асарҳои санъати тасвирӣ ё ороишӣ ва ғайра ташкил медиҳанд;
- лоиҳаи нақшофарӣ – бадеӣ, таърихӣ ва ғайраҳо бозиҳои таълимӣ, ки натиҷаи онҳо то охир кушода боқӣ мемонад.

Дар муассисаҳои таълимӣ дар баробари ташаккул додани малакаҳо оид ба унсурҳои алоҳидаи фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ барои хонандагон дар дарсҳои анъанавӣ, аз синфи панҷум (ба мисли гузоштани ҳадаф, таҳияи саволҳо, мулоҳиза, банақшагирии фаъолиятхо ва ҳоказо) оғоз мешавад, мумкин аст, ки дар синфҳои болотар миқдори лоиҳаҳо зиёд шудан гирад. Агар захираҳои муҳлати таҳсил имкон диҳанд, корҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотиро дар давоми соатҳои дарсӣ, вале бо ҷалби хонанда ба кор ташкил кардан мумкин аст.

«Мувофиқи хусусиятҳои синну сол мақсадҳои аз худ намудани малакаҳои муоширатӣ дар мадди аввал меистанд. Дар ин ҷо тавсия дода мешавад, ки фаъолияти лоиҳавӣ ё таҳқиқотӣ дар шаклҳои гурӯҳӣ ташкил карда шавад. Дар баробари ин хонандаро аз имконияти интихоби шакли фардии меҳнат маҳрум кардан лозим нест» [143, с. 118].

Мавзуъҳои кории хонандагон мушкилоти ҳамаи соҳаҳо (мавзуъ, байнифаннӣ, ғайримавзуъ) – ро дар бар гирифта метавонад, вале онҳо бояд ба фаҳмиши хонандагон наздик буда, барои иҷрои онҳо хонандагон шавқу

рағбат дошта бошанд. Натиҷаи ба даст овардашуда бояд аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва амалӣ аҳаммияти калонро доро бошад.

Муаррифии лоиҳаҳо ё таҳқиқотро дар чорабиниҳои беруназсинфӣ конференсияҳо пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин, омӯзгорон бояд вақти воқеии чунин чорабиниҳоро ба назар гирифта, анҷоми кори хонандагонро ба нақша гиранд ва бо ин ба хонанда имкон фароҳам оваранд, ки худ ва кори худро ба таври оммавӣ муаррифӣ намуда, бароманди ӯ бояд ба ташаккули сифатҳои шахсӣ ва рушди салоҳиятхои лоиҳакашӣ ва таҳқиқотиаш мусоидат намояд.

Ташаккули дараҷаи лозимии салоҳият дар фаъолияти лоиҳакашӣ ва таҳқиқотӣ бояд то анҷоми фаъолияти муассисаи таълимӣ ба даст оварда шавад.

Мавзуъҳо ва мушкилоти корҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ мувофиқи хоҳиши шахсии ҳар як хонанда интихоб карда мешаванд ва бояд ба қобилият ва майлу рағбати онҳо мувофиқ бошанд. Татбиқи лоиҳаҳо ё таҳқиқотҳо дар синфи 11 (хатмкунанда) метавонад ҳамчун ҳолатҳои алоҳидаи муваффақияти калони хонандагони лаёқатманд ё ҳамчун нақшаи курс аз фанни таълимӣ ва баъдан ҳимояи натиҷаҳо ҳамчун имтиҳони эҷодӣ бошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кор дар асос ва бо ҷалб намудани мутахассисони муассисаҳои махсуси илмӣ ва мактабҳои олӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба таври васеъ истифода бурдани шаклҳои гуногуни фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ аз қабили: экспедитсияҳо, конференсияҳо ва ғайра тавсия дода мешавад.

Иттилоотикунонии таълим барои хонанда аз он сабаб ҷолиб аст, ки фишори равонии муоширати мактабӣ бо гузаштан аз муносибати субъективии «омӯзгор – шогирд» ба муносибати объективии «хонанда – компютер – омӯзгор» бартараф карда мешавад, самаранокии кори хонандагон меафзояд, саҳми эҷодкории онҳо зиёд шуда, онҳо имконият пайдо мекунанд, ки ҳангоми хонандаи мактаб буданашон оид ба фанни дӯстдоштаашон маълумоти иловагӣ гиранд ва дар оянда ба таври мақсаднок донишгоҳро интихоб намуда, соҳиби ҷойи кори бонуфуз гарданд. Инчунин иттилооткунонии таълим барои омӯзгор аз он сабаб

ҷолиб аст, ки он имкон медиҳад, ки ҳосилнокии меҳнаташ баланд гардида, маданияти умумии иттилоотии ӯ рушд меёбад.

Технологияҳои ба хонанда нигаронидашуда инкишофи шахсияти хонандаро дар маркази тамоми системаи таълимии муассиса қарор дода, барои рушди он шароити бароҳат, бидуни низоъ ва бехатар, татбиқи вазифаҳои табиии он фароҳам оварда мешавад.

Шахсияти хонанда тибқи истифодаи ин технология на танҳо субъект, балки субъекти афзалиятнок низ мебошад, ин технология мақсади ниҳоии системаи таълим ва на василаи ягон ҳадафи абстрактӣ аст. Он дар таҳияи барномаҳои инфиродии таълимӣ аз ҷониби хонандагон мувофиқи қобилият ва ниёзҳои онҳо зоҳир мегардад.

«Омӯзиши ба хонанда нигаронидашуда як навъ таълимест, ки дар он шахсияти хонанда, асолати он, арзиши худшиносӣ дар мадди аввал гузошта шуда, таҷрибаи субъективии ҳар яки онҳо аввал ошкор ва сипас бо мазмуни таълим ҳамоҳанг карда мешавад» [137, с. 143].

Эътироф намудани хонанда ҳамчун шахсияти асосии амалкунанда дар тамоми раванди таълим педагогикаи ба шахсият нигаронидашуда мебошад.

Бояд гуфт, ки педагогикаи анъанавӣ ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳамеша рушди шахсиятро ҳадафи асосӣ қарор дода, ба ин маънӣ ба шахсият нигаронида шудааст. Моделҳои мавҷудаи педагогикаи ба хонанда нигаронидашударо ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Иҷтимоӣ – педагогӣ; 2. Фаннӣ – дидактикӣ; 3. Психологӣ.

Технологияи таълиму тарбияи ба хонанда нигаронидашуда, ки мақсади он таъмини самти инкишофи раванди педагогӣ мебошад, бо технологияи таълиму тарбияи тафриқа, ки ҳадафи он ташкили фаъолияти мақсадноки педагогӣ аст, зич алоқамандӣ дорад. Бо назардошти майлу рағбати маърифатии хонандагон, қобилияти онҳо ба як намуди муайяни фаъолият, инчунин хусусиятҳои хоси хонандагон (иҷтимоӣ – демографӣ, иҷтимоӣ – психологӣ, фардӣ), азхудкунии иттило оти таълимӣ

дар дарс ба сифат ва салоҳияти шахсӣ, ки дар ҳадафи ҳар як дарс ҷойгиранд, таъсири мусбӣ мерасонанд.

Эҷодкорӣ, ҷустуҷӯйи таҳқиқотӣ роҳи асосии мавҷудияти хонанда дар фазои тарбияи шахсият нигаронидашуда мебошанд. Аммо имкониятҳои рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва зеҳнии хонандагон барои мустақилона иҷро намудани супоришҳои эҷодии таълим ва мушкилоти ҳаёт хеле кам мебошанд. Хонанда ба дастгирии педагогӣ ниёз дорад. Инҳо калид – вожаҳои тавсифи технологияи таълимии ба хонанда нигаронидашуда мебошанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, ташаккули шахсияти эҷодкор, ки қодир аст ба иҷтимоишавии ҳаёт дар ҷомеа мусоидат намояд, имрӯз талаби замон аст. Омӯзгорон усулҳои гуногунро аз қабили дарси проблемавӣ, усули кейс, технологияҳои лоиҳавӣ ва ҳоказои дигарро истифода мебаранд.

Дарси проблемавӣ дарсест, ки омӯзгор мушкилотро баён намуда, ба хонандагон пешниҳод мекунад, ки дар асоси сарчашмаҳо роҳҳои ҳалли дурустро таҳия кунанд. Омӯзгор порчаеро аз вазъияти таърихӣ ҳамчун тавсифи хотираҳои иштирокчии воқеа гирифта, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки онҳо нуқтаи назари худро пешниҳод намоянд, то вазъияти тасвиршуда ба таври дигар инкишоф ёбад. Чунин усулро технологияи кейс меноманд. Барои ба ин гуна савол ҷавоб додан ба хонандагон лозим аст, ки шароити таърихии вазъияти давраи муайяни таърихиро хуб донанд. Ин усул ба ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон мусоидат мекунад.

Технологияи лоиҳавӣ ба гузаронидани таҳқиқот дар мавзуи мушаххаси таърихӣ нигаронида шудааст. Он кори мустақилест, ки малакаҳои банақшагирии вақт, қобилияти гузоштан ва ҳалли мушкилотро талаб мекунад. Ҳамаи усулҳо мустақилияти бештари хонандагон ва муколамаи онҳоро бо омӯзгор дар назар доранд. Ҷорӣ шудани навгониҳо дар раванди таълиму тарбия на майлу хоҳиш, на муносибати бепарвоёна ба ҷустуҷӯйи эҷодии шаклҳои самарабахши фаъолияти таълимӣ бо хонандагон аст, балки талаби замон мебошад.

Дар Консепсияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба сифати нави таълим иборат мебошад. Ин бештар аз он вобаста аст, ки навгониҳо то чӣ андоза самаранок аз худ карда мешаванд, ки ба тағйироти сифатии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мусоидат кунанд. Имрӯз бисёр муассисаҳои таълимӣ ба соҳаи фаъолияти инноватсионӣ шомиланд. Вақте ки сухан дар бораи ҳолати рушди муассисаҳои таълимӣ меравад, ин он маъно дорад, ки дар онҳо навгонӣ амалӣ шуда истодааст.

Имрӯз тағйироти инноватсионӣ ба системаи муайян ворид шуда, намудҳои нави муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои нави таълимӣ барои таъмини тағйирёбии раванди таълиму тарбия, ки ба шахсияти хонанда ва ниёзҳои ӯ нигаронида шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Ҳайати омӯзгорони ҳар як муассисаи таълимӣ новобаста аз шакли моликияташон ҳуқуқи ба амал баровардани навгониро доранд. Азбаски хонандагон объекти ҳама гуна ташаббуси педагогӣ мегарданд, коллективи омӯзгорон бояд оид ба тайёр кардан ва ташкили инноватсия ухдадориҳои муайянро ба дӯш гиранд.

Вақте ки зарурати ҳалли ягон масъала ба миён меояд, вақте ки дар байни хоҳиш ва натиҷаи воқеӣ зиддият ба вуҷуд меояд, ин тағйирот боиси ба вуҷуд омадани навгонӣ мегардад. Рушди таҷрибаи қисме аз муассисаҳои таълимӣ ба инкишофи неруи эҷодӣ, навоварии тамоми кормандони соҳаи маориф мусоидат мекунад. Дар ин вазъият махсусан салоҳияти касбӣ муҳим аст, ки дар асоси он сифатҳои шахсӣ ва касбии омӯзгорон ва роҳбарон рушд меёбанд.

Фаъолияти инноватсионӣ намуди махсуси фаъолияти педагогӣ мебошад. Инноватсия (навоварӣ, навгонӣ) – дар ҷанбаи иҷтимоӣ – психологӣ ва эҷодӣ, инчунин дар татбиқи навъҳои гуногуни навоварӣ, ки дар амалияи иҷтимоӣ тағйироти назаррас ба вуҷуд меорад, дониста мешавад. Аз ин рӯ, тағйирот дар муассисаи пешравандаи таълимӣ ба таври тасодуфӣ ба амал намеояд, балки аз ҷониби роҳбар дар асоси нақшаҳо пешгӯйӣ карда мешавад ва барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххас нигаронида шудааст.

«Мақсад ва вазифаҳои инноватсионӣ аз як тараф дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи имрӯзаи муассисаҳои таълимӣ ва аз ҷониби дигар аз пешгӯии рушди минбаъдаи он гузошта мешаванд» [8, с. 217].

Сабабҳои гуногуни бавуҷудоии инноватсия инҳоянд:

1. Зарурати ҷустуҷӯйи фаъолонаи роҳҳои ҳалли мушкилоти дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд дошта;
2. Хоҳиши кадрҳои педагогӣ дар бобати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, беҳтар намудани фаъолияти кадрҳои педагогӣ барои тоб овардан дар рақобати бозори меҳнат ва нигоҳ доштани муассисаи худ;
3. Тақлид ба дигар муассисаҳои таълимӣ, то омӯзгорон дарк кунанд, ки инноватсия фаъолияти тамоми коллективро беҳтар мегардонад;
4. Кӯшишҳои собиқ дастпарварони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос барои амалӣ гардондани донишҳо ва малакаҳои гирифташуда;
5. Норозигии доимии омӯзгорони алоҳида аз натиҷаҳои ба даст овардашуда, нияти қатъии такмил додани онҳо;
6. Зиёд шудани талаботи гурӯҳҳои алоҳидаи падару модарон ҷиҳати ҷорӣ намудани навгониҳо дар раванди таълиму тарбия.

Таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ, ки бо роҳи инноватсионӣ фаъолият мекунанд, як қатор мушкилотро ошкор намуд:

1. Нокифоя будани таъминоти илмию методии раванди инноватсионӣ;
2. Набудани пайдарпайӣ ва пайвастагӣ дар татбиқи инноватсияи педагогӣ;
3. Мувофиқ набудани дастгирии меъёрию ҳуқуқии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таълимӣ;
4. Зарурияти ҷустуҷӯйи шаклҳои принсипан нави ҳамкории марказҳои илмӣ ва инноватсионӣ.

Аксар вақт омӯзгорон чунин саволе пешниҳод мекунанд, ки фаъолияти инноватсиониро аз куҷо оғоз кардан лозим аст, натиҷаи ниҳоии он чӣ мешавад?

Доираи раванди инноватсионӣ барои ҳама гуна фаъолияти педагогӣ якхела аст, яъне:

1. Муайян намудани мушкилоти мушаххас дар таълим, гузоштани ҳадафи навсозии он (таваҷҷуҳи асосӣ пеш аз ҳама, ба мубрамият ва аҳаммияти масъала дода мешавад).
2. Ба таври назариявӣ асоснок намудани ақидаҳои инноватсионӣ, ҷустуҷӯйи методҳои таҳқиқот.
3. Гузаронидани таҷриба.
4. Муайян намудани камбудиҳо, норасоиҳо ва ҷустуҷӯ намудани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо.
5. Натиҷагирии минбаъдаи амалишавии навгониҳо дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ (ҷамъбасти натиҷаҳо, муаррифии онҳо, паҳн кардани таҷрибаи педагогӣ).

Муҳимтарин воситаи амалӣ намудани ақидаҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ ин мавқеъ ва неруи эҷодии омӯзгорон, иштироки фаъолонаи онҳо дар раванди таълиму тарбия дар мактаб ба ҳисоб меравад.

Технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими мактабӣ ба татбиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти мактабӣ нигаронида шудаанд. Ҷанбаи принсипан муҳимми технологияи педагогӣ мавқеи хонанда дар раванди таълиму тарбия, муносибати калонсолон ба хонанда мебошад. Мақсади он мусоидат намудан ба рушди хонанда ҳамчун шахсият мебошад.

Технологияҳои муосири таълимӣ, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ татбиқ карда мешаванд, инҳоянд:

- технологияҳои наҷотбахши саломатӣ;
- технологияҳои фаъолияти лоиҳавӣ;
- технологияи таҳқиқотӣ;
- технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ;
- технологияҳои ба шахсият нигаронидашуда;
- технологияи портфолиои омӯзгорӣ;
- технологияи бозӣ;
- технологияи назарияи ҳалли супоришҳои ихтироъкорӣ.

Технологияи нигоҳдории саломатӣ. Мақсади истифодаи чунин технология аз ташаккул додани тасаввурот дар бораи аҳаммияти саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон; рущди қобилияти хонандагон оид ба муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатии худ, иборат мебошад. Истифодаи чунин технология имконият медиҳад, ки хонандагон дар раванди иҷрои фаъолиятҳо фарҳанги нигоҳдории тандурустӣ ва роҳҳои мустаҳкам нигоҳ доштани саломатии худро дарк намуда, гузаронидани тадбирҳои профилактикӣ дар онҳо сифатҳои нигоҳ доштани саломатии рӯҳӣ ва ҷисмониро ташаккул медиҳад ва онҳо ба маънои тарзи ҳаёти солим ва арзишҳои он, инчунин арзиши ҳаёти одамони дигар сарфаҳм меравонд.

Технологияи педагогии нигоҳдории саломатӣ тамоми ҷанбаҳои таъсири омӯзгор ба саломатии хонанда дар сатҳҳои гуногун – иттилоотӣ, равонӣ ва биоэнергетикиро дар бар мегирад. Тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ, аз технологияи инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ,обутобдиҳӣ, м ашқҳои нафаскашӣ, таъмини некӯаҳво лии иҷтимоӣ – психологии хонанда, таъмини солимии равонӣ ва иҷтимоии хонанда ва ба таъмини бароҳатии эмотсионалӣ ва некӯаҳволии равонии мусбии хонанда дар раванди муошират бо ҳамсолон ва калонсолон дар мактаб, оила ва ҷомеа иборат аст ва ба рушди ҷисмонӣ ва таҳкими саломатии хонанда нигаронида шудааст.

Тамоюлҳои рушди таҳсилоти умумии муосир аз аҳаммияти афзалиятноки муҳити зист ҳамчун омили тайёр намудани мутахассисони оянда, фаъол гардонидани неруи эҷодкорӣ, салоҳият ва рақобатпазирии хонанда шаҳодат медиҳад.

Дар замони муосир муносибатҳо ба назария ва амалияи таълим тахти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, компютеркунонӣ, ҷорӣ ва истифодаи Интернет, ВАО, таҳсилоти фосилавӣ ва ба хонанда нигаронидашуда тағйир меёбанд. Ҳамаи ин боиси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим мегарданд. Вазифаи технология ҳамчун илм аз муайян кардани маҷмуи намунаҳо бо мақсади муқаррар кардан ва дар амал истифода бурдани амалҳои муосиртарин, пайдарпайи

фаъолияти таълимӣ, ки барои ноил шудан ба ягон натиҷа вақт ва захираҳои моддӣ ва зеҳнии камтарро талаб мекунанд, иборат аст.

Инноватсия дар таълим ҳамчун раванди такмили технологияҳои педагогӣ, маҷмуи методҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим фаҳмида мешавад. Агар омӯзгор барои пешравӣ саъй кунад, фаъолияти худро ба самти беҳтар тағйир додан хоҳад, пас ин равандро аллакай инноватсия (навоварӣ, навгонӣ) донистан мумкин аст.

Инноватсия (англ. Innovation – навоварӣ) – ҷорӣ намудани шакл ҳо, усулҳо ва малакаҳои нав дар соҳаи таълим, маориф ва илм мебошад. Аслан, ҳар як навоварии иҷтимоию иқтисодӣ, дар ҳоле ки он ҳанӯз оммавӣ нагардидааст, инноватсия дониста мешавад. Хусусиятҳои маориф дар ибтидои ҳазораи сеюм нисбат ба истифодаи технологияҳои гуногун талаботи махсусро ба миён мегузорад, зеро маҳсули меҳнати онҳо ба одамони зинда нигаронида шудааст ва дараҷаи амалишавии технологияи таълимиро ҳеҷ гоҳ бо технологияи истеҳсолоти саноатӣ муқоиса кардан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, дар баробари технологиякунонии фаъолияти таълимӣ раванди гуманизатсияи он низ ногузир аст, ки ҳоло дар чаҳорчӯби равиши шахсият – фаъолият бештар паҳн шуда истодааст.

«Равандҳои амиқе, ки дар низоми маориф чӣ дар кишвари мо ва чӣ дар хориҷи кишвар ба амал меоянд, боиси ташаккули назария ва методологияи нави таълим ҳамчун назария ва методологияи таълими инноватсионӣ мегардад» [97, с. 23].

Технологияҳои инноватсионии таълим бояд ҳамчун василае баррасӣ шаванд, ки тавассути он шаклҳои нави таълим метавонанд дар амал татбиқ гарданд. Ҳадафи асосии технологияҳои инноватсионии таълим омода кардани шахс ба ҳаёт дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда мебошад. Моҳияти чунин омӯзиш тамоюли раванди таълим ба неруи инсон ва татбиқи онҳо мебошад. Маориф бояд механизмҳои фаъолияти инноватсиониро инкишоф дода, роҳҳои эҷодии ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимро дарёбад ва барои ба меъёр ва шакли мавҷудияти инсон табдил ёфтани эҷодкорӣ ҳамаҷиҳата мусоидат намояд. Мақсади навоварӣ тағйироти сифатӣ дар шахсияти хонанда дар муқоиса бо низоми анъанавӣ мебошад. Ин бо туфайли дар

фаъолияти касбӣ ҷорӣ намудани барномаҳои дидактикӣ ва таълимие, ки имрӯз дар амалия маълум нестанд имконпазир мегардад ва ин маънои рафъи бухрони педагогиро дар назар дорад.

Рушди маҳорати ҳавасмандгардонии фаъолиятҳо, мустақилона кор кардани иттилооти гирифташуда, ташаккули тафаккури эҷодии ғайримуқаррарӣ, рушди хонандагон тавассути ошкор кардани ҳадди аксар қобилиятҳои табиии онҳо бо истифода аз дастовардҳои навтарини илм ва амалия ҳадафҳои асосии инноватсия мебошанд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар таълим ҳамчун амалияи аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, ки ба такмили маънавии шахс нигаронида шудааст, дониста мешавад ва аз он сабаб муҳим аст, ки он метавонад тағйир додани ҳамаи намудҳои амалияро дар ҷомеа таъмин намояд.

Бо дарназардошти гузариш ба ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ва рушди дониш, дар бораи мутобиқати таҳсилот ба ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии имрӯзу оянда метавон гуфт, ки агар навсозии он на танҳо ва на он қадар ба ташкили навгонӣ асос ёбад, балки дар бораи тағйироти моҳият – мазмун ва технологияи тайёр кардани кадрҳо ва таҳқиқоти илмӣ сухан меравад. Маориф ҳамчун муассисаи иҷтимоие, ки неруи зеҳнии кишварро дубора тавлид мекунад, бояд қобилияти пешбурди рушд, ҷавобгӯйи манфиатҳои ҷомеа, фарди алоҳида ва корфармои боэътимод дошта бошад.

Истифодаи технологияи информатсионӣ ва иртиботӣ имкон медиҳанд, ки раванди ҷустуҷӯ ва интиқоли иттилоот ба таври назаррас суръат бахшад, хусусияти фаъолияти ақлонӣ тағйир дода шуда, меҳнати ҷисмонии инсонро техника иваз намояд. Исбот шудааст, ки сатҳи рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ муваффақияти ҳар як ширкатро муайян мекунад. Асоси технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ системаҳои иттилоотӣ ва телеиртиботӣ мебошанд, ки дар воситаҳои компютерӣ васл шудаанд ва захираҳои иттилоотӣ ва воситаҳои техникӣ ва нафисе мебошанд, ки нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоотро ба масофаи дур таъмин мекунанд.

Мактаби муосир бояд як минбари пешрафта аз нигоҳи технологияҳои иттилоотӣ, макone гардад, ки дар он инсон на танҳо

донишҳои заруриро мегирад, балки ба рӯҳияи ҷомеаи муосири иттилоотӣ ворид шуда тавонад. Бе истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИК) муассисаи таълимӣ наметавонад мақоми инноватсиониро дар соҳаи маориф доро бошад.

«Ниҳоят, муассисаи таълимӣ дар он сурат инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки дар раванди таълим навовариҳои ташкилӣ, дидактикӣ, техникӣ ва технологиро васеъ ҷорӣ намуда, дар ин замина ба баланд шудани суръат ва ҳаҷми воқеии азхудкунии дониш ва сифати омодасозии мутахассисон ноил гардад» [14, с. 28].

Калимаи «инноватсия дар миёнаҳои асри XVII пайдо шуда, маънои воридшавии нав ба як минтақаи муайян, ба он ҷобаҷо кардан ва тавлиди як қатор дигаргуниҳо дар ин ё он соҳаро дорад. Инноватсия, аз як тараф, раванди навоварӣ, татбиқ, амалӣ намудан ва аз тарафи дигар, ин фаъолияти пешравандаи навоварӣ ба амалияи муайяни иҷтимоӣ мебошад.

Таълим – ин роҳ ва шакли комил шудани шахс аст. Моҳият ва мақсади таълими нав инкишофи ҳақиқии салоҳияти умумии инсон, ташаккули тарзу усулҳои универсалии фаъолият ва тафаккур мебошад. Мафҳуми муосири «таълим» бо тафсири истилоҳот ба монанди «омӯзиш», «тарбия», «маориф», «маърифат», «инкишоф» алоқаманд аст. Аммо гарчанде ки калимаи «таълим» бо маърифат алоқаманд бошад ҳам, маънои васеътар дорад.

Маънои истилоҳи «таълим» – ро ҳамчун исм аз феъли «шакл» ба маънои «эҷод кардан», «шакл кардан» ё «таҳия кардан» чизи нав медонанд. Эҷоди чизи нав инноватсия аст. Гузариш ба усулҳои интерактивии таълим ва технологияҳои воқеӣ захираҳои бузурги телекоммуникатсиониро талаб мекунад, ки метавонанд пайвасти зарурии иштирокчиёни раванди таълимро таъмин кунанд. Дастгирии технологияҳои навтарин, маҳсулнокии баланди таҷҳизоти телеком муникатсионӣ ва фарох маҷрои шабакаҳои интиқоли маълумотро васеъ мегардонанд.

Навгонӣ ё навоварӣ хоси ҳама гуна фаъолияти касбии инсон буда, аз ин рӯ, табиист, ки мавзуи омӯзиш, таҳлил ва татбиқ мегардад. Инноватсия

худ аз худ ба вуҷуд намеояд, вай натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони алоҳида ва тамоми коллективҳо мебошанд. Ин раванд стихиявӣ шуда наметавонад, онро идора кардан лозим аст. Дар шароити стратегияи инноватсионии раванди ягонаи педагогӣ нақши директори мактаб, омӯзгорон ҳамчун интиқолдиҳандагони бевоситаи равандҳои инноватсионӣ хеле меафзояд. Бо ҳама гуна технологияҳои таълим: дидактикӣ, компютерӣ, мушкилот, модулӣ ва ғайра амалӣ намудани вазифаҳои пешбари педагогӣ ба зиммаи омӯзгор боқӣ мемонад.

Бо ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар раванди таълим омӯзгор вазифаҳои мушовир, машваратчӣ, мураббиро бештар ба зимма мегирад. Ин аз омӯзгорон талаб мекунад, ки омодагии махсуси психологию педагогӣ дошта бошанд, зеро дар фаъолияти касбии омӯзгор на танҳо донишҳои махсуси фаннӣ, балки донишҳои муосири соҳаи педагогика ва психология, технологияи таълиму тарбия низ талаб карда мешаванд. Дар ин замина омодагӣ ба дарк, баҳогузорӣ ва татбиқи навовариҳои педагогӣ ташаккул меёбад.

«Мафҳуми «инноватсия» маънои навоварӣ, навгонӣ, тағйиротро дорад; навоварӣ ҳамчун восита ва раванди ҷорӣ намудани чизи навро дар бар мегирад. Дар робита ба раванди педагогӣ навоварӣ маънои дар мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои таълиму тарбия ҷорӣ намудани чизи нав, ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонандаро дорад» [33]. Ҳ ангоми дарки моҳияти равандҳои инноватсионии таълим ду масъалаи муҳиммтарини педагогика – мушкилоти омӯхтан, ҷамъбаст намудан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илми психологию педагогӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, субъекти инноватсия, мазмун ва механизмҳои равандҳои инноватсионӣ бояд дар ҳамбастагии ду раванди ба ҳам алоқаманд, ки то ҳол дар алоҳидагӣ баррасӣ мешаванд, қарор гиранд. Натиҷаи равандҳои инноватсионӣ бояд истифодаи навовариҳои ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ ва ҳам он чизе бошад, ки дар чорроҳаи назария ва амалия ташаккул меёбанд. Ҳамаи ин аҳаммияти фаъолияти идоракуниро дар офаридан,

инкишоф додан ва истифода бурдани навигариҳои педагогӣ таъкид мекунад. Аз ин рӯ, гап дар он аст, ки омӯзгор метавонад ҳамчун муаллиф, таҳиягар, муҳаққиқ, истифодабаранда ва тарғибгари технологияҳои нави педагогӣ, назарияҳо, мафҳумҳо баромад кунад. Идоракунии ин раванд интихоби мақсаднок, баҳогузорӣ ва дар фаъолияти худ татбиқ намудани таҷрибаи ҳамкорон ё ғояву усулҳои нави пешниҳодкардаи илмро таъмин менамояд.

Зарурати самти инноватсионии фаъолияти педагогиро дар шароити муосири рушди ҷомеа, фарҳанг ва маориф як қатор ҳолатҳо муайян мекунанд. Аввалан, дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии ба амаломада навсозии куллии низоми маориф, методология ва технологияи ташкили раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун тақозо менамояд. Самти инноватсионии фаъолияти омӯзгорон ва мураббиён, ки эҷод, инкишоф ва истифодаи навовариҳои педагогиро дар бар мегирад, ҳамчун воситаи навсозии сиёсати таълим баромад мекунад.

Сониян, пурзӯр намудани гуманизатсияи мазмуни таълим, пайваста тағйир додани ҳаҷм ва таркиби фанҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани фанҳои нави таълимӣ, ҷустуҷӯйи доимии шаклҳои нави ташкилӣ ва технологияи таълимро тақозо мекунад. Дар ин шароит нақш ва нуфузи донишҳои педагогӣ дар муҳити таълим хеле меафзояд.

Дарс – суд, ба ақидаи бисёре аз дастурдеҳон ба бозиҳои ретроспективӣ (ба гузашта муроҷиат кардан, ба гузашта, ба рӯйдодҳои гузашта ишора кардан) тааллуқ дорад (онҳоро бозиҳои нақшбозӣ ва интерактивӣ низ меноманд), ки бевосита ба эҳсосоти хонанда таъсир мерасонанд.

Хусусияти дидактикии дарс – суд аз он иборат аст, ки хонандагон дар як вақт ҳам маводи таълимиро аз худ мекунанд ва ҳам бо унсурҳои асосии мурофиаи судӣ шинос мешаванд.

Чунин дарс ба баррасии андешае бахшида мешавад, ки ба ин ё он ҳодисаи таърихӣ тааллуқ дошта, дар илми таърих ба он якхела баҳо дода нашудааст. Дар чунин ҳолат риоя кардани меъёрҳои мурофиаи судӣ хело муҳим аст. Нигоҳ доштани ҷараёни мурофиаи суди муҳим буда, таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба натиҷаи иҷрои вазифаҳои таълимӣ, инкишофдиҳанда ва тарбиявии дарси таърих дода шавад.

Гузаронидани чунин дарс бе тайёрии пешакӣ ғайриимкон аст.

**Вазифаҳои марҳалаи омодагӣ**.

Омӯзгор ду – се ҳафта пеш мавзуи дарс ва шакли гузарондани онро ба хонандагон фаҳмонда дод.

Нақшҳои прокурор, шоҳидон, адвокат, ҳакамон, судя, котиба, рӯзноманигорон, тамошобинон бо назардошти қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва хоҳиши онҳо тақсим карда шуданд:

• вазифаҳои онҳо муайян карда шуданд;

• маводҳои лозимӣ тайёр карда шуданд;

• рӯйхати адабиёти иловагӣ ба хонандагон пешниҳод карда шуд;

• баромадҳои хонандагон дар ҷараёни мурофиаи судӣ муҳокима карда мешаванд.

Нақшҳои прокурор ва адвокатҳо хеле масъулиятноканд ва аз ин рӯ, ба онҳо хонандагони фаъолтар таъин карда шуданд. Хоҳиши хонандагон ба ҳисоб гирифта шуд, вале кӯшиш карда шуд, ки он набояд ба анархия ва беназоратӣ табдил ёбад. Нақши роҳбар худи омӯзгор ва ё ба хонандаи беҳтарин супорида шуд.

Мавзуи дарс – суд ҳамчун мушкилот ба муҳокима гузошта шуд.

Суханронии прокурор ва адвокат бояд истилоҳоти пурраи мурофиаи судиро дар бар гирад ва вазифаи таълимиро низ иҷро кунад, яъне муқаррароти асосии дарсро ошкор шавад ва мавқеъҳои баён ва далелҳои дифоъро ташаккул диҳад. Бояд диққати асосӣ танҳо ба далелҳои боэътимод ва тасдиқшуда дода шавад.

Дар рафти тайёрӣ хонандагон бояд адабиёти иловагиро коркард кунанд, маводи заруриро интихоб кунанд, шоҳидон барои чунин дарс маводи иловагии иттилоотӣ омода созанд, ки суханронии прокурор ё адвокатро пурра намоянд.

Рӯзноманигорон бояд барои ҷонибҳои мурофиа як қатор саволҳо омода кунанд, ки далелҳоро тафсилот ва ё воқеаро равшан кунанд.

Ҳайати вакилон барои хулоса кардан омода мешаванд, ки муносибати шахсии онҳоро ба масъалае, ки баррасӣ мешавад, нишон медиҳад.

Ба ташкили дарс – суд тамоми синф ҷалб карда шуда, нақшҳо на фардӣ, балки байни гурӯҳҳои корӣ тақсим карда шуданд.

Ҳар як аъзои гурӯҳ дар марҳалаи омодагӣ ё дар вақти кори хонагӣ вазифаҳои муайянро иҷро карданд.

Дар марҳалаи омодагӣ омӯзгор нақши муҳим дорад. Ӯ ҳамчун ташкилкунандаи дарс – бозӣ, коргардони он, мунаққид, ҳунарманд –дублёр баромад кард. Бинобар ин, омӯзгор вазъиятро дар гурӯҳҳои корӣ назорат карда, дараҷаи омодагии хонандагонро санҷида, фаҳмонд ва маслиҳат медод. Зарур он буд, ки дар ин давра барои хонандагон шароит фароҳам оварда шуд. Мо кӯшиш кардем, ки омодагӣ бо қориёна аз ёд кардани нақшҳое, ки худи омӯзгор омода кардааст, табдил наёбад.

**Марҳалаи асосии дарс – суд.**

Ин марҳала аз якчанд қадам иборат буд.

Дарс бо сухани муқаддимавии роҳбар оғоз мешавад. Судя дар нутқи худ вазъияти таърихиро тавсиф намуда, масъалаҳои асосиеро, ки дар рафти маҷлис муҳокима мешуданд, таъкид намуд, иштироккунанда гонро бо қоидаҳо ва тартиби гузарондани ҷараёни суд шинос намуд.

Қадами дуюм аз баромади прокурор ва адвокат иборат буд. Прокурор дар баромади худ муқаррарот, эълонҳое пешниҳод намуд, ки дар рафти мурофиаи судӣ баён карда мешаванд. Адвокат дар бораи нияти худ оид ба рад кардани айбҳои прокурор сухан ронд.

Қадами сеюм шунидани шоҳидон ё пурсиши ҷавоби айбдоршаванда мебошад.

Шунавонидани ҳайати вакилон қадами чорум буд. Онҳо табиати эҳсосотӣ дошта, нуқтаи назари худро пешниҳод намуданд. Муҳим аст, ки ҳакамон фикру ақидаҳои худро баҳс кунанд. Инчунин онҳо метавонанд баромади прокурор ва шоҳидонро пурра баррасӣ кунанд.

Марҳалаи навбатӣ аз баровардани ҳукми суд иборат буд. Ин ҳукми мустақил буда, на танҳо мавқеи шахсии судяро равшан мекунад, балки нуқтаи назари асоснок ба мушкилот ва он арзёбии масъаларо, ки дар таърихи муосир вуҷуд дорад, ифода мекунад.

Қадами охирин иштироки рӯзноманигорон буд, ки онҳо ба иштирокчиёни раванд як қатор саволҳо доданд.

**Марҳалаи ниҳоӣ.**

Ин марҳала аз эълон кардани вазифаи хонагӣ (аз толори маҷлис гузоришҳо навиштан ё тартиб додани мусоҳиба бо иштирокчиёни раванд, навиштани эссе) иборат буд.

Дар ин марҳала омӯзгор натиҷаҳои дарсро ҷамъбаст намуда, ба дастовардҳои хонандагон баҳо дод ва норасоиҳоро қайд кард. Муҳим он буд, ки худи хонандагон дар мубоҳиса иштирок намуда, таассуроти худро дар бораи ташкил ва гузаронидани чунин дарс баён карданд.

Омӯзгор фаъолиятҳоро тавре арзёбӣ намуд, ки он хусусияти ҳавасмандкунӣ дошта, ба сатҳи баланди баҳодиҳии дастовардҳои хонандагон мувофиқат намуд.

**Усули омӯзиши кооперативӣ**

Усули омузиши кооперативӣ як роҳи ҳалли мушкилот ба ҳисоб рафта, аз панҷ ҷузъ иборат аст, ки дар ҳалли вазифаҳои ин усул ҳамчун восита хизмат мекунанд.

1. Муносибати мусбӣ. Хонандагон дар як гурӯҳ якҷоя кор мекунанд. Тамоми гурӯҳ як мақсад дорад. Ҳама бояд якҷоя, ба якдигар такя намуда, ба мақсади ниҳоӣ расанд.
2. Масъулияти фардӣ. Ҳар як шахс бояд ба дигарон дар расидан ба ҳадафи умумӣ кӯмак кунад.
3. Муоширати байниҳамдигарӣ. Ҳар як аъзои гурӯҳ бояд суханони дигаронро эҳтиромона гӯш кунад.
4. Салоҳияти муошират. Барои ҳар як хонанда қобилиятҳои гӯш кардани сухани дигарон, кӯмак кардан, фаҳмидан, тафтиш кардан, фаҳмондан, савол додан муҳим аст. Ин малакаҳо барои ҳалли низоъҳо, мушкилот, рушди малакаҳои муошират, эътимод ва инкишофи сифатҳои лидерӣ кӯмак мекунанд.
5. Тадриҷан ташаккул додани маҳорат. Қарори умумӣ дар бораи такмил додани раванди омӯзиши кооперативӣ.

**Вазифаи омӯзгор ҳангоми омӯзиши кооперативӣ:**

1. Омода кардани маводи таълимӣ ва интихоби методи омӯзиш.
2. Мухтасар баён кардани мазмуни асосии дарс.
3. Ташкил кардани гурӯҳҳо.
4. Шинос кардани хонандагон бо тарзи кор дар гурӯҳ.
5. Фаҳмондани қоидаҳои рафтор дар гурӯҳ. Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки:

- ҳамдигарро эҳтиром кунанд;
- нисбат ба ақидаҳои дигар таҳаммулпазир бошанд;
- қобилияти гӯш кардани якдигар;
- дар бораи муҳити корӣ дар синф мисол овардан.

6. Омӯзгор супориш дода, бояд боварӣ ҳосил кунад, ки оё ҳамаи аъзоёни гурӯҳ супоришҳои худро иҷро мекунанд?

7. Муҳокимарониро гӯш карда, дар ҷойи зарурӣ савол диҳад, кӯмак расонад.
8. Барои дарки маводи таълимӣ ба хонандагон кӯмак намояд.
9. Хонандагонро барои худбаҳодиҳӣ кӯмак намуда, фаҳмонад, ки оё онҳо ба мақсад расидаанд, ё не, тавсия диҳад, ки чӣ тавр онҳо метавонанд натиҷаҳои кори худро беҳтар намоянд.
10. Натиҷаи кори гурӯҳ ва саҳми ҳар яки онҳоро дар татбиқи лоиҳа ё супориш арзёбӣ намояд.

Бо мақсади инкишоф додани малакаҳои ҳамкории хонандагон барои муваффақ шудан дар гурӯҳ муҳаққиқ дар яке аз синфҳои таҷрибавӣ чунин меъёрҳоро таҳия намуд:

1. Муайян намудан мақсади умумии тамоми гурӯҳ;
2. Фаъолияти хонандагон на ба таври фардӣ, балки гурӯҳӣ арзёбӣ карда шавад.
3. Барои омӯзонидани дигарон ва ҳамкорӣ байни аъзоёни гурӯҳ ба гурӯҳ як маводи таълимӣ дода шавад;
4. Ҳар як хонанда вазифаи муайянро иҷро кунад (котиб, намоянда, нозир ва ғайраҳо);
5. Муайян кардани қоидаҳои тиллоӣ дар гурӯҳ;
6. Ҳавасманд кардан – ҳар кас бояд вазифаи худро иҷро кунад, то ки гурӯҳ ба муваффақият ноил шавад;
7. Саъй кардан барои ноил шудан ба комёбӣ, рақобат на дар дохили гурӯҳ, балки танҳо дар байни гурӯҳҳо ташкил карда шавад;
8. Муайян кардани таъсири муҳити атроф – иштирокчиён якҷоя менишинанд ва якҷоя кор мекунанд;
9. Ширкат варзидан ҳангоми қабули қарори умумии гурӯҳ барои расидан ба мақсади ягона ва номгузорӣ кардани гурӯҳҳо (масалан, «Баҳор», «Офтоб»).

**Нақши омӯзгор ҳангоми омодагӣ ба омӯзиши кооперативӣ.**

**Қисми якум**

1. Мақсад. Дарсҳои гурӯҳӣ ҳамеша ду ҳадаф доранд:

- муайян кардани сатҳи академии дониш ва ҳадафи таълимӣ;

- муайян кардани алоқамандии ниёз ва қобилияти муайяни инкишофи тафаккур. Ҳадафи дуюм муоширати тарбиявӣ мебошад.

2. Муайян намудани теъдоди хонандагон дар гурӯҳ. Шумораи хонандагони гурӯҳ барои ноил шудан ба ҳадаф таъсир мерасонад. Ҳангоми ҳалли ин масъалаҳо омилҳои зеринро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ аст:

- оғоз кардани кори 2 – 3 нафара, ки дар он ҳамаи хонандагон бояд кор кунанд;
- фаъолиятҳое, ки қобилият ва тахассуси баландро талаб мекунанд, онҳоро дар гурӯҳҳои калон ташкил кардан беҳтар аст;
- ҳар қадаре, ки гурӯҳ калон бошад, талабот нисбат ба муносибати аъзоёни гурӯҳ ҳамон қадар зиёд мешавад;
- аксар вақт супориш шумораи муайяни хонандагонро дар гурӯҳ талаб мекунад;
- шумораи хонандагон дар гурӯҳ низ аз вақт вобаста аст: вақти кам –гурӯҳи хурд ва миқдори камтари супоришҳо.

3. Ҳайати гурӯҳ. Барои ноил шудан ба ҳадафи ниҳоӣ, дуруст ташкил кардани гурӯҳҳо муҳим аст:

- ташкил кардани гурӯҳҳои тафриқашуда беҳтар аст, яъне ҳайати гурӯҳҳо аз хонандагони заиф ва қавӣ иборат бошанд;
- гурӯҳҳои аз ҷониби омӯзгорон ташкилшуда хеле хубтаранд. Омӯзгор метавонад барои хонандагоне, ки бо дигарон кор кардан наметавонанд, ё бо душворӣ кор мекунанд, шароитҳои махсус ташкил кунад;
- хонандагон бояд то анҷоми супориш дар як гурӯҳ кор кунанд. Ҳатто агар мушкилот вуҷуд дошта бошад ҳам, гурӯҳҳо набояд пароканда шаванд, зеро хонандагон ҳеҷ гоҳ роҳи ҳалли мушкилотро намеомӯзанд. Гурӯҳҳое, ки мушкилӣ доранд, ба таваҷҷуҳи бештар ва кӯмаки омӯзгор эҳтиёҷ доранд, вале вақте ки худашон ин мушкилотро бартараф мекунанд, беҳтар аст.

4. Тайёрии синф. Пеш аз оғози дарс мизҳоро барои иҷрои кори гурӯҳӣ омода кардан лозим аст, то ки хонандагон дар гурӯҳ бо ҳам кор

карда тавонанд. Барои он ки хонандагон зуд ва хомӯшона дар гурӯҳҳо ҷамъ шаванд, пешакӣ бояд хонандагон қоидаҳои тиллоиро қабул кунанд.

5. Тайёр кардани мавод.

**Қисми дуюм**

1. Ба хонандагон фаҳмонида шавад, ки муносибати байни онҳо бояд чӣ гуна бошад: хонандагон беҳтар кор мекунанд, агар онҳо донанд, ки муваффақият аз худи онҳо ва сифати иҷрои супоришҳо вобастаанд. Онҳо мақсади умумӣ ва масъулияти тарафайн доранд. Ҳама медонанд, ки чӣ кор бояд кунанд: маводи таълимиро мубодила мекунанд ва мақсади тамоми синф ин аст, ки кори гурӯҳӣ дар як вақт дар ҳамаи гурӯҳҳо анҷом дода шавад.

2. Муайян бояд кард, ки кадом дониш лозим аст. Омӯзгор бо хонандагон аҳаммияти алоқамандии маводи таълимиро бо гузашта, ҳозира ва оянда муҳокима кунад. Санҷида бароядд, ки оё ҳамаи хонандагон супоришро фаҳмидаанд.

3. Шарҳ додани меъёрҳои муваффақият. Хонандагон дар якҷоягӣ бо омӯзгор метавонанд меъёрҳои баҳодиҳиро барои арзёбии кори хуби таҳқиқотӣ таҳия кунанд:

- сари вақт анҷом додан – муҳлати анҷом додани корро муайян кардан лозим аст (30 дақиқа);
- ишора кардан ба ҷавоби дуруст;
- муайян кардани шумораи муайяни ғояҳо, масалан, панҷ ақидае, ки фикрҳои гурӯҳро дастгирӣ мекунанд;
- ҳадафи тарбиявӣ – таъкид кардани зарурати муносибатҳои мусбӣ дар гурӯҳ (мисолҳо оваред).

4. Ташкил кардани масъулияти фардии ҳар як аъзои гурӯҳ. Ҳар як шахс бояд супоришҳои муайянро мустақилона анҷом диҳад. Он гоҳ онҳо медонанд, ки ҳама бояд чӣ кор кунанд; метавон ҷавобҳо талаб карда шуда, ба ҳар як аъзои гурӯҳ рақам таъин карда шавад. Варақаи худбаҳодиҳӣ аз тарафи аъзоёни гурӯҳ пур карда шуда, қайд мекунанд, ки ҳиссаи онҳо дар иҷрои кори гурӯҳӣ чӣ гуна аст.

5. Омӯзгор шарҳ медиҳад, ки хонандагон бояд тартиботи муайянро риоя кунанд, якдигарро гӯш ва дастгирӣ кунанд ва бо рақиб чӣ гуна рафтор кардан лозим аст. Хонандагон дарк кунанд, ки чаро қобилияти муошират ин қадар муҳим буда, он бояд татбиқ карда шавад. Бо чунин тарз малакаҳои муошırати иҷтимоии хонандагон инкишоф меёбанд.

**Дар рафти дарс омӯзгор:**

1. Фаъолияти хонандаро пайгирӣ мекунад, пайваста аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар ҳаракат мекунад ва мебинад, ки хонандагон чӣ кор мекунад. Чун ки ин аз хонандагон масъулияти зиёдро талаб мекунад ва ба муаллим имкон медиҳад, ки дар ҳолати зарурӣ ба фаъолияти гурӯҳ дахолат кунад. Як хонанда метавонад нозири гурӯҳ интихоб шуда, шарҳҳои мушаххаси гурӯҳи худро баён кунад.

2. Дар мавридҳои зарурӣ омӯзгор ба гурӯҳ кӯмак мекунад, талаботро мефаҳмонад ва кӯшиш мекунад, ки гурӯҳ роҳи ҳалро худаш ёбад. Талабагон бояд пеш аз ҳама ба дониш ва таҷрибаи якдигар такя карда, қобилияти ҳамкориро инкишоф диҳанд.

3. Агар гурӯҳ аз уҳдаи иҷрои супориш баромада натавонад, чӣ гуна бояд рафтор кард? Шояд ягон хонанда аз иҷрои супориш худро дар канор мегирад ва чӣ тавр ӯро ба иҷрои фаъолиятҳо ҳавасманд бояд кард?

4. Ба гурӯҳ имконият додан лозим аст, ки ин масъаларо таҳти роҳбарии омӯзгор ҳал кунад. Ба ин кор набояд дахолат кард, вагарна талабагон дар ҳалли мушкилот аз омӯзгор вобаста шуда, аз нерую қобилияти ҳамдигар истифода намебаранд.

5. Омӯзгор натиҷаҳои омӯзиш ва худи раванди омӯзиши кооперативиро арзёбӣ мекунад; омӯзгор ба хонандагон, ҳар як хонанда ба худаш ва хонандагон ба якдигар баҳо медиҳанд ва ҳама якҷоя – натиҷаҳои омӯзишро дар гурӯҳҳо арзёбӣ мекунанд.

6. Омӯзгор хонандагонро муттаҳид намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки иҷрои фаъолиятҳоро муҳокима кунанд, муносибати худро ба

омӯзиш дар гурӯҳ баён намоянд. Омӯзгор бояд дар ин самт ба онҳо ёрӣ расонад, ба талабагон имконият диҳад, ки дар бораи фаъолияти худ хулосаҳои умумӣ бароварда, дараҷаи дониш ва қобилияти ҳамкорӣ дар гурӯҳро арзёбӣ кунанд.

7. Ҷамъбаст. Баҳо додан лозим аст, ки супориш чӣ гуна боғайратона иҷро карда шуд:

- натиҷаро мумкин аст, муаллим ё хонанда арзёбӣ кунад;
- як хонанда дар гурӯҳ метавонад натиҷаи кори гурӯҳро муаррифӣ кунад;
- гурӯҳ метавонад якҷоя саволҳоро баррасӣ кунад.

6. Муайян кардани натиҷаҳои ҳамкорӣ: гурӯҳ ба чӣ муваффақ шуд, чиро такмил додан мумкин аст. Мисол: аъзоёни гурӯҳ барои расидан ба ҳадаф ба якдигар кӯмак, ё бо ҳам маслиҳат карданд, ки муносибатҳоро дар гурӯҳ беҳтар кардан лозим аст.

Унсури муҳимми омӯзиши кооперативӣ ин фикру мулоҳизаҳои хонанда дар бораи худи раванди таълим дар гурӯҳ мебошад.

Масъулияти фардии аъзоёни гурӯҳ дар он вақте зуҳур меёбад, ки агар ҳар як аъзои гурӯҳ барои расидан ба мақсад саҳми худро гузорад, мустақилона омӯхтани худро исбот мекунад ва барои бомуваффақият омӯхтани дигарон кӯмак расонад. Ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд барои расидан ба ҳадаф кӯшиш кунанд.

Чӣ тавр хонандагонро ба таҳсил ҳавасманд кардан мумкин аст?

1. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар худи хонандагон дар таҳсил муваффақ нашаванд ё ба нокомӣ дучор гарданд, дар онҳо хоҳиши воқеии омӯзиш пайдо намешавад. Бояд ба онҳо кӯмак расонда шавад, то ки онҳо дарк кунанд, ки байни саъю кӯшиш ва муваффақияти онҳо робита вуҷуд дорад.

2. Агар ба хонандагон супоришҳои осон дода шуда, онҳоро ба таври тасодуфӣ, бидуни саъю кӯшиш ҳал кунанд, дар онҳо майлу рағбати омӯзиш аз байн меравад.

3. Агар талабагон омӯзиш кунанд, вале муваффақ нашаванд, бояд методи дигари таълимро истифода кард, вагарна хоҳиши омӯзиш дар онҳо гум мешавад.

4. Агар дарс шавқовар набошад – хеле осон, хеле душвор, ё ба талаботи таълими кооперативӣ ҷавобгӯ набошад – талабагонро барои иштирок кардан дар чунин дарс маҷбур кардан хуб нест.

5. Барои ноил шудан ба масъулияти инфиродӣ ва таъмини иштироки ҳар як хонанда дар иҷрои кори гурӯҳӣ, дар онҳо қобилияти ҳамкорӣ карданро рушд додан зарур аст. Муаллим худро ҳамчун тренер бояд нишон диҳад, ки вай ба муваффақияти ҳама таваҷҷуҳ дошта, нисбати ҳар як шахс ғамхор аст ва аз кайфияти мусбии хонандагон ҳаловат бурда, барои ӯ натиҷаи кори хонандагон хело муҳим аст.

Ҳар як гурӯҳ бояд аз 4 нафар иборат бошад. Дар ташкили гурӯҳҳо метавон аз аз кортҳо, рӯзҳои моҳҳо, рӯзи таваллуд, усули лифофа, рақамҳои математикӣ ва ғайра истифода бурд. Пас аз ташкили гурӯҳ бояд уҳдадориҳои ҳар як аъзои гурӯҳ муайян карда шавад. Ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳ лозим аст, ки дар кори гурӯҳӣ фаъолона иштирок намуда, ба суханони ҳамдигар бодиққат гӯш диҳанд ва эҳтироми худ ва ҳамсинфонро ба ҷо оваранд. Ҳайати гурӯҳ аз роҳбалад, нависанда, маърӯзачӣ, нозир ва ғайра иборат шуда метавонад.

Роҳбалад – тартиботро таъмин мекунад, корро ташкил мекунад, фикру мулоҳизаҳоро ҷамъ мекунад. Нависанда – ақидаҳои асосии муҳокимаро менависад, натиҷаи кори гурӯҳро пешниҳод намуда, дар муҳокима иштирок мекунад. Маърӯзачӣ – гурӯҳро муаррифӣ мекунад, ба таври шифоҳӣ ҷавоб тартиб медиҳад, ба саволҳои иловагии шунавандагон ҷавоб медиҳад, дар муҳокима иштирок менамояд. Нозир –дар мубоҳисаҳо иштирок намуда, андешаҳоро пешниҳод ва баҳо медиҳад, самаранокии муоширатро дар гурӯҳ назорат мекунад.

Таҳаммулпазирӣ, эҳтиром, омодагӣ ба омӯзиш аз ҳамдигар арзишҳое мебошанд, ки асоси шукуфоии давлатҳои демократӣ мебошанд.

Ба амалӣ шудани чунин муносибат омӯзиши кооперативӣ мусоидат мекунад.

**Истифодаи ҷадвалҳо ва диаграммаҳои мантиқӣ**

Муаллими фанни таърихи халқи тоҷик ҳангоми тайёрӣ ба дарсҳо бояд тамоми рафти воқеаҳои таърихро ба назар гирифта, робитаи байни мавзуъҳоро равшан тасвир намояд.

Барои ин тамоми маводи таълимиро «фишурда», ба низом дароварда, бо истифода аз ҷадвалҳо ва диаграммаҳои мантиқӣ ба хонандагон пешниҳод намояд. Ин ба талабагон кӯмак мекунад, ки тамоми раванди таърихиро бинанд, дар фазои таърихӣ озодона сайру гашт кунанд, барои азхудкунии дониш камтар вақт сарф кунанд ва ба муаллим имкон медиҳад, ки усулҳои нави муаррифиро эҷодкорона аз худ кунад, вақт ҷудо кунад, то дар якҷоягӣ бо хонандагон супоришҳои эҷодиро иҷро кунад.

Барои он ки хонандагон маводи таълимиро беҳтар аз худ кунанд, омӯзгор бояд аз тасвирҳои ҷадвалӣ истифода барад (ниг. ба ҷадвали 1).

Тасвирҳои ҷадвалии иттилооти таълимӣ номҳои гуногун доранд:

1) маълумотномаи такягоҳӣ – тарҳрезии маводи таълимӣ дар шакли системаи (сигналӣ) огоҳкунанда;

2) расмҳои такягоҳӣ – диаграммаҳо – аломатҳои визуалии ҳодисаҳои таърихӣ дар атрофи номи шахсияти таърихӣ ҷудо шуда, симои ягонаи давраи таърихиро меофаранд;

3) "тортанакҳо" – барои кор бо мафҳумҳо истифода мешаванд; Хонандагон номи консепсияро бо паргор давр зада, менависанд, баъд калидвожаҳоро интихоб мекунанд – ҳамин тавр «пойҳо» сохта мешаванд.

**Схемаҳои сохторӣ – мантиқӣ**. Схемаҳое, ки дорои як намуди нақша буда, аз ҳамон диаграммаҳое иборатанд, ки қисматҳои калон доранд ва аз элементҳо ва зербандҳо иборат мебошанд.

**Ҷадвали 2. Ҷадвалҳо ва диаграммаҳои мантиқӣ. Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90 – уми асри** XX




Муаллиф исбот мекунад, ки одатан чунин ҷадвалҳо аз шумораи ками воҳидҳои калони иттилоот иборат буда, ҳамзамон ба қонунҳои психологии хотираи кӯтоҳмуддат мувофиқанд. Дар ҷадвал маводи таълимӣ тавре ҷой дода шудааст, ки дар вақти кори шифоҳӣ бо қисмҳои алоҳидаи ҷадвал борҳо кор кардан мумкин аст. Такрор имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ бо паҳлӯҳои мухталиф, бо нигоҳ доштани якпорчагии он ошкор карда шавад. Дар баробари ин, чӣ ба таври шифоҳӣ ва чӣ ба таври хаттӣ воҳидҳои ахбороти асосӣ ва дуюмдараҷа бояд қайд карда шаванд.

«Ҷадвалҳои мантиқӣ ба хонандагон дар ташаккули малакаҳои қавӣ ҳангоми ёфтани ҷавоби мантиқӣ кӯмак мерасонанд, ба таври мухтасар барои ҳимояи фикрҳои худ дар раванди баҳс ва ба рушди фарҳанги нутқ ҳамаҷиҳата мусоидат мекунанд» [97].

Ҳангоми машғулият дар синфҳои озмоишӣ исбот шуд, ки усули инноватсионӣ ҳангоми кор кардан бо мавзуъҳои калон хеле муфид аст. Вай имкон медиҳад, ки тамоми раванди таърихӣ ҳамчун системаи том ё ягона омӯхта шавад. Истифодаи ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон дониши ибтидоӣ гирифта, минбаъд раванди маърифатӣ ба он асос ёбад.

Дар марҳалаҳои аввали азхудкунии маводи таълимӣ истифода намудани ин усул самаранок аст. Ин усулро дар кор бо гурӯҳҳои хурд (3 – 4 нафар хонанда) истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин имкон

медиҳад, ки унсурҳои рақобат ба кор бурда шуда, диққати хонандагон ба омӯзиш ҷалб карда шавад.

Илова бар ин, усули мазкурро бо усулҳои дигар: муҳокима, бозӣ, ҷустуҷӯ ва ғайраҳо якҷоя кардан мумкин аст. Усули кор бо ҷадвалҳои мантиқӣ хеле самаранок аст. Ҷадвалро метавон дар дарсҳои такрорӣ – ҷамъбастӣ ва дарсҳои амалӣ дар охири соли хониш истифода бурд. Ғайр аз ин, техникаи номбурдаро ҳангоми тайёрӣ ба аттестасияи хатм ва гузариш, инчунин ҳангоми аз ҷиҳати мантиқӣ гурӯҳбандӣ ва хулоса кардани миқдори зиёди маводи таълимӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Бо мақсади самаранокии кор ба талабагон аз рӯйи системаи пешниҳодшуда кор карданро ёд додан лозим аст. Аз ин рӯ, якчанд принсипҳо мавҷуданд, ки бояд хонандагонро дар дарсҳои аввал бо онҳо шинос кардан лозим аст. Бояд таъкид кард, ки дар амал тамоми корҳо аз рӯйи принсипи ҳамкории эҷодӣ, кор аз рӯйи системаи «муаллим –шогирд» чунин асос ёфтааст:

1. Сухани омӯзгор бояд аз 3 қисм иборат бошад:

- муқаддима, тавсифи мухтасари вазъияти таърихӣ;
- қисми асосӣ – баён кардани далелу воқеаҳои асосӣ;
- хулоса – аҳаммияти воқеа, дар шароити таърихӣ ва таъсири минбаъдаи он ба рафти таърих.

2. Ҳангоми кор бо диаграмма ва ҳикоя чунин калимаҳои алокамандкуниро истифода бурдан лозим аст: «аввал ман тавсиф мекунам ... »; «пеш аз ҳама»; «агар Шумо гӯед ... пас»; «диққат ба ... »; «ҳақиқат ин аст, ки…», «ман фикр мекунам…», «то ҷое ки ман медонам…», «манзурам…», «мушкилот дар он аст, ки ... », «ин тавр...», «ин тавр метавон гуфт...», «хулоса, ҳар он чӣ гуфта шуда буд, хулоса ин аст, ки...».

3. Ҳар як қисм дар ҷадвал муҳим аст:

- тирча алоқаи байни қисмҳо ва пайдарпайии таъсири ҳамдигарро нишон медиҳад;
- шакли чаҳорчӯба (тухмшакл, росткунҷа);

4. Сабтҳо дар ҷадвал бояд равшан ва фаҳмо бошанд (калимаҳои калидӣ истифода бурда мешаванд).

5. Ҷадвал метавонад бо далелҳо ва тафсилоти нав пурра карда шавад.

6. Ҷадвал пояест, ки бунёди дониши ҳар як муаллим ба он асос меёбад.

Барои кори пурсамари муаллим навор, ё графопроектор, маркер, плёнкаи шаффоф лозим аст. Дар хотир бояд дошт, ки шаклҳои кор бо ҷадвалҳо ва диаграммаҳои мантиқӣ бояд гуногун бошанд ва ба таври равшан назорат карда шаванд.

Ҳангоми кор аз болои маводи таълимӣ дар синфҳои таҷрибавӣ (воқеаҳо, мафҳумҳо, истилоҳот) муаллим дар дарси аввали муқаддимавӣ маводи таълимиро шарҳ дод: «Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90 – уми асри XX» ва ба тадриҷ диаграммаро мекашад. Хонандагон ҷадвалро дар дафтарҳо кашида, пур кардани онро ба далелу мафҳумҳои нав давом медиҳанд. (ниг. ба ҷадвали 1)

Дар охири дарс кӯдакон бояд ба ҳар як қисми диаграмма ба таври шифоҳӣ саволҳо диҳанд ва ҳатто ҷавобҳои кӯтоҳ низ пайдо карда тавонанд. Ба ин ҷадвал на як бору ду бор баргаштан лозим аст, хусусан дар оғози омӯзиши мавзуъҳои нави ҳамҷман калон истифодаи ин гуна ҷадвалҳо ба манфиати кор аст. Тавассути истифодаи ин усул ва такрори маводи таълимӣ, ҳангоми пур кардани ҷадвал самараи аниқ фаҳмидани равандҳо ва тамоилҳои асосии тараққиёти таърихии охири асри XX ба даст меояд.

**Ҷадвали 3. Инқилоби маданӣ дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юм**



**Ҷадвали 4. Вазифаҳои инқилоби маданӣ дар соҳаи маориф**




III. Ҳангоми кор дар дарс

1. Мавзуи «Ҳаёти ҷамъиятию сиёсии нимаи 2 – юми асри XIX» – ро шарҳ дода, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки диаграммаеро, ки як қисми онро муаллим тартиб додааст, пур кунанд. Ба гурӯҳҳои хурд супориш дода мешавад, ки аз рӯйи масъалаи муайян схемаро тартиб диханд.

Баъд дар назди тахта натиҷаҳои кори худро ҳимоя мекунанд.

IV. Дар рафти назорати азхудкунии маводи таълимӣ

1. Хонанда дар назди тахтаи синф маводро мувофиқи ҷадвали мантиқӣ нақл мекунад;

2. 2 нафар хонанда дар назди тахтаи синфӣ диаграмма тартиб дода, онро шарҳ медиҳанд.

3. Пурсиши хаттӣ аз аҳли синф.

1. Супориш: хонандагон дар муддати 10 дақиқа мухтасар, бе эҷоди ҷадвали нав мундариҷаи схемаро пайдарпай такрор кунанд.

4. Ба хонандагон варақчаҳо ё худ кортҳо дода мешавад, ки онҳо диаграммаҳои мантиқии чандирӣ доранд. Супориш: ислоҳ кардани хатогиҳо.

5. Ба хонандагон намунаи диаграммаи мантиқӣ ва ҷадвалҳо бо мавзуъҳои мушаххас дода мешаванд, ки хонандагон бояд онҳоро қайд кунанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи ҷадвалҳои блокӣ ва диаграммаҳои мантиқии сохторӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки маълумоти аз муаллим гирифташударо мантиқан дарк намояд.

Маълумотро ҷамъбастнамуда бояд қайд кард, ки чунин усулҳои инноватсионии таълим ба монанди дарс – суд ё истифодаи ҷадвал барои хонандагон хело мувофиқ ва муфиданд.

## § 2.2. Шаклу намудҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба воситаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик бо истифода аз технологияи инноватсионӣ

Ҳадафи асосии омӯзиши таърих дар мактаби муосир таълим, рушд ва тарбияи шахсияти хонандаест, ки қодир аст дар асоси фаҳмиши таҷрибаи таърихии кишвар ва тамоми инсоният, фаъолона ва эҷодкорона истифода бурдани донишҳои таърихӣ дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоӣ, қобилияти муайян кардани афзалиятҳои арзиши худро дошта бошад. Саҳми мактаби ибтидоӣ дар ин ҳадаф омодагии ибтидоии таърихӣ ва иҷтимоии хонандагон мебошад. Аз ин вазифаҳо омӯзиш ҳамчун раванди азхудкунии на танҳо миқдори муайяни дониш ва системаи маҳорат ва малакаҳои дахлдор, балки ҳамчун раванди азхудкунии салоҳияти гуногун низ баррасӣ карда мешавад.

Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар дарси таърихи халқи тоҷик на фақат мушкилоти таъминоти технологӣ, балки ҳамзамон таъминкунандаи соҳаи маориф бо воситаи иттилоот ва дар ин замина таҳияву нашр намудани маводи таълимӣ ба шумор меравад.

Ҳангоми омӯзиши раванди истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ бояд мушкилоте мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ки ба ошкор намудани ҳамоҳангсозии вазифаҳои таҳсил ва асоснок кардани моҳияти иҷтимоӣ – ахлоқии иттилоотикунонӣ бо мушаххасгардонии тасаввуроти илмӣ оид ба ҳақиқати педагогӣ асос ёфта бошанд.

Талаботи ҷомеа чунин аст, ки барои омӯзгорону хонандагон ҳангоми мутобиқат ба воқеияти иҷтимоӣ ва амалигардонии онҳо

мухолифатҳо пеш меоянд ва ин мухолифатҳо чун анъана аз зиддиятҳои ҳаётӣ бармеоянд. Ин ихтилофҳо қодиранд, ахлоқи маънавиро таҳия намоянд. Ҳамзамон ин ихтилофҳо аз ҷиҳати назариявӣ низ, ки барои инкишофи Консепсияи аксиологии таълимоти педагогӣ замина мегузорад, он қадар хуб муайян карда нашудааст. Навсозӣ ва татбиқи он самтҳои гуногуни фаъолияти омӯзгориро дар рушди муносибатҳои инсонӣ муайян сохта, ҳамчун омили ягонагӣ ва муттаҳидии ҷомеаи инсонӣ табдил меёбад.

**Технология чист? Техника – маҳорат, логос – таълим (калимаи юнонӣ), яъне таълимот дар бораи маҳорат аст.** Мувофиқи ақидаи педагогҳо ва психологҳо М. В. Кларин ва В. В. Гузеев «аломат ва нишонаҳои асосии технологияҳои инноватсионии таълим ин мавзуънокӣ, объективӣ будан ва ташкили бонизоми раванди таълимию маърифатиро дар бар мегиранд» [56; 22]. Агар истилоҳи «технология» – ро чунин таъриф дода бошанд, пас онро ҳамчун «раванди бунёдгузори низомҳои муносиби таълим ва банақшагирии раванди таълим гуфтан мумкин аст» [96, с.35]. Технология, аз рӯйи андешаи В. А. Сластенин ва И. Ф. Исаев, ин «раванди педагогӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташаккул ва гузаронидани раванди таълимӣ бо таъмини бегуфтугӯйи шароитҳои мусоид барои омӯзгор ва хонандагон мебошад» [135, с.142].

Муносибати технологӣ 3 марҳалаи рушдро аз сар гузаронидааст:

- марҳалаи эмпирикии рушд – ин методи таҳқиқотӣ аст, ки аз шарҳи ҳодисаҳо, бе хулосабарорӣ ва ҷамъбасткунии назариявӣ иборат аст;
- марҳалаи алгоритмии рушд – муфассал ба нақша гирифтани алгоритмҳои сахти детерминатсияшуда (қонуниятҳои объективии падидаҳои табиат ва ҷамъиятро эътироф менамояд) – и фаъолияти муаллим ва хонандагон;
- марҳалаи стохастикии рушд – банақшагирӣ ва муносибгардонии алгоритмҳои эҳтимолии идоракунӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагон. Бо онҳо наслҳои худии технологияҳо мутобиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, технологияи инноватсионӣ дар пасманзари таҳқиқоти мо ҳамчун раванди ба ташаккули фаъолияти маърифатӣ дохил намудани

технологияҳои муосири инноватсионӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда мешавад.

Омӯзгори фанни таърих новобаста ба таҷриба, бояд ҳамеша омӯзишро давом дода, касбашро такмил диҳад. Чанд сол боз омӯзгорон ба усулу методҳои нави фаъол ва истифодаи васеъи технологияҳои нави педагогӣ, ки метавонанд самаранокии таълимро ба таври назаррас рушд диҳанд, гузаштанд. Барои омӯхтани технологияҳои педагогӣ бояд онҳоро шинохт ва омӯхт. Пас технологияи муосири педагогӣ чист?

**Технологияи педагогӣ** – самти педагогика бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, кафолати ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи таълим мебошад.

**Истилоҳи «технологияи инноватсионӣ»** имконият медиҳад, «технология» дар соҳаи маориф ба таври васеъ омӯхта шавад. Мо афзал медонем, ки технологияи раванди таълимро мавриди тадқиқ қарор диҳем. Маҳз дар ҳамин маъно мо мафҳуми «технологияи инноватсионӣ» – ро татбиқ менамоем.

Солҳои охир, ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи фанҳои таълимӣ, аз ҷумла ба фанни таърихи халқи тоҷик таъсир расонидааст. Фанни «таърих» сол аз сол рушд карда, бойтар мегардад, бо маводи нави илмӣ – методӣ пурра мегардад.

Дарси имрӯза бояд ҳамқадами замон бошад ва нисбат ба ҳама падидаҳои иҷтимоӣ ҷавоб дода тавонад. Танҳо бо истифода аз усулу методҳои фаъоли таълим, технологияи муосир омӯзгор метавонад дар таълим ва тарбияи насли наврас ва омода намудани мутахассисони варзида комёб гардад. Аксар хонандагоне, ки ба муассисаи таълимӣ меоянд, ба чунин фан, ба монанди таърих, таваҷҷуҳи кам доранд. Аз ин рӯ, мақсади асосии омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик дар хонандагон бедор намудани шавқу ҳавас нисбати ин фан мебошад. Азбаски ҷавонони асри XXI одамони асри иттилоотӣ мебошанд, дар ҷараёни кор бо онҳо қобилияти мустақилона ва ҳавасмандона аз худ кардани маводи таълимиро ташаккул додан зарур аст. Истифода аз усулу методҳои фаъоли таълим,

технологияи муосир ба мустақилӣ, таҳқиқотӣ, кори эҷодӣ, рушди ҳаматарафаи хонандагон мусоидат мекунад.

Илми педагогикаи ҷаҳонӣ имрӯз муаллимро ҳамчун менеҷере мешуморад, ки фаъолияти фаъоли инкишофи хонандаро назорат мекунад. Дар чунин вазъ муаллим бояд тамоми ахбороти методикаи таълимро аз худ кунад, ки нақши технологияи муосири педагогиро дар ноил шудан ба сифати муосири таълим дар ин шароит ба таври назаррас меафзояд. Айни замон, барои таълими таърихи халқи тоҷик технологияҳои гуногун мавҷуданд. Омӯзгори муосир бояд аз онҳо муҳимтаринашонро аз худ кунад ва дар амалияи худ татбиқ кунад.

Дар байни онҳо технологияи гуфтугӯи эвристикӣ, омӯзиши мушкилот, шаклҳои бозии таълимӣ, истифодаи технологияҳои иттилотӣ – иртиботӣ дар раванди таълим маъмултарин мебошанд. Дар омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик чунин қисматҳои технологияи муосири таълимиро истифода бурдан мумкин аст:

- технологияҳои лоиҳавӣ ва тадқиқот;
- технологияи истифодаи усулҳои бозӣ дар таълим;
- технологияи омӯзиши мушкилот;
- технологияи омӯзиши бисёрсатҳӣ;
- технологияи тафаккури интиқодӣ;
- технологияи усули коллективӣ (дастаҷамъӣ) – и таълим;
- технологияи «Мубоҳиса»;
- технологияҳои наҷотбахши саломатӣ;
- технологияҳои муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ;
- технологияи таълими фосилавӣ;
- технологияи таълими модулӣ;
- технологияҳои мултимедия;
- технологияи таълими ба шахсият нигаронидашуда ва ғайра.

«Ҳар як технологияи пешниҳодшуда афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад. Ҳангоми истифода аз усули гуфтугӯи эвристикӣ, омӯзгор метавонад муқаррароти асосии маводи омӯхташударо дар муддати кӯтоҳ

бо хонандагон такрор карда, инчунин барои омӯхтани мавзуъҳои нав заминаи хуб фароҳам оварад. Айни замон, омодагӣ ба чунин дарс вақти зиёдро талаб мекунад ва на ҳар як хонанда қодир аст ин шакли корро дарк кунад» [113, с. 83].

Ҳоло якчанд намудҳои онро нишон медиҳем:

**1.Технологияҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ.**

Яке аз шаклҳои самарабахши кор ин истифодаи технологияҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ дар раванди таълим мебошад. Ҳадафи технологияи таҳқиқотӣ азхудкунии амиқи маводи барнома, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ аз тарафи хонандагон мебошад. Дар ҷараёни тадқиқоти хонандагон аз маъхазҳои гуногун истифода мешавад: матни дарсӣ, адабиёти илмию оммавӣ, ҳуҷҷатҳо, манбаҳои интернетӣ, маводи ахбори омма ва ғайра. Технологияи лоиҳавӣ ва таҳқиқот имкон медиҳад, ки сатҳи баланди мустақилият ва фаъолияти эҷодии хонандагон таъмин карда шавад. Истифодаи ин технология ба омӯзгор имкон медиҳад, ки шаклу усулҳои гуногунро истифода кунад, фаъолияти хонандагонро тақвият бахшад. Ҳадафи тарҳрезӣ ва тадқиқот аз ҷониби хонандагон фаҳмидан ва истифода бурдани дониш, малакаҳои ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои гуногун ба даст омада мебошад. Фаъолияти лоиҳа аз чунин қисматҳо иборат аст: таҳлили мушкилот, ҳадаф гузоштан, интихоби василаҳо барои ноил шудан ба он, ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот, арзёбии натиҷаҳо ва хулосаҳо.

Хонандагон шаклҳои гуногуни лоиҳаҳоро таҳия мекунанд: маърӯза, иншо, реферат, лавҳа (плакат), муаррифӣ (презентатсия), навор (в идео) ва ғайраҳо. Якҷоя бо хонандагон меъёрҳои баҳодиҳии ҳифзи лоиҳа таҳия карда мешаванд:

- сифати кор: пуррагии пешниҳоди мавзуъ, асоснокӣ, пешниҳоди боварибахши лоиҳа, ҳаҷм ва умқи дониш;
- маданияти сухан: истифодаи асбобҳои аёнӣ, вақт, нигоҳ доштани диққати шунавандагон;
- ҷавоб ба саволҳо: пурра, баҳс, дӯстона;
- сифатҳои кории баромадкунандагон: омодагӣ ба муҳокима, иродаи нек, тамос;

- ноил шудан ба ҳадафи лоиҳа.

Мисоли 1: Хонандагон дар мавзуҳои гуногун кроссвордҳо эҷод мекунанд. Истифодаи шакли анъанавии кори эҷодӣ, аз қабили навиштани кроссворди муаллифӣ дар мавзуи таърихӣ, инчунин барои ташаккул додани малака ва салоҳияти гуногун имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ истифода мешаванд, пайвандҳои байнисоҳавӣ нав карда мешаванд ва малакаҳои иртиботӣ барои эҷоди кроссвордҳо ташаккул меёбанд. Ин намуди кори эҷодӣ вақтро талаб мекунад, аз ин рӯ, ин асосан як варианти лоиҳаи хонаи хурд мебошад. Кроссвордҳо барои санҷиши фаслҳои калони маводи гузашта истифода мешаванд.

Мисоли 2: Дар синфи ҳаштум дар дарси таърихи халқи тоҷик хонандагон китобчаҳои хурд бо номи «Артиши Сомониён» – ро таҳия намуданд, ки дар он намуди зоҳирии сарбоз, шуғл ва зиндагии онҳо тасвир карда шуд. Ҳамаи ин бо тасвирҳои худи хонанда ва бо шарҳҳои ягон олими соҳаи таърих илова карда мешавад.

Мисоли 3: Дар дарси таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 8 ва 9, хонандагон бо истифода аз технологияи муосири инноватсионӣ лоиҳаҳо эҷод мекунанд. Хонандагон мустақилона дар мавзуи интихобкарда кор карда, лоиҳаи тайёрро пешниҳод мекунанд. Масалан, презентатсияҳо дар мавзуъҳои фарҳангӣ, маърӯзаҳо дар бораи шахсиятҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, очеркҳо ва ғайра.

Истифодаи технологияҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ дар таълими таърихи халқи тоҷик ва дар раванди корҳои беруназсинфӣ ба мо имкон медиҳад, ки як қатор масъалаҳои муҳимми тарбиявиро ҳал намоем: пешниҳоди мавзуъҳои лоиҳа, ба ташаккули дарки мустақилонаи ҳалли мушкилот, дониш ва малакаҳо дар раванди банақшагирӣ ва иҷрои кор мусоидат мекунад.

Таҷрибае, ки дар ҷараёни фаъолияти лоиҳа дар синфҳои таҷрибавӣ хонандагон ба даст овардаанд, ба манфиатҳои хонандагон асос ёфтааст. Истифодаи технологияи лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ ба мустақилона аз худ кардани дониш, ки он аз доираи барномаи таълимӣ берун аст, майлу

рағбати таълимиро афзун менамояд, инкишофи тафаккури эҷодӣ, ташаккули малака ва фаъолияти таҳқиқотӣ, инчунин ба омӯзонидани малакаҳои суханварӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

**2. Технологияи бозӣ**

Бозӣ дар баробари кор ва таҳсил яке аз намудҳои асосӣ мебошад. Аз рӯйи таъриф, бозӣ як намуди фаъолият дар ҳолатҳое мебошад, ки ба таҷдид ва аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ равона карда шудааст, ки дар он рафтори худидоракунии хонандагон ташаккул ва такмил дода мешавад.

Бозӣ машғулияти асосии хонандагон ба ҳисоб рафта, ба инкишофи ҷисмонӣ ва ташаккули тафаккури онҳо ёрӣ мерасонад. Он бояд тавре таҳия ва ташкил карда шавад, ки диққати аҳли синфро ҷалб карда тавонад. Кӯшиш бояд кард, ки дар бозӣ тамоми хонандагон, аз ҷумла хонандагони сустхон низ иштирок карда, ба ин восита савияи дониш ва нутқи худро инкишоф диҳанд. Аз тарафи дигар, хонандагон лаҳзае истироҳат карда, ба азхудкунии мавзуи навбатӣ тайёр мешаванд. Омӯзгор метавонад, ки дар ҳамаи синфҳо новобаста ба синну сол бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малака ва қобилияти дарсазхудкунии хонандагон бозиҳои мухталифро ташкил намояд. Ҳар як бозиро номгузорӣ бояд кард, бозиҳои фароғатӣ вобаста ба ҳолати рӯҳии хонандагон интихоб ва номгузорӣ мешаванд. Омӯзгор ҳолати хастагӣ ва маъюсии хонандагонро пай бурда, метавонад дар муддати 6 –7 дақиқа бозиҳои таълимиро ба роҳ монад.

Сохтори бозӣ ҳамчун фаъолият ба таври органикӣ муайян кардани ҳадафҳо, банақшагирӣ, ноил шудан ба ҳадафҳо, инчунин таҳлили натиҷаҳоро дар бар мегирад, ки дар он шахс ҳамчун субъект худро пурра ҳис мекунад.

«Аҳаммияти бозиро номукаммал ва қадр накардан мумкин нест. Ин падидаест, ки метавонад ҳамчун истироҳат ва фароғат дар робита бо омӯзиш, эҷодкорӣ, терапия, намунаи табиати муносибатҳо ва зуҳуроти инсонӣ дар кор ва таълим рушд кунад» [162, с. 77].

Бозӣ ҳамчун усули таълим ва тарбия, ки дар он таҷрибаи насли калонсол ба ҷавонон дода мешавад, аз замонҳои қадим истифода мешуд.

Бозӣ дар дарс васеъ истифода мешавад. Дар мактаби муосир, ки ба эҳё ва тақвияти раванди таълим асос ёфтааст, фаъолияти бозиҳо дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

- ҳамчун технологияҳои мустақили азхудкунии консепсия, мавзуъ ва ҳатто фасли мавзуъ;
- ҳамчун унсурҳои (баъзан хеле муҳим) технологияи васеътар;
- ҳамчун технологияи таълим (дарс) ё қисми он (муқаддима, шарҳ, мустаҳкамкунӣ , таҷриба, назорат);
- ҳамчун усули гузаронидани корҳои беруназсинфӣ.

Гурӯҳбандӣ аз рӯйи унсурҳои сохтории дарс, вобаста ба ҳадафҳои дидактикии бозӣ:

- бозиҳо барои омӯхтани маводи нав;
- бозиҳо барои мустаҳкамкунӣ;
- бозиҳо барои санҷиши дониш;
- бозиҳои ҷамъбастӣ;
- бозиҳои таваққуфӣ – истироҳатӣ;

Гурӯҳбандӣ аз рӯйи шумораи иштирокчиён:

- гурӯҳӣ;
- инфиродӣ;
- муколамавӣ;
- оммавӣ.

Бозиҳои таълимиро метавон чунин тасниф кард:

Аз рӯйи соҳаи татбиқ: ҷисмонӣ, зеҳнӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, равонӣ.

Аз рӯйи (хусусияти)табиати раванди педагогӣ: таълимӣ, тарбиявӣ, назоратӣ, умумӣ, маърифатӣ, эҷодӣ, рушдкунанда, репродуктивӣ, коммуникативӣ.

Технологияи бозӣ: мундариҷавӣ, фаннӣ, нақшофарӣ, таълимӣ, тақлидӣ, драматургиявӣ.

Коршиносон бозиҳоро ба гурӯҳҳои маъмулӣ тақсим мекунанд, ки онҳо мувофиқи навъи худ ҷойгир мешаванд:

- бозиҳои идона;

- бозиҳои фолклорӣ;
- амалҳои театрӣ;
- тренингҳо;
- анкетаҳо, саволномаҳо, тестҳо;
- шабеҳсозӣ;
- рақобатҳо, муқовиматҳо;
- озмунҳо, саршавӣ ва ғайра.

Бозиҳо ба монанди «Майдони орзуҳо», «Маро бифаҳмед», «Чӣ? Дар куҷо? Кай?», «Соати олитарин», «КВН», «Соати мусобиқаҳои шавқовар», «Брейн–ринг», «Бозии чароғак» (светофор), «Намоишгоҳ», «Дӯкони хотиравӣ», «Сафар ба гузашта», «Чархофалак», «Пурсиш», «Шириниҳои чинӣ», «Дарахти рӯйдодҳо», «Қуттии сиёҳ», «Бовар мекунам – намекунам», «Ғарқшавӣ дар таърих», «Мактуб бо сӯрохиҳо», «Тасодуф», «Шиноснома созед», «Лифофаи худро бо вазифаи хонагӣ интихоб кунед», «Ҳафт мушкилоту як посух», «Эҳёкунӣ», «Пинҳоншавии таърихӣ», «Орленок», «КТД», «Зарнитса», «Игллет», «Майдони муъҷи зот», «Донописарон ва донодухтарон» ва ғайраро номбар кардан мумкин аст.

Бозии чароғак (светофор) : хонандагон 3 доира доранд: сабз – ҳа, сурх – не, зард – имконпазир. Суханони муаллимро гӯш карда, хонанда гон муносибати худро ба чизи шунидаашон бо ёрии чароғаки роҳнамо баён мекунанд. Ҳангоми арзёбии посухҳо ҳамин чароғаки роҳнаморо истифода бурдан мумкин аст. Кӯдакон сурхро – 5, сабзро – 4, зардро – 3 баланд мекунанд.

Технологияи бозӣ дар педагогика ба кӯдак имкон медиҳанд, ки шахсан манфиатдор бошад, малакаҳои корбарии дастаро инкишоф диҳад ва бо ин масъулиятро дар худ ба вуҷуд оварад. Яке аз вазифаҳои муаллим рушди ҳавасмандкунӣ мебошад. Дар ҷараёни бозӣ кӯдак ба ҳадафи гузоштаи худ дохил мешавад, яъне дар ҳар сурат, ӯ маводеро, ки ҳангоми бози пешниҳод шуда буд, ба ёд меорад, зеро худаш ба он ниёз дорад.

**3.Технологияи омӯзиши мушкилот.**

Технологияи омӯзиши мушкилот нав нест: он аз солҳои 20 – 30 – юми асри XX васеъ паҳн гаштааст. Имрӯз таълими мушкилот ҳамчун ташкили дарсҳо дарк карда мешавад, ки бо роҳбарии омӯзгор эҷоди ҳолатҳои проблемавӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагонро барои ҳалли онҳо дар бар мегирад, ки дар натиҷа азхудкунии дониш, малака ва инкишофи фаъолияти зеҳнӣ ба амал меояд. Омӯзиши мушкилот ба эҷод кардани вазъиятҳои проблемавӣ асос ёфтааст. Ташкили омӯзиши проблемавӣ истифодаи чунин методҳо ва усулҳои таълимро пешниҳод мекунад, ки боиси пайдоиши вазъиятҳои проблемавӣ мегарданд.

Вазифаҳои гуногуни таълимиро бо истифода аз усули омӯзиши мушкилот дар технологияи педагогӣ иҷро кардан мумкин аст. Дар илми классикии педагогӣ К. Д. Ушинский чунин ақидаеро ифода кардааст, ки «... мустақилияти майнаи хонанда ягона асоси мустаҳками ҳама гуна таълими пурсамар аст» [150, с. 30].

Дар дарсҳои таърих усули маъмули фаъолсозии хонандагон, ташаккули тафаккури мантиқии онҳо мушкилот дар дарсҳои намудҳои гуногун мебошад. Усули мушкилоти таълим дар лексияҳо санҷида ва истифода шудаанд. Ин усул (муаммо) аз он бармеояд, ки дар назди хонандагон мушкилот гузошта мешавад: савол ё системаи саволҳо. Ин мушкилотро бо ёрии графикҳо, расмҳо, рақамҳо, ҷадвалҳои муқоиса ба миён овардан мумкин аст.

Кор оид ба мушкилот танҳо дар сурате муваффақ мешавад, ки вазъияти проблемавӣ ба миён ояд. Вақте ки хонандагон душвориҳои зеҳниро аз сар мегузаронанд, тафаккури онҳо барои ҳалли мушкилот равона мешавад.

Ҳангоми санҷиши ин технология самтҳои асосии ҳалли масъаларо муайян кардан лозим аст:

1. Муаллим мушкилотро ҳал мекунад (ӯ мушкилотро пешкаш мекунад ва худаш ҳал мекунад, маводи лексияро пешниҳод мекунад).

2. Генератор – мунаққидон (хонандагон ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд, генераторҳои аввал то ҳалли мушкилот вариантҳои бештар пешниҳод мекунад. Гурӯҳи дуввум, ки ин пешниҳодҳоро қабул мекунанд,

аз ҳама мувофиқро интихоб мекунанд). Дар ин намуди кор, хонандагон метавонанд ин ё он қоида, пайдарпайӣ, муносибати сабабу натиҷаҳоро хулоса кунанд, бо истифода аз таҷриба ва дониши худ мушкилотро ҳал кунанд.

3. Лексия – суҳбатҳо (ба хонандагон мушкилот пешкаш карда мешавад ва онҳо барои ҳалли якҷоя даъват карда карда мешаванд).

4. Кори гурӯҳи хурд (алтернативаҳо) (омӯзгор мушкилотро пешниҳод мекунад ва ба якчанд хонанда сухан дода мешавад. Онҳо нуқтаи назари худро ҳимоя мекунад).

5.Гурӯҳҳои хурд (ҳалли Шумо ба мушкилот) (пас аз як муҳокимаи кӯтоҳ, ҳар гурӯҳ варианти худро дар шакли хаттӣ пешниҳод мекунад).

6. «Ҳамлаи зеҳнӣ» (пур кардани фикру мулоҳизаҳо оид ба масъала дар кортҳо ва муаллим андешаҳои маъмултаринро эълон мекунад, ҷавоби дурустро оварда, исбот мекунад, диққатро ба қобилияти хонандагон дар таҳлили амалии қарорҳои худ ҷалб мекунад).

Санҷиш ва истифодабарии ин технологияро дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик аз синфи 5 оғоз кардан лозим аст, масалан:

Синфи 5 – «Асри санги қадимтарин – палеолит»;

– «Кашфи оташ ва нақши он дар ҳаёти инсонҳо»;

– «Авесто».

Синфи 6 – «Ташкили давлати Сосониён»;

– «Густариши ислом»; «Ҳаракати фарҳангии Шуубиҳо».

Синфи 7 – «Таъсиси давлати Сомониён».

Синфи 8 – «Тоҷикон дар замони ҳукмронии Темуриён».

Синфи 9 – «Оқибатҳои Осиёи Марказиро забт кардани Русия»

Синфи 10 – «Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании ИҶШС».

Синфи 11 – «Пеш гирифтани роҳи бозсозӣ».

Бо истифода аз ин технология дар раванди таълим, ба хулосае омадем, ки он ба мо дар таълим додани хонандагон кӯмак мекунад:

- аз нуқтаи назари худ ва аз андешаи худ дифоъ кардан;
- инкишоф додани фаъолияти зеҳнӣ;
- ҷустуҷӯйи алтернативаҳо ва ҳукмҳо ва нуқтаҳои гуногун;

- таҳлил, муқоисаи маводи таълимӣ;
- хулосаҳо, ҷамъбастҳо ва муқоисаҳо;
- омода намудани хонандагон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ.

Ҳангоми омӯзиши мавзуи «Барҳамхӯрии давлати Сомониён» дар синфи 7 дар дарси таърихи халқи тоҷик омӯзгор ба хонандагон чунин савол дод, ки чаро давлати Сомониён суқут кард? Ҷавобҳои хонандагон чунин буд: «Қарахониҳо давлатро забт карданд». Муаллим: «Ин фикри дуруст аст, аммо фикри асосӣ нест. Дар чанд соли охири ҳукумронии давлати Сомониён ҳокимият дар дасти кӣ буд? Хонандагон ҷавоб доданд, ки дар дасти «Горди турк». Маълум мешавад, ки онҳое, ки дар давлати Сомониёнро ҳукмронӣ кардаанд, онро хароб кардаанд. Ин зиддиятро чӣ гуна метавон фаҳмид?» Чунин тарзи гузоштани савол ба вазъияти проблемавӣ оварда расонд. Аз ин рӯ, саволҳои проблемавӣ он саволҳое мебошанд, ки дар хонандагон мушкилоти зеҳнӣ ба вуҷуд меоранд ва ҳамзамон ба онҳо мустақилона ҷавоб ёфта метавонанд. Матни савол набояд мантиқан танҳо бо чизи нав, балки бо дониши қаблии хонандагон алоқаманд бошад.

**Муаррифии мушкилоти мавод аз ҷониби муаллим.** Ҳангоми омӯхтани мавзуи дарсӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар синфи 10 – ум, маводи «Инқилоби халқии Бухоро соли 1920» – ро пешниҳод намуда, бо хонандагон дар бораи тақвими рӯйдодҳо аз 1 – уми сентябр то 14 – уми марти соли 1920 маълумот додан лозим аст. Якҷоя бо хонандагон тақвими чорабиниҳоро тартиб дода, сипас ба иҷрои вазифаҳои мушкилот оғоз намудан зарур аст.

Супоришҳои проблемавӣ – барои дар амал татбиқ кардани он, аз ин дарс далелҳои зиёдеро аз худ кардан ва хонандагонро водор кардан лозим аст, ки далелҳои қаблан омӯхтаро ба ёд оранд. Баъд, вақте ки мо ба мавзуи «Инқилоби халқии Бухоро дар соли 1920» назар меандозем, масъалаҳои зеринро ҳал мекунем: Чаро инқилоби халқӣ дар Бухоро пирӯз шуд? Натиҷаи инқилоб чӣ гуна аст? Инқилоби халқии Бухоро ва инқилоби февралро муқоиса кунед. Барои ҷавоб ба ин саволҳо омӯзгор намудҳои гуногуни фаъолиятро бо хонандагон ташкил намуд:

- таҳқиқоти мантиқӣ – дар якҷоягӣ бо вазифа тағйир додани донишҳои нав ва такмил додани донишҳои куҳна;
- арзёбӣ – супоришҳое, ки дорои дониш ва тавсифи дониши нав мебошанд;
- эҷодкорӣ – зуҳуроти муносибати эҳсосии хонанда ба далелҳо, падидаҳо ва шахсиятҳост.

Муайян кардани он ки муаллим ҳангоми таҳияи мундариҷаи инноватсионӣ дар синф бояд чӣ гуна амал кунад, муҳим аст, ки донишҳо тавассути системаҳои нави таълимӣ расонида мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳадафи кор баррасии ҳамаҷонибаи раванди ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар таълими таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Марҳалаи «мушкилот» ба шубҳа кардани донишҳои аллакай мавҷудаи хонандагон оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳавасмандгардонӣ барои кори минбаъда равона карда шудааст.

Хонанда дар бораи саволи омӯхташаванда чизҳои дarkкардаашро ба хотир меорад, тахминҳо мекунад, саволҳо медиҳад ва мехоҳад ҷавоб гирад. Дар ин марҳала, аз усули зерин: изҳороти дуруст ва нодуруст; тахмин кардани ҳикоя бо калидвожаҳо; занҷири сарбастаи мантиқӣ; кластер истифода бурдан мумкин аст.

Хонандагон **усули «калидвожаҳо»** – ро хеле дӯст медоранд.

Масалан, ҳангоми омӯзиши шахсияти Муканнаъ аз тарафи омӯзгор чунин калимаҳо пешниҳод карда шуданд: Қоздеҳи Марв, Ҳошим ибни Ҳаким, босавод, ҷоду, тилисмот, сарҳанг, ниқоб, пайғамбар. Бо истифода аз ин калимаҳо хонандагон матни хурд тартиб доданд.

Ҳангоми омӯзиши шахсияти алома Бобоҷон Ғафуров омӯзгор усули **«изҳороти дуруст ва нодуруст»** – ро ба кор бурд: Бобоҷон Ғафуров 31 декабри соли 1908 дар рустои Исфисор, ҳоло шаҳри Ғафурови вилояти Суғд ба дунё омадааст; соли 1951 рисолаи номзади илмро дифоъ намудааст; модари ӯ шоира Розия Озод (Розия Бойматовна Ғафурова) буд; соли 1999 Бобоҷон Ғафуров бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз шудааст; аз соли 1956 то поёни зиндагиаш Б. Ғафуров вазифаи

директори Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии (Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ) ва сармуҳаррири маҷаллаи «Осиё ва Африка» – ро бар уҳда дошт; соли 2000 дар шаҳри Ғафурови вилояти Суғд Осорхонаи ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъсис дода шудааст.

Чизи дигари ҷолиб барои бачаҳо ин усули «занҷири сарбастаи мантиқӣ» мебошад. Ин усул барои омӯзиши мавзуъҳои «рӯйдодӣ», ба монанди мавзуъҳое, ки дар онҳо ҷангҳо, тағйирот дар ҳаёти кишвар ва мардум, сабабҳо ва оқибатҳои онҳо баррасӣ мешаванд, хеле мувофиқанд.

Марҳалаи душвор аз он иборат аст, ки аз хонандагон талаб карда мешавад, ки пайдарпайии ҳодисаҳоро муайян кунанд. Барои ин, ба онҳо кортҳо дода мешаванд, ки дар он унсурҳои ҳодиса дар шакли омехта нишон дода мешаванд. Бачаҳо дар дафтарчаи худ пайдарпайиро дар шакли занҷири рақамҳо қайд мекунанд, ки ҳар яки он унсури муайяни ҳодисаро ифода мекунад. Ин ҳам мисли ҳолати пештара бо қалам навишта мешавад. Пас аз он ки бачаҳо занҷирҳои худро сохтанд, мо гӯш мекунем, ки кӣ чӣ кор кардааст ва натиҷаҳо дар тахта навишта мешаванд: кадом рақамҳо ва чӣ қадар ҷойҳои муайянро ишғол мекунанд. Сабтҳо нишон медиҳанд, ки оид ба пайдарпайӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ғайр аз ин, аз ҳама хоҳиш кардан лозим аст, ки бо истифода аз силсилаи рақамҳои худ ҳикоя бисозанд, вагарна худи омӯзгор якчанд варианти ҳикояро эҷод мекунад. Ин лаҳза хоҳиши донистанро тақвият медиҳад: он дар ҳақиқат чӣ гуна буд. Дар ин ҷо вазъияти рақобат ҳанӯз ҳам ба миён омадааст, зеро ҳама мехоҳанд, ки занҷири ӯ дуруст бошад.

Марҳалаи фаҳмидани мундариҷа метавонад бо роҳҳои гуногун гузаронида шавад: хондани матн, ҳикояи муаллим ё навор. Дар ҳар сурат, кӯдакон ба ин ҳодиса назари ҳамаҷониба доранд ва онҳо метавонанд андешаи худро аниқ кунанд. Ҳангоми омӯхтани мавзуи «Инкишофи илму фан дар давраи Сомониён» ба хонандагон лозим омад, ки фарҳанги халқи тоҷик дар замони истилои арабро ба ёд оранд ва онро дар кластер ҷобаҷо кунанд. Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карданд, ҳар як гурӯҳ кластери худро пешниҳод кард, сипас кластери умумӣ тартиб дода шуд. Ғайр аз ин, ба хонандагон матн пешниҳод карда шуд ва онҳо бояд дар он маълумоти

навро дар бораи фарҳанги замони истилои арабҳо пайдо кунанд. Ин усул барои омӯзиши мавзуи «Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Давлати Сомониён» низ истифода шуд. Дар ҷараёни кор маълум шуд, ки хонандагон сиёсати хориҷии ин давлатро хуб дар ёд доранд ва сиёсати дохилии онро аслан дар ёд надоранд. Аз ин рӯ, диққати асосӣ ба омӯзиши сиёсати дохилӣ равона карда шуда, вақти озодшуда барои таҳлили ҳуҷҷатҳо ва маводи гуногун оид ба фаъолияти Исмоили Сомонӣ равона гардид.

Хонандагон занҷирбандӣ карда, пайдарпайии унсурҳои ҳодисаро муайян мекунанд. Марҳалаи фаҳмидани мундариҷа бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

- хондани матн;
- ҳикояи муаллим;
- филми видеоӣ;
- кинохроника;
- хондан бо истҳо.

Арзёбии фаъолияти гурӯҳ аз намуди кор ва ҳадафҳои дидактикӣ вобаста аст. Пас аз иҷрои супориш аз ҷониби ҳама гурӯҳҳо, муаллим барои санҷиши фаҳмиши маводи нав тест месупорад. Хонандагон супоришҳои тестиро ба таври инфиродӣ иҷро мекунанд. Вақте ки ҳар як гурӯҳ вазифаи

мушаххаси худро иҷро мекунад, хол барои ҳама як аст. Вақте ки ҳар як аъзо супориши инфиродиро иҷро мекунад, ба даста холҳои умумӣ дода мешаванд. Дар ин ҳолат, ба хонандагон кӯмак расонидан ба ҳамкасбони худ барои фаҳмидан ва аз худ кардани мавод тавсия дода мешавад.

«Арра». Хонандагон барои кор бо маводи таълимӣ ба гурӯҳҳо, ки аз 4 то 6 нафар иборатанд, ҷудо карда мешаванд. Маводи таълимӣ, ки ба пораҳо (блокҳои мантиқӣ ё маъноӣ) тақсим карда шудааст, ба онҳо пешкаш карда мешавад. Ҳар як аъзои гурӯҳ вазифаи худро иҷро мекунад. Сипас хонандагоне, ки як масъаларо меомӯзанд, аммо дар гурӯҳҳои гуногун дохиланд, ба ҳайси коршиноси ин масъала мулоқот мекунанд ва мубодила мекунанд. Баъд ҷаласаи ба истилоҳ коршиносон баргузор мешавад. Баъд онҳо ба гурӯҳҳои худ баргашта, ҳама чизи наверо, ки омӯхтаанд, ба дигар аъзои гурӯҳ меомӯзонанд. Онҳо, дар навбати худ, дар бораи вазифаи худ ҳисобот медиҳанд (ба монанди дандонҳои як арра).

Азбаски ягона роҳи аз худ кардани тамоми маводи мавзуъ гӯш кардани ҳамкасбони худ ва қайдҳо дар дафтарҳо мебошад, аз ҷониби омӯзгор кӯшиши иловагӣ талаб карда намешавад. Хонандагон манфиатдоранд, ки ҳамсолони онҳо вазифаҳои худро софдилона иҷро кунанд, зеро ин дар арзёбии ниҳоии онҳо инъикос хоҳад ёфт. Ҳар як фард ва тамоми гурӯҳ дар маҷмуъ дар бораи тамоми мавзуъ гузориш медиҳанд. Дар марҳалаи ниҳоӣ, муаллим метавонад аз ҳар як дилхоҳ хонандаи гурӯҳ хоҳиш кунад, ки ба ҳама саволҳо оиди мавзуъ посух диҳад.

Омӯзиши якҷоя. Синф ба гурӯҳҳои 3 – 5 нафарӣ тақсим карда мешавад, ки аз ҷиҳати сатҳи омодагӣ якхела мебошанд. Ҳар як гурӯҳ як супориш мегирад – қисми як мавзуи ҳаҷмаш калонтар. Дар натиҷаи кори якҷояи гурӯҳҳои алоҳида ва дар маҷмуъ ҳама, азхудкунии мавод ба даст оварда мешавад.

Дар дохили гурӯҳ, худи хонандагон нақшҳоро барои иҷрои як вазифаи умумӣ таъин мекунанд ва дар назди гурӯҳ вазифаи дукарата гузошта мешавад: расидан ба ҳадафи маърифатӣ, эҷодӣ ва татбиқи фарҳанги муайяни муошират ва ташкили фаъолияти муштарак дар давоми вазифа. Гурӯҳ аз рӯйи дастовардҳои ҳар як хонанда мукофот мегирад.

Ғояҳои асосӣ ба ҳар се варианти тавсифшудаи ташкили кори гурӯҳҳои хурд хос мебошанд – ҳадафҳо ва вазифаҳои муштарак, масъулияти инфиродӣ ва имкониятҳои баробар барои муваффақият.

Амалҳои асосии омӯзгорро дида мебароем, ки тасмим гирифтааст дар ташкили омӯзиш дар ҳамкорӣ қувваи худро бисанҷад:

1. Вай бояд дар бораи ҷойгиркунии ҷойҳои кории кӯдакон фикр кунад, то онҳо чеҳраи ҳамдигарро бинанд (мизҳоро дар кунҷ ё ба муқобили якдигар гузорад (барои кор дар сегонаҳо), ё дуто якҷоя, ду курсиро дар муқобили якдигар гузорад).

2. Ҳангоми омодагӣ ба дарс, як ё ду супоришро ҷудо кунед, ки пас аз шарҳи маъмулии баъзе амалҳо дар гурӯҳҳо барои азхудкунии маводи нав талаб карда мешавад.

3. Синфро ба гурӯҳҳои 2 – 3 нафарӣ тақсим кунед ва имконият диҳед, ки хонандагон нақши ҳар якеро дар супориш муайян кунанд.

4. Ҳангоми кор дар гурӯҳҳо аз рӯйи маводи нав, барои ҳар як хонандаи гурӯҳ бояд ду ё се савол таҳия карда шавад. Вақте ки хонандаи аввал ҷавоб медиҳад, яке аз он ду талабаи боқимонда бояд тасдиқ ё муқобили ҷавобҳои ӯро ёбад ва хонандаи сеюм, масалан, ин ҷавобҳоро сабт мекунад ё барои тасдиқи фикри баёншуда мисолҳо меорад. Сипас, дар давра хонандагон нақшҳоро иваз мекунанд.

5. Ба хонандагон имкон диҳед, ки қабл аз додани супоришҳои инфиродӣ маводро ҷуфт муҳокима кунанд. Пеш аз гузаронидани озмоиш ё санҷиш имконият диҳед, ки дар ҷуфт ё сегона машқ кунанд.

6. Хонандагон бояд имконият дошта бошанд (пеш аз додани дафтарҳояшон бо корҳои назоратӣ (мустақилона) ба муаллим) кори якдигарро дар гурӯҳ тафтиш кунанд ва мутмаин бошанд, ки иҷрои дурусти бошууронаи супоришро аз ҷониби ҳар як хонанда ба даст овардаанд.

7. Ҳадафро дар аввали дарс ва пеш аз кор дар гурӯҳҳо ба таври возеҳ баён кунед.

8. Дар тӯли кор, фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва дар ҳолати зарурӣ ба ягон гурӯҳ кӯмак кунед.

**Асосҳои методологии ташкили таълими ба шахсиятнигарони дашуда.**

Ташкили таълими ба шахсиятнигаронидашуда дар хилофи таълими анъанавӣ, пеш аз ҳама навъи ҳамкории «муаллим ва хонандаро» – ро тағйир медиҳад. Муаллим аз услуби даставӣ ба ҳамкорӣ мегузарад ва диққати худро ба таҳлили на он қадар зиёди натиҷаҳо, балки ба фаъолияти мурофиавии донишҷӯ (хонанда) равона мекунад. Мавқеи хонанда (тарбиятгиранда) тағйир меёбад – аз иҷрои самимӣ то фаъолияти эҷодии густурда, тафаккури ӯ гуногун мешавад: рефлексӣ, яъне ба натиҷа нигаронида шудааст. Хусусияти муносибатҳо, ки дар дарс рушд мекунанд, низ тағйир меёбад. Чизи асосӣ ин аст, ки омӯзгор бояд на танҳо дониш диҳад, балки барои рушди шахсияти хонандагон шароити оптималӣ фароҳам оварад.

## § 2.3. Озмоиши педагогӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз технологияи инноватсионии таълим ва натиҷаҳои асосии он

Мавқеъ ва нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар давраи мутобиқшавӣ ба системаи таълими ҷаҳони муосир бағоят калон аст. Рушди пуршиддати технологияи муосир дар мамлакати мо тағйири самти арзишҳои миллии таҳсилотро тақозо мекунад, тамоми система бояд азнавсозӣ карда шавад, чунки хусусиятҳои мутобиқшавӣ аз даст нараванд. Дар заминаи ислоҳоти соҳаи маориф фаъолияти инноватсионӣ, ки ба ҷорӣ намудани навигариҳои гуногуни педагогӣ нигаронида шудааст, дар таълими касбӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ин навовариҳо – истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълим, истифодаи усулу методҳои нав, роҳҳои нави ташкили мундариҷа, усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳо, роҳҳои баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии таълим ба ҳисоб мераванд.

Новобаста ба ин ҳама дигаргуниҳо ва тағйирот дар соҳаи маорифи миллӣ, таваҷҷуҳ ба шахс, ба неруи зеҳнии ӯ, сатҳи фаъолияти худомӯзии вай, салоҳияти касбӣ, кӯшиш ва ҳавасмандии зиёд барои омӯхтани чизҳои

нав, эволютсияи таҳқиқот ва дастовардҳои илмӣ – актуалӣ бетағйир боқӣ мемонад. Сиёсати маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин ҷузъи сиёсати давлатӣ, василаи таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии шахс, баланд бардоштани суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, гуманизатсияи ҷомеа ва афзоиши фарҳанги умумӣ мебошад. Сиёсати давлат бояд ба ташаккули шахси фаъол, зуддарккунанда ва масъулиятнок равона карда шавад, ки қобилияти бомуваффақият иҷро кардани нақшҳои гуногуни ҳаётиро дар ҷаҳони муосири зуд тағйирёбанда дошта бошад.

Тараққиёти босуръати афзояндаи таҷҳизоти техникӣ ва технологии истеҳсолот ва тағйирёбии куллӣ дар ҷаҳонбинии насли наврас талаб мекунанд, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қудрати ҳимояи манфиатҳои миллии кишвари худро дошта бошанд ва ҳамзамон як фарди таҳаммулпазир ва инсондӯст боқӣ монанд. Маълум аст, ки мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат ҳалли фавриро талаб мекунад, рақобатпазирии он бояд дар ҷаҳони рӯ ба тараққӣ зоҳир шавад.

Навсозии соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ самти афзалиятноки сиёсати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар омода намудани мутахассисони муосири рақобатпазир, ки дар фаъолияти касбии худ салоҳият доранд, технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ ва забонҳои хориҷиро хуб медонанд, нақши назаррас доранд. Танҳо чунин мутахассисон метавонанд фаъолияти касбии худро бомуваффақият пеш баранд ва дар ободии кишварашон саҳмгузор бошанд.

Неруи ҳар як давлат дар неруи зеҳнии миллати вай намудор мегардад ва пешрафту тарққиёти он ба фаъолияти шахсиятҳои дорои дониши баланд доштааш сахт вобаста мебошад. Ин на танҳо ба тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангӣ, балки омилҳои касбӣ ва омӯзгорӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, тайёр кардани мутахассисони муосир дар самтҳои афзалиятноки рушди техникӣ ва технологии иқтисодиёти давлат муҳимтарин вазифаи системаи таҳсилоти миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро дар раванди

таълим ва тарбия, ташкили кори мустақили хонандагонро бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ пешбинӣ мекунанд. Татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба такмили мундариҷа ва шаклҳои таълим ва тарбия мусоидат мекунанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар раванди таълим талаботро на танҳо ба шахсияти хонанда, балки нисбат ба омӯзгор низ зиёд мекунад. Донише, ки хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соҳаи технологияҳои инноватсионӣ ба даст овардаанд, хеле зуд кӯҳна мешаванд, аз ин рӯ, мувофиқи талаби замон раванди фаъолияти мустақилонаро такмил додан зарур аст.

Сабаби чунин нишондиҳандаҳои паст дар малакаҳои нокифояи ташаккулёфтаи хонандагон суръати пасти шабакаи ҷаҳонии Интернет, нусхаҳои кӯҳнаи браузерҳо, ки дастрасии озодро ба сайтҳо душвор месозанд, сатҳи пасти дониши забони русӣ, ки яке аз забонҳои асосии ҷаҳонии Интернет мебошад, чун қоида, танҳо ба таври расмӣ идома дорад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозои замон аст.

Аз ин рӯ, навсозии таҳсилот на танҳо такмили системаи таҳсилоти муттасили миёнаи умумиро, балки азнавсозии тамоми заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Системаи муосири шаклҳои дарси таърих мавҷуд аст, ки яке аз муҳимтарин унсурҳои технологияи муосири инноватсионии таълим ва омӯзиши фанни таърих, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик мебошад. Гарчанде ки он намунавӣ ба назар расад, боз бо намудҳои нав бештар ғанӣ гардонида мешавад. Мо онҳоеро номбар хоҳем кард, ки аллакай вуҷуд доранд ва аз ҷониби омӯзгорон дар таълими фанни таърих истифода мешаванд. Чунин навгониро дар таҷрибаи омӯзгорони навовар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушоҳида карда метавонем. Дарсҳо ба монанди: дарс – озмун, дарс – маърӯзаи эҷодӣ, дарси нишасти матбуотӣ, дарс – машварат, дарс – КВН, дарс – намоишнома, дарс бо гурӯҳҳои хурд,

дарс – робитаи мутақобилаи хонандагон, дарс – эҷодкорӣ, дарс – шубҳа, дарсҳои ҷамъбастӣ, дарс – хаёлот, дарс – бозиҳои таълимӣ, дарси ҷустуҷӯйи ҳақиқат, дарс – маърӯзаҳо, дарс – консерт, дарс – муколама, дарс бозии нақшофарӣ, дарс – конфренсия, дарс – саёҳат, дарс – озмун, дарс – семинар, дарс — мубоҳиса, дарс – суд, дарс – даъвати мутахассис, дарси ҳамгиро ва ғайра. Аммо ин дарсҳо на ҳама вақт гузаронида мешаванд.

Омӯзгорони ботаҷрибаи фанни таърихи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар фаъолияти педагогии худ дарсҳои номбаршударо васеъ истифода мебаранд. Зеро чунин шаклҳои дарс самаранокии ҷараёни таълиму тарбияро баланд бардошта, ҳамзамон раванди дарсро шавқовар мекунанд. Лекин аксарияти омӯзгорон имрӯз бештар дарси омехтаро истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки шаклҳои нави дарси таърих дар асоси технологияи инноватсионии таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ки ба вазифаҳои таълими фанни таърих дар муассиса мувофиқат мекунанд, фаро гирифта шудааст.

Самаранокии машғулиятҳои таълимии фанни таърихи халқи тоҷик аз истифодаи самараноки шаклҳои дарс, ки хусусияти инноватсионӣ доранд, вобастагӣ доранд. Аз ҷумла мавзуи дарс, ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштаи омӯзгор, дар асоси мундариҷаи мавзуъ, зарурати фаъол кардани хонандагон дар раванди таълим, шомили унсурҳои бозӣ ба системаи дарс, зарурати таҷдиди рӯйдодҳои таърихии гузашта ва ғайра вобастаанд.

Дар робита бо назарияи истифодаи методу усулҳои нави таълими салоҳиятнок ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, сифати барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, малака ва қобилияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин оид ба масъалаҳое, ки аз ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти мо бармеоянд, кори таҷрибавӣ – озмоишӣ гузаронидем.

Дар ин замина мо корҳои муайяни таҷрибавие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 32, 59, 67 – и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронидем ва мутмаин гаштем, ки таълими салоҳиятнок нисбат ба таълими анъанавӣ натиҷаҳои мусбатро ба бор меорад. Дар синфҳои мувозии 7«А» ва 7«Б» – и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 32 –

и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мо ба қадри кофӣ корҳои таҷрибавиро дар асоси таълими салоҳиятнок ва технологияи муосири инноватсионӣ мутамарказ намудем ва натиҷаҳои мусбат ба даст овардем. Корҳои озмоишӣ нишон доданд, ки дар синфҳои бидуни таҷрибавӣ натиҷаҳо нисбатан дилхоҳ набуданд.

Вобаста ба ин, барои ноил шудан ба натиҷаҳои кофӣ ва фарқияти ин ду намуди дарс, мо дар синфҳои 7– уми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 32 – и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дарс гузаронидем. Мавзуи дарс аз фанни таърихи халқи тоҷик дар синфи 7 «Тараққиёти шаҳрҳои Давлати Сомониён» интихоб карда шуд.

Муаллимаи соҳиби таҷрибаи зиёда аз 20 – сола Д. Худоиева дар синфи 7«А» бо 30 нафар хонанда дар асоси технологияи анъанавии таълим дарси худро дар ин мавзуъ гузаронд.

Нақшаи дарс:

1. Қисми ташкилӣ – 5 дақиқа.

2. Пурсиши вазифаи хонагӣ – 15 дақиқа.

3. Баёни мавзуи нав – 15 дақиқа.

4. Мустаҳкамкунии мавзуъ – 5 дақиқа.

5. Хулосаи дарс, баҳогузорӣ ва супориши вазифаи хонагӣ – 5 дақиқа.

Дар мавриди пурсиши вазифаи хонагӣ аз 30 нафар хонанда 8 нафар пурсида шуд.

Дар ҳамон мавзуъ дар синфи мувозии 7 «Б» омӯзгор – озмоишгар Г. Ризоева бо истифода аз таълими босалоҳият ва технологияи муосири инноватсионӣ дарс гузаронд.

Нақшаи дарс:

1. Қисми ташкилӣ – 2 дақиқа.

2. Баррасии вазифаи хонагӣ – 10 дақиқа.

3. Баёни мавзуи нав – 10 дақиқа.

4. Кори амалӣ – 20 дақиқа.

5. Хулосаи дарс ва супориши вазифаи хонагӣ – 3 дақиқа.

Таҷҳизоти дарс: компютер, видеопроектор, Интернет, дастурҳо дар шакли саволҳои тестӣ, саволҳо барои «ангезиши зеҳн», матни супоришҳо барои кор дар гурӯҳҳои хурд, харита вобаста ба мавзуъ, расми шаҳрҳо ва шахсиятҳои таърихии дар хотираи компютер сабтшуда, мавод барои истифодаи бозиҳои мухталиф. Китобҳои дарсӣ, маъхазҳо: Собир Ҳоҷаев: Китоби дарсӣ барои синфи 7 («Таърихи халқи тоҷик»). Ду монография: Нуъмон Неъматов «Давлати Сомониён» ва Сайдулло Аб дуллоев «Амирони Сомонӣ».

Пурсиши вазифаи хонагӣ бо истифодаи саволномаҳои тестӣ ва тахтаи электронӣ гузаронида шуд. Усули «ангезиши зеҳн» вобаста ба мавзуи нав ба роҳ монда шуд, ки боиси бедор ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонандагон ба мавзуи дарс гардид. Ба воситаи баён намудани лексияи хурд мавзуи нав фаҳмонида шуд. Кор бо гурӯҳҳои хурд амалӣ карда шуд. Мубоҳиса дар асоси вазифаи хонагӣ ва мавзуъҳои гузашта ташкил карда шуд. Кор бо харитаи «Давлати Сомониён», шиносоӣ бо китобҳое, ки дар бораи давлати Сомониён мебошанд, ба роҳ монда шуд.

Пурсиши вазифаи хонагӣ дар ду шакл сурат гирифт: шакли 1 – ум санҷиши дониш бо истифодаи саволҳое, ки ба вазифаи хонагӣ дахл доранд; шакли 2 – ум санҷиши дониш ва малака бо истифодаи саволҳои тестии омӯзгор санҷида шуданд. Дар баробари ин, санҷиш гарчанде, ки хусусияти умумӣ дошт, интихобан гузаронида шуд, яъне дар мисоли хонандагони 1 – ум, 2 – ум, 5 – ум ва 6 – ум мутаносибан амалӣ гардид. Ба замми ин, омӯзгор ба хулоса омад, ки барои пурсиши ҳамаи хонандагон дар ин қисмати дарс вақт камӣ мекунад.

Баёни мавзуи нав тавассути «ҳамлаи фикрӣ» амалӣ карда шуд. Он дар ташаккул ёфтани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши мавзуи нав, ки аз дониши асосӣ бо гузариш ба лексияи хурд оғоз меёбад, мусоидат намуд. Ин кор ба гузариши бомаром ба қисми амалии дарс мусоидат кард, яъне санҷиши дониши дар рафти кори амалӣ ба даст омада, бо ҳадаф ва вазифаҳо барои мустаҳкам кардани донишҳои дар мавзуи дарс

гирифташуда, ки бо ёрии корҳои фаъоли маърифатӣ дар доираи технологияи кор дар гурӯҳҳои хурд гузаронида мешавад, мувофиқ буданд.

Кори гурӯҳҳои хурд (шумораи умумии хонандагон 23 нафар):

Гурӯҳи аввал: 8 нафар хонанда бо истифодаи тахтаи электронӣ бо саволи «Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён» кор мекунанд.

Гурӯҳи дуюм: 8 нафар хонандагон бо саволи «Шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд» кор мекунанд.

Гурӯҳи сеюм: 7 нафар хонанда аз рӯйи мавзуи дарс барои ҳар як хонанда 7– то саволномаҳои тестӣ тайёр мекарданд.

Вақт ва усули кор дар гурӯҳҳои хурд:

Ҳар як гурӯҳ сардор ва номи дастаи худро интихоб мекунад. Баъд омӯзгор шароити корро бо гурӯҳҳои хурд эълон намуд. Вақти кор 10 дақиқа, барои муаррифӣ 6 дақиқа ва барои андешаҳои гуногун ва саволу ҷавоб 2 дақиқа ва баҳогузорӣ 2 дақиқа ҷудо карда шуд. Арзёбиро омӯзгор гузаронид, аммо баъзан омӯзгор аз ҳисоби хонандагони фаъол ҳакамонро интихоб кард.

Бо анҷом ёфтани муҳлат ва супориш намояндагон аз ҳар як гурӯҳ натиҷаи кори гурӯҳро муаррифӣ намуданд. Натиҷа ин буд, ки гурӯҳи дуюм ҷои якум, ҷойи дуввумро гурӯҳи якум ва ҷойи сеюмро гурӯҳи сеюм соҳиб шуданд.

Ин дарс бо хулоса, баҳогузории хонандагон ва супориши вазифаи хонагӣ хотима ёфт. Маълумоти омории дарсҳои санҷишӣ ва озмоишӣ ҷамъбаст карда шуда, дар ҷадвали зер нишон дода шудаанд (нигаред, ба ҷадвали 8).

Намунаи дигари чунин дарс аз тарафи омӯзгори номбурда дар синфи 7 «Б» гузаронида шуд.

Мавзуъ: «Давлати Хоразмшоҳиён»

Мақсади дарс: бо анҷом ёфтани дарс хонандагон: дар бораи мавҷудияти давлати Хоразмшоҳиён дар Осиёи Миёна дар асри Х нақл мекунанд; дар бораи рушди давлати Хоразмшоҳиён ҳикоят мекунанд; нишонаҳои ташаккул ва барпо шудани муносибатҳои феодалиро дар давлати Хоразмшоҳиён номбар мекунанд.

Таҷҳизот: харитаи сиёсии ҷаҳон, атласҳо, харитаҳои контурӣ.

Рафти дарс:

Лаҳзаи ташкилӣ.

Пурсиши вазифаи хонагӣ.

Омӯзиши маводи нав.

Нақшаи дарс:

1.Ташкил ёфтани давлати Хоразмшоҳиён.

2. Муносибатҳои феодалӣ дар давлати Хоразмшоҳиён.

3. Шӯришҳои халқӣ.

Омӯзгор мавзуи вазифаи хонагиро аз рӯйи саволу супоришҳое, ки дар китоби дарсӣ аз тарафи муаллифон ҷой дода шудаанд, натиҷагирӣ намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба омӯзиши мавзуи нав равона намуд. Омӯзиши мавзуи нав бо истифодаи усулҳои таълими интерактивӣ амалӣ шуд.

Дар оғози омӯзиш омӯзгор дар шакли лексияи хурд оид ба мавзуи нав каме маълумот дода, хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, супориш дод, ки матни китоби дарсиро хонда, чунин фаъолиятҳоро иҷро кунанд.

Гурӯҳи 1: аз матн истифода бурда, саволномаҳои тестиро иҷро кунанд:

1) Минтақаи таърихии «Мовароуннаҳр» дар куҷо ҷойгир аст?

А) байни дарёҳои Аму ва Сир

Б) байни дарёҳои Даҷла ва Фурот

В) байни дарёҳои Орхон ва Керулен

Г) байни дарёҳои Волга ва Иртиш

Ғ) байни дарёҳои Волга ва Дунай

2) Моҳи июли соли 1017 Хоразмро кӣ истило кард?

А) Чингизхон

Б) Маҳмуди Ғазнавӣ

В) Ҷуҷӣ

Г) Усмон – Бой

Ғ) Улуғбек

3) Нахустин вохӯрии Муҳаммади Хоразмшоҳ ва Ҷуҷӣ дар дашти Турғай дар соли 1218 бо чӣ  анчом ёфт?

А) ғалабаи Ҷуҷӣ бар Муҳаммад

Б) пирӯзии Муҳаммад бар Ҷуҷӣ

В) ба муборизa сулолаи Сомониён дахолат кард

Г) ғолиб муайян нашуд

Ғ) Муҳаммад истилогарони муғулро ба Муғулистони Ғарбӣ ронд.

4) Асосгузор, муттаҳидкунандаи давлати Хоразмшоҳиён кӣ ба ҳисоб меравад?

А) Алпарслон

Б) Маҳмуди Ғазнавӣ

В) Маъмун ибни Маъмун

Г) Отсиз

Ғ) Маъмун ибни Муҳаммад

5) Роҳи бузурги абрешим дар натиҷаи ба Осиёи Миёна омадани киҳо таназзул ёфт?

А) Сулолаи Сомониён

В) Қарахитоиҳо

С) Арабҳо

D) Сарбозони Акбар

Е) Муғулҳо

6) Шӯриш дар Бухоро дар кадом солҳо ба амал омад?

А) солҳои 1200 – 1201

В) солҳои 1206 – 1207

С) солҳои 1209 – 1210

D) солҳои 1213 – 1214

Е) солҳои 1219 – 1221

Гурӯҳи 2:  супоришҳои тестии шакли кушодаро ҳал кунанд.

1. Маҳмуди Ғазнавӣ ба ____________________ пайғом фиристод, то ба ӯ итоат кунад.

2. Дар давраи истилои муғулҳо дар Хоразм _____________ ҳукмронӣ мекард.

3. Намуди асосии хоҷагии Хоразмро — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — — ташкил медод.

4. ______________ халқро дар Бухоро ва Самарқанд маҷбур кард, ки шӯриш бардорад.

5. Қабилаҳои Қарахитоиён дар замони ҳукмронии _______________ ба сарзамини Салҷуқҳо ҳамла карданд.

Гурӯҳи 3: ҷадвалҳои зерро пур кунед.

Шахсони таърихӣ.

**Ҷадвали 6. Ҳокимони давлати Хоразмшоҳиён**

| **Ҳоким** | **Солҳои ҳукмронӣ** | **Ба ҳукмронии ӯ чӣ чиз хос аст?** |
|---|---|---|
| Муҳаммади Хоразмшоҳ | | |
| Ҷалолуддини Хоразмшоҳ | | |
| Отсиз | | |
| Анӯштагини Ғалча | | |
| Алпарслон | | |
| Муҳаммад Текеш | | |

**Ҷадвали 7. Мувофиқа кардан**

| | |
|---|---|
| Маҳмуди Ғазнавӣ | Намуди заминдорӣ |
| Мовароуннахр | Пойтахти Хоразм |
| Сюрғол | Кӯшиш мекард, ки заминҳои Хоразмро тобеи худ гардонад |
| Ибни Сино | Заминҳои байни Амударё ва Сирдарё |
| Урганҷ | Олими бузурги Шарқ |

Гурӯҳи 4: кор бо харита.

Аз харита шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Чоч ва Урганҷро пайдо кунед?

Ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна, забт кардани шаҳру давлатҳо. Саволҳо барои муҳокима:

1. Дар бораи ташкили давлати Хоразм нақл кунед.
2. Ба фикри Шумо, ба ташаккули хоҷагии қишлоқ ҳамчун навъи асосии хоҷагии Хоразм чӣ таъсир расонд?

Супориши вазифаи хонагӣ.

**Ҷадвали 8. Маълумоти оморӣ оид ба дарсҳои санҷишӣ ва озмоишӣ**

| Р/т | Омӯзгор | Синф | Мавзуъ | Усулҳои дарс | Иштирок намуданд | Фаъолнокии хонандагон | Иштироки сусти хонандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Худоиева Д. | 7 «А» (Назоратӣ) | «Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён» | Анъанавӣ | 25 | 7 | 18 |
| 2. | Ризоева Г. | 7 «Б» (Озмоишӣ) | | Инноватсионӣ | 26 | 26 | 0 |

**Дар асоси ҷадвали 8 мо диаграммаи 1 ва 2 – юмро бо чунин натиҷа ба даст овардем:**




**Диаграмма 1. Дар усули таълими анъанавӣ**




**Диаграмма 2. Дар усули технологияи инноватсионӣ**

*Диаграммаи 1. А) хонандагони фаъол: 28 %. Б) хонандагони ғайрифаъол: 72 %. Диаграммаи 2. Аҳли синф фаъол: l00 %*

Натиҷаи озмоиш имкон дод, ки унвонҷӯ ба чунин хулоса биёяд: истифодаи таълими босалоҳият ва технологияи муосири инноватсионӣ дар муқоиса бо таълими ба дониш нигаронидашуда ва технологияи анъанавии таълим самарабахштар аст; он бо иштироки фаъоли таълимии ҳамаи хонандагони синф асос ёфтааст; омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бояд

мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ ба дарс омода шуда, ҳамзамон онро амалӣ намояд.

Ин хулосаҳои мо дар натиҷаҳои озмоишҳои минбаъда, тағйир додани фаъолияти таълимӣ ва ислоҳи онҳо дар дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияи инноватсионӣ тасдиқ карда шуданд. Барои исботи фикрҳои фавқуззикр якчанд дарсҳои озмоишӣ аз тарафи омӯзгор Б. Нуралишоев дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 59 – и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронида шуданд. Мутобиқи барномаи таълимӣ ва нақшаи тақвимӣ мавзуъҳои зерин интихоб карда шуданд: «Афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза», «Робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ», «Эҳё ва инкишофи робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тоҷикони бурунмарзӣ». Мақсаду вазифаҳо ва талабот барои ҳар кадоме аз ин мавзуъҳо гуногун буданд.

Дар ҷадвали 3 маълумотҳо дар бораи дарси аввалини озмоишӣ нишон дода шудаанд: Ҳамзамон хонандагон ба ду савол ҷавоб доданд: 1. Дар бораи афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза чӣ медонистед? 2. Оё дар бораи афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза чизи наве омӯхтед?

**Ҷадвали 9. Натиҷаи давраи якуми санҷиши донишу маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои 11«А» (озмоишӣ) ва 11«Б» (назоратӣ), Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 59 – и шаҳри Душанбе дар соли хониши 2021 – 2022**

| **Синф** | **Шум.ум. хон–гон** | **Медонам** | | **Намедонам** | | **Шубҳа дорам** | | **Маълумоти нав гирифтам** | | **%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумора | % | Шумора | % | Шумора | % | Шумора | % | |
| Озмоишӣ | 30 | 4 | 13,3 | 2 | 6,7 | 1 | 3,3 | 23 | 76,7 | 100 |
| Назоратӣ | 30 | 2 | 6,7 | 11 | 36,7 | 5 | 16,6 | 12 | 40 | 100 |

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 9 маълум мешавад хонандагони синфи 11«А» (озмоишӣ) дар марҳалаи якум, бо сабаби истифода аз

технологияҳои муосири инноватсионӣ дар рафти дарс дар мавзуи «Афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза» нисбат ба хонандагони синфи 11«Б» (назоратӣ) 76,7 % иттилооти бештар ба даст овардаанд 40 % (76,7 % 40 %). Бартарии синфи озмоишӣ 36,7 % –ро ташкил медиҳад.

Хонандагони ба маълумоти ба даст оварда боварӣ надошта дар синфи санҷишӣ 16,6% нисбат ба синфи озмоишӣ 3,3 % зиёд мебошад (16,6 % / 3,3 %). Бартарияти синфи озмоишӣ) 13,3 % – ро ташкил дода, дар диаграммаҳои 3 ва 4 чунин нишон дода шудаанд:




**Диаграммаҳои 3 ва 4. Тафовути донишазхудкунии хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ**

**Ҷадвали 10. Натиҷаи давраи дуюми санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои 11«А» (озмоишӣ) ва 11«Б» (назоратӣ), Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 59 – и шаҳри Душанбе дар соли хониши 2021–2022**

| Синф | Шум.умумии хонандагон | Медонам | | Намедонам | | Шубҳа дорам | | Маълумоти нав гирифтам | | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумора | % | Шумора | % | Шумора | % | Шумора | % | |
| Озмоишӣ | 30 | 8 | 26,7 | 0 | 0 | 0 | 0 | 22 | 73,3 | 100 |
| Назоратӣ | 30 | 2 | 6,7 | 8 | 26,7 | 3 | 10 | 17 | 56,6 | 100 |

Мувофиқи маълумоти дар ҷадвал оварда шуда, хонандагони синфи озмоишӣ дар давраи дуюм, аз сабаби истифода аз технологияҳои

инноватсионӣ нисбат ба хонандагони синфи назоратӣ 73,3 % бештар донишҳои навро ба даст овbooарданд (73,3 % / 56,6 %). Хонандагони боварӣ надошта дар синфи назоратӣ (10 %) – ро ташкил дода бошанд, дар синфи озмоишӣ хонандагоне, ки ба дониши худ боварӣ надоштанд ва ё намедонистанд ба назар нарасид, зеро омӯзгорон дар ин синф аз технологияҳои муосири инноватсионӣ васеъ истифода бурданд:







**Диаграммаҳои 5 ва 6. Натиҷаи азхудкунии дониши хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ**

Диаграммаҳои 5 ва 6 натиҷаҳои азхудкунии дониши хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратиро ба таври возеҳ нишон медиҳанд.

Бо назардошти натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва маълумоти ба даст омада, аз тарафи муҳаққиқ барномаи таҷрибавии дигаргунсозанда таҳия ва озмоиш карда шуд. Ба ин озмоиш унсурҳои зерин дохил карда шуданд: компютер, Интернет, робитаи фосилавӣ бо хонандагон аз рӯйи баъзе масъалаҳои кори мустақилонаи онҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ – иртиботӣ. Ин кор имкон дод, ки сифат ва самаранокии таълими таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан беҳтар карда шавад.

Корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон доданд, ки дар сурати дуруст истифода бурдани технологияи инноватсионӣ дар рафти дарсҳои таърихи халқи тоҷик, муаллим метавонад дар самти рушди салоҳияти хонандагон натиҷаҳои мусбат ба даст орад, ки ба фикри мо, аз унсурҳои зерин иборатанд:

- салоҳияти дарки масъулият ҳангоми қабули қарорҳо;
- таҳаммулпазирӣ, эҳтиром нисбат ба дигар миллатҳо, қобилияти зиндагӣ бо одамони дигар миллатҳо, динҳо, забонҳо;
- қобилияти кор бо намудҳои гуногуни иттилоот;
- қобилияти мунтазам ба мақсади баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти худ.

Кори таҷрибавӣ дар асоси технологияи инноватсионӣ ҷанбаҳои дигари мавзуи рисоларо фаро гирифт. Яке аз онҳо муайян кардани вобастагии самаранокии таълим аз сифати назорати омӯзгорон аз болои таълими хонандагон буд. Барои татбиқи пурраи амалишавии он консепсияҳоро ба таври возеҳ муайян кардан, муносибати байни омилҳоеро муайян кардан лозим аст, ки самаранокии назорат ва мониторингро муайян мекунанд.

Технологияи инноватсионии таълими таърихи халқи тоҷик дар сурати риоя шудани талабот ва хусусиятҳои зерин метавонад ба самаранокии он мусоидат намояд: 1) Унсурҳои асосии кори бомуваф – фақияти омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарсҳо ва машқҳои инноватсионӣ муайян кардан лозим аст, ки оё супоришҳо ба имкониятҳои синф мувофиқат мекунанд, омӯзгор бояд дар бораи рафти иҷрои онҳо фикр кунад, ҳадаф, раванди кор ва вақти ҷудошударо шарҳ диҳад; 2) ташкили кор – мақоми муаллимон ба туфайли қобилияти самаранок рохбарӣ кардан ва танзим кардани кор дар синф дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шавад; 3) эҳтиром гузоштан ба андешаи хонандагон хангоми истифодаи технологияи инноватсионӣ, омӯзгор ҷараёни яктарафаи иттилоотро маҳдуд мекунад. Ба ҷойи ин ӯ ба хонандагон таълим медиҳад, ки андешаҳои худро баён кунанд; 4) фазои омӯзишӣ – бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ омода намудани фазои таълим муҳим аст; 5) ҷалби ҳамаи хонандагон ба иҷрои фаъолияти таълимӣ, зеро барои бисёр синфҳо иштироки фаъолонаи танҳо хонандагони фаъол хос аст. Онҳо ба ҳамаи саволҳо ҷавоб медиҳанд, дар ҳоле, ки дигарон хомӯшанд. Муҳим аст, ки дар байни хонандагон ва муаллимон чунин дараҷаи эътимод вуҷуд дошта бошад, ки хонандагон ихтиёрӣ ба саволҳои додашудаи омӯзгор дар пеши тамоми синф ҷавоб

диҳанд; 6) кори дукаса ва гурӯҳҳои хурд – агар имкон бошад, бештар кори дукаса ё гурӯҳҳои хурдро ба роҳ мондан лозим аст. Ин шакли кор ба хонандагон озодии бештар барои иштирок ва муошират медиҳад. Кори дукаса ва гурӯҳӣ метавонад барои баён кардани нуқтаи назари гуногун ё андеша аз таҷрибаи худ истифода шавад; 7) назорати пинҳонӣ – кор дар гурӯҳҳои хурд аз берун осон менамояд, вале барои самаранок ташкил намудани он қобилияти ҳамоҳангсозии амалиёти хонандагон зарур аст. Ҳангоми истифодаи технологияи инноватсионӣ усулу принсипҳои зерин, аз ҷумла дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ҳангоми ташкил шудани кор дар гурӯҳҳои хурд, таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷанбаҳо ва хусусиятҳои назариявии ташкилӣ, методӣ ва мазмунӣ дода мешавад. Имрӯз арзёбии дониши хонандагон яке аз ҷанбаҳои душвортарини педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи корҳои таҷрибавии мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ нишон дод, ки аксарияти муаллимон, аз ҷумла омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик бо назария ва амалияи татбиқи технологияи инноватсионӣ ба қадри кифоя мусаллаҳ нестанд. Дарсҳои озмоишӣ, ки муаллифи рисолаи номзадӣ дар синфҳои 7 – 11 гузаронидааст, дар муқоиса бо омӯзгорони асосӣ дар синфҳои назоратӣ нишон дод, ки дар синфҳои озмоишӣ, ки таълим дар асоси технологияи инноватсионӣ ба роҳ монда шудааст, донишу маҳорат нисбат ба хонандагони синфҳои назоратӣ чанд маротиба зиёд аст. Кори таҷрибавиро бо мақсади ворид намудани тағйирот ва дигаргунӣ, ислоҳ намудани норасоиҳо ва дигар шаклҳои таҷрибаи педагогиро давом дода, самараи дарсҳои таърихи халқи тоҷикро каме баланд бардоштан мумкин буд.

**Ҷадвали 11. Натиҷаи санҷиши дониши хонандагони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 32 – и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар соли хониши 2021–2022**

| Р\т | Синфҳо. Теъдоди умумии | Аълохонҳо | | Хубхонҳо | | Миёнахонҳо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумора | % | Шумора | % | Шумора | % |

| | хонандагон | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 7 «А» 30 наф. | 25 | 83,3 | 3 | 10 | 2 | 6,7 |
| 2 | 7 «Б» 30 наф | 23 | 76,7 | 4 | 13,3 | 3 | 10 |
| 3 | 8 «А» 30 наф | 20 | 66,7 | 5 | 16,6 | 5 | 16,7 |
| 4 | 8 «Б» 30 наф | 22 | 73,3 | 6 | 20 | 2 | 6,7 |
| 5 | 9 «А» 30 наф | 24 | 80 | 3 | 10 | 3 | 10 |
| 6 | 9 «Б» 30 наф | 22 | 73,3 | 5 | 16,7 | 3 | 10 |
| 7 | 10 «А» 30 наф | 23 | 76,7 | 2 | 6,7 | 5 | 16,7 |
| 8 | 10 «Б» 30 наф | 25 | 83,3 | 4 | 13,3 | 1 | 3,4 |
| 9 | 11 «А» 30 наф | 24 | 80 | 4 | 13,3 | 2 | 6,7 |
| 10 | 11 «Б» 30 наф | 20 | 66,7 | 5 | 16,7 | 5 | 16,7 |

Ҷадвали 11 нишон медиҳад, ки дониши 83,3 % хонандагони синфи 7 «А» «аъло», 10 % «хуб», 6,7 % «қаноатбахш» мебошад. 76,7 % хонандагони синфи 7 «Б» «аъло» таҳсил мекунанд, 13,3 % «хуб», 10 % «қаноатбахш» мебошанд. Фарқи байни синфҳои 7 «А» ва 7 «Б» чунин аст: «аъло» – 6,6 %, «хуб» – 3,3 %, «қаноатбахш» 3,3 % ба фоидаи синфи 7 «А».

Аз ин миқдор 66,7 % хонандагони синфи 8 «А» «аъло» таҳсил мекунанд, 16,6 % «хуб», 16,7 % «қаноатбахш». Хонандагони синфи 8 «Б» 73,3 % «аъло», 20 % «хуб», 6,7 % «қаноатбахш» таҳсил мекунанд. Фарқи байни синфҳои 8 «А» ва 8 «Б» чунин аст: «аъло» – 6,6 %, «хуб»– 3,4 %, «қаноатбахш»– 10 % ба фоидаи синфи 8 «Б».

Ба замми ин, 80 % хонандагони синфи 9 «А» «аъло» таҳсил мекунанд, 10 % «хуб», 10% «қаноатбахш». Хонандагони синфи 9 «Б» 73,3 % «аъло», 16,7 % «хуб», 10 % «қаноатбахш» таҳсил мекунанд. Фарқи байни синфҳои 9 «А» ва 9 «Б» чунин аст: «аъло» – 6,7 %, «хуб» – 6,7 %, «қаноатбахш» – 0 % ба фоидаи синфи 9 «А».

Инчунин хонандагони синфи 10 «А» «аъло» 76,7 %, 6,7 % «хуб», 16,7 % «қаноатбахш» таҳсил мекунанд. Хонандагони синфи 10 «Б» 83,3 % «аъло», 13,3 % «хуб», 3,4 % «қаноатбахш» таҳсил мекунанд. Фарқи байни синфҳои 10 «А» ва 10 «Б» чунин аст: «аъло» – 6,6 %, «хуб» – 6,6 %, «қаноатбахш» –10 % бо бартарии синфи 10 «Б».

Илова ба ин, 80 % хонандагони синфи 11«А» «аъло» таҳсил мекунанд, 13,3 % «хуб», 6,7 % «қаноатбахш». Хонандагони синфи 11«Б» 66,7 % «аъло», 16,7 % «хуб», 16,7 % «қаноатбахш» таҳсил мекунанд. Фарқи байни синфҳои 11«А» ва 11«Б» чунин аст: «аъло» – 13,3 %, «хуб» – 3,4 %, «қаноатбахш» –10 % ба фоидаи синфи 11«А».




| | 7"А" 30-наф | 7"Б"30-наф | 8"А"30- наф | 8"Б"30-наф |
|---|---|---|---|---|
| Аъло | 83% | 77% | 67% | 73% |
| Хуб | 10% | 14% | 17% | 20% |
| Миёна | 7% | 10% | 17% | 7% |

**Диаграммаи 7. Меъёрҳои арзёбии синфҳои 7 то 8 – ро ба таври графикӣ нишон медиҳад**




| | 9"А"30 - наф | 9"Б"30- наф | 10"А"30- наф | 10"Б"30- наф | 11"А"30- наф | 11"Б"30- наф | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аъло | 80% | 73% | 77% | 83% | 80% | 67% | |
| Хуб | 10% | 17% | 7% | 13% | 13% | 17% | |
| Миёна | 10% | 10% | 17% | 3% | 7% | 17% | |

**Диаграммаи 8. Меъёрҳои арзёбии синфҳои 9 то 11 – ро ба таври графикӣ нишон медиҳад**

Ба андешаи мо, назорати самаранокии технологияҳои татбиқшавандаи инноватсионӣ дар дарсҳои таърих бояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Назорати сатҳи дониши дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик ба даст омада.

2. Назорати сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорони фанни таърих.

3. Назорати сатҳи истифодаи унсурҳои технологияҳои инноват – сионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик.

Дар ин раванди дидактикӣ, ба андешаи мо, чунин категорияеро ҷорӣ кардан лозим аст, ба монанди таълими ташхис, ки бешубҳа, метавонад тасвири татбиқи самаранок ва истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар ҷараёни таълим пайдо кунад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ташхисро ҳамчун усули умумӣ ва дар баробари ин чун раванди фаъолияти амалии педагогӣ фарқ кунем. Ташхис – ин равшан кардани ҳама муқаррароти ҷараёни дидактикӣ, яъне дақиқ муайян кардани натиҷаҳои назорат мебошад.

Бинобар ин, бояд қайд кард, ки бидуни ташхис раванди дидактикиро ба таври муассир ва самарабахш идора кардан, барои шароити мавҷуда натиҷаҳои оптималӣ ба даст овардан ғайриимкон аст.

Тавре, ки Шумо мебинед, дар ташхис нисбат ба санҷиши анъанавии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон ба маънои васеътар ва амиқтар назорат карда мешавад. Озмоиши анъанавӣ танҳо натиҷаҳоро бидуни шарҳи пайдоиши онҳо таъкид мекунад.Ташхис на танҳо натиҷаҳоро месанҷад, балки роҳҳои расидан ба онҳоро нишон медиҳад, тамоюлҳо, динамикаи эҷоди маҳсулотро муайян мекунад, яъне омӯзишро рангинтар менамояд. Ташхис мониторинг, тафтиш, арзёбӣ, та ҳлили ҳодиса, муайян кардани динамика, тамоюлҳои он, ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва табиист, ки пешрафти минбаъдаро дар бар мегирад.

Мониторинг, баҳогузории дониш ва малакаи хонандагон ба ташхис ҳамчун ҷузъҳои муҳим дохил карда шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, маълум мешавад, ки дар ҷомеаи муосири демократӣ созмони таълимӣ набояд назорати расмӣ дошта бошад. Ин назорат ҳамчун як навъ усули таълим, бояд аз ҷониби тренерҳо ба таври возеҳ ифода ёбад ва бояд пеш аз ҳама барои худи хонанда ногузир ва муфид бошад.

Шартҳои омода кардан ва гузаронидани дарсҳои таърих чунин амалҳоро пешбинӣ мекунанд:

- рад кардани услуби пешинаи роҳбарӣ ба раванди таълим, яъне даст кашидан аз тартиботи авторитарӣ;
- вобастагии раванди таълим аз усулҳои таълими педагогӣ;
- муҳимтарин талабот барои гузаронидани дарси таърих;
- демократикунонии раванди таълим;
- бо назардошти шаклҳои дарсҳои таърих;
- аҳаммияти арзёбии дониш ва малакаи хонандагон дар ҳар як мавзуи таърихи халқи тоҷик;
- муташаккилӣ, самаранокӣ ва муҳити маънавии раванди таълим;
- аниқ кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои дарси пешбинишуда.

Ҳамин тариқ, ба назар гирифтан ва риоя кардани ҳар як шароити дар боло зикршуда барои ноил шудан ба сатҳи босифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ки ба талаботи иҷтимоии ҷомеа мувофиқ аст, шароити мусоид фароҳам меорад.

Ба андешаи мо, дар заминаи гуфтаҳои боло, мо вобастагии мустақим ва робитаи байни изҳороти дар иқтибоси дар боло овардашуда ва соҳаи татбиқи амалии худи раванди таълими дидактикиро бо унсурҳои таълими инноватсионии курсҳои таърихи мактаб, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик бараъло ҳис менамоем.

Дар ин робита, мо таҳқиқоти худро оид ба самаранокии татбиқ ва истифодаи усулҳои инноватсионии таълим тибқи барномаи таълимии муосири муассисаҳои таълимии гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додем. Дар робита ба ин, моҳи майи соли 2019 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқ иқот дар мавзуи: «Ҳолат ва самаранокии истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мониторинг гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла мактабҳои намуди нав ба таҳлили кластерӣ шомил карда шуданд. Ба гурӯҳи муҳаққиқон

инчунин 1 нафар унвонҷӯ низ ҳамроҳ карда шуд. Дар мониторинг ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагони синфҳои аз 6 то11– и муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи марказ фаъолона ширкат варзиданд.

Ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиши мониторингӣ муайян кардани сатҳи истифодаи амалии воситаҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва эҳтимолан муайян кардани таъсири манфӣ ва мусбӣ ба самаранокии азхудкунии дониш аз ҷониби мактаббачагон буд. Натиҷаҳои мусбат ва манфии ин мониторинг дар марҳалаҳои навбатии корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ оид ба технологияи инноват – сионӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик истифода шуданд.

Ҳангоми таҳияи харитаи таҷрибаҳои ҷорӣ мо имкониятҳо ва меъёрҳои таҷрибавии зеринро дохил кардем:

Қисми I.

1. Насаб, ном, номи падар.

2.Таҷрибаи педагогӣ.

3. Курси таърих: «Таърихи халқи тоҷик».

4. Забони таълим (тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ).

5. Синфи омӯзиш (масалан, 6 «А», 11 «Б»).

6. Мавзуи дарс.

Қисми II.

1. Усулҳои гуногуни истифода аз технологияи муосири инноватсионӣ, ки муаллимон дар дарс истифода мебаранд.

2. Тақсимоти вақти хониш дар дарс.

3. Таҷҳизонидани синфхона ва мавҷудияти маводи таълимӣ ва методӣ.

4. Шакл ва сатҳи ҷавобҳои хонандагон дар синф, рафтор ва муносибати онҳо ба воситаҳои дидактикии истифодашуда.

5. Тавсифи хусусиятҳои равонӣ ва ҳолати ҳам муаллимон ва ҳам мактаббачагон дар дарсҳо.

Ин кор имкон дод, ки харитаи инфиродии таҷрибавии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар мактабҳои кишвар таҳия карда шавад. (Ниг. ба ҷадвалҳои 12 ва 13)

**Ҷадвалҳои 12 – 13. Харитаи таҷрибавӣ – инфиродии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик**

| Р/т | Муассисаи таълимӣ | Ному насаби омӯзгор | Фан | Синф | Истифодаи вакт | Шаклҳои таълими инноватсионӣ | Истифодаи шаклхо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 67– и шаҳри Душанбе | Назруллоева М.С. | Таърихи халқи тоҷик | 9 | 1.Пурсиш–10 дақиқа<br>3.Шарҳи маводи нав – 15 дақиқа<br>2.Навиштани конспект– 10 дақиқа<br>3.Пурсиш барои мустаҳкамкунӣ– 10 дақиқа | 1.Муҳокима.<br>2. «Ҳуҷуми зеҳнӣ».<br>3. Усули мизи мудаввар.<br>4. Усули «бозии корӣ»<br>5. Кейс – усул.<br>6. Ҳалли дастаҷам ъонаи масъала – ҳои эҷодӣ.<br>7. Озмунҳои корҳои амалӣ бо муҳокима.<br>8. Мини – лексия.<br>9. Муаррифӣ (презентатсия)<br>10. Тарҳрезӣ.<br>11. Суҳбати эвристикӣ.<br>12. Усули «инсерт». | *<br>*<br>*<br>*<br>* |
| 1 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 32–и шаҳри Душанбе | Худоиева Д. М. | Таърихи халқи тоҷик | 11 | 1.Лексия –15 дақиқа<br>2. Пурсиши пешакӣ–15 дақиқа<br>3. Шарҳи маводи нав – 15 дақиқа | 1.Муҳокима.<br>2. «Ҳуҷуми зеҳнӣ».<br>3. Усули мизи мудаввар.<br>4. Усули «бозии корӣ»<br>5. Кейс – усул.<br>6.Ҳалли дастаҷам ъонаи масъалаҳои эҷодӣ.<br>7. Озмунҳои корҳои амалӣ бо муҳокима.<br>8. Мини – лексия.<br>9. Муаррифӣ (презентатсия)<br>10. Тарҳрезӣ<br>11. Суҳбати эвристикӣ<br>12. Усули «инсерт». | *<br>*<br>*<br>* |

Натиҷаҳои мониторинг ва маълумоти таҷрибавии дар ҷараёни он ҷамъоваришударо вобаста ба сифатҳои касбии омӯзгори фанни таърих ва раванди педагогӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷикро таҳлил намуда, ниҳоят ба чунин хулоса омадем:

1. Омӯзгори мактаби муосир бояд воситаҳои инноватсионии таълимро дар раванди таълим фаъолона ҷорӣ ва истифода барад, зеро ба назари мо, онҳо ба давраи ҳозираи муассисаҳои таълимии кишвар мувофиқанд.

2. Хусусиятҳои ташкили раванди инноватсионии педагогӣ аз он иборатанд, ки объекти таъсири педагогӣ (хонандагон, донишҷӯён) ҳамзамон субъектҳои таълим мебошанд. Дар ҳамаи ҳолатҳо таъсири педагогӣ фаъолияти мусбии ин ё он ҷиҳати равонии пешқадами ҳамкориро, ки нишонаи асосии муваффақияти раванди педагогӣ мебошад, пешбинӣ мекунад. Маҳз ҳамин чиз фарқияти технология –ҳои инноватсионии педагогӣ аз усулҳои анъанавии таълим ба ҳисоб меравад. Таълим ва тарбия ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат мекунад, аз ин рӯ, мундариҷаи раванди маҷмӯӣ ташаккули дониш ва эътиқод, эҷоди ғояҳо, ташаккули ҳиссиёт ва услуби муносиби рафтори муаллим ва хонандаро дар вазъияти муайян дар бар мегирад.

3. Самаранокии раванди педагогии инноватсионӣ бештар бо шароити ҷараёни он муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо мавқеи муҳим ба таъминоти техникӣ, омилҳои сотсиологӣ ва ахлоқӣ – равонӣ мансуб аст. Истифодаи шароити технологияи инноватсионӣ дар таълиму тарбия ҳар қадар беҳтар бошад, ба даст овардани натиҷаи мусбат дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда ҳамон қадар осонтар мегардад.

4. Бо омӯзиши инноватсионӣ дониши анъанавӣ воситаи ташаккули маҳорат ва малакаҳои таълимӣ мегардад. Ин имкон медиҳад, ки миқдори зарурӣ ва кофии маводи таълимӣ муайян карда шуда, аз шумораи аз ҳад зиёди хонандагон ҷилавгирӣ карда шавад.

5. Тавассути усулҳои таълими инноватсионӣ хонандагон фарқ кардани далелҳои таърихиро аз худ менамоянд, супоришҳоро дар асоси алгоритмҳои машҳур ва амали худ иҷро мекунанд ва тавассути фаъолияти

инъикосӣ фаҳмидани доираи манфиатҳои маърифатии худ, манбаъҳои мушкилотро меомӯзанд.

6. Самаранокӣ ва сифати истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо хусусиятҳои ҳайати таълимгирандагон (ҷинс, синну сол, қобилият, анъанаҳои миллӣ) ва баррасии доимии онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни педагогӣ вобаста аст.

7. Ҳамкории педагогӣ (робитаи мутақобила) ягонагии таъсири педагогӣ, дарки хонандагонро дар амалҳои ҷавобии онҳо (мустақим ва миёнаравӣ), ки ба муаллим ва ба худи онҳо тааллуқ дорад, дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, технологияҳои инноватсионӣ дар якҷоягӣ бо бисёр дигар воситаҳои технологияҳои муосири педагогӣ ба омӯзгори муассиса барои ба даст овардани натиҷаи баланди дилхоҳи педагогӣ кӯмак мерасонанд. Зуҳуроти он дар ҳаёти воқеӣ маҳорати омӯзгорӣ мебошад, ки ин синтези тафаккури равонӣ – психологии пешрафта, дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгории касбӣ мебошад, ки дар якҷоягӣ бо сифатҳои шахсияти омӯзгор ба ӯ имконият медиҳад масъалаҳои гуногуни таълимиро ҳал кунад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик фарқи онҳоро аз воситаҳо ва усулҳои анъанавии таълим муайян кардем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 14 нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 14. Фарқияти равишҳои таълими анъанавӣ ва усулҳои гуногуни истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим**

| Усули анъанавии таълим | Усулҳои инноватсионии таълим |
|---|---|
| Ба муаллим ҳақиқат маълум аст | Ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон муҳаққиқ мебошанд |
| Ҷаҳонро дарк кунед | Дарк кардани ҷаҳон барои тағйир додани он |
| Дар маркази диққат мундариҷа мебошад | Шакл ва мундариҷа бо ҳам алоқаманданд |

| | |
|---|---|
| Моделҳо ҳамчун воситаи тафаккур ва амал нишон дода шудаанд | Муносибати байни назария ва амалия |
| Ҳақиқатҳои исботшуда | Уҳдадорӣ ба мақсад бо нисбият |

Технологияҳои маъмултарини инноватсионӣ ин кори гурӯҳӣ ва нақши маҳдудкунӣ мебошанд. Онҳоро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик васеъ истифода бурда метавонанд. Кори гурӯҳӣ яке аз шаклҳои омӯзиш аст, ки на танҳо имкон медиҳад, балки кори фаъолонаи хонандагонро талаб мекунад. Он дарвоқеъ, усулест, ки ҳамаи воситаҳои дигари дидактикии дар ҷадвалҳо овардашударо тасдиқ мекунад.

Ба андешаи мо, омӯзиши гурӯҳӣ ба ташаккули он сифатҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз барои ҷавонон заруранд, мусоидат мекунад. Вобаста аз муассисаи таълимӣ ё мушкилот, қисми муқаддимавӣ дар шакли омӯзиши гурӯҳи калон ё дар шакли кори дукаса гузаронида мешавад. Пас аз он кор дар гурӯҳи хурд ва дар марҳалаи ниҳоӣ, ки дар он натиҷаи кори гурӯҳҳо муҳокима ва ҷамъбаст карда мешаванд, идома меёбад.

Машқҳои амалии мутобиқи барномаи таълимӣ гузаронидашуда бояд дар асоси кори гурӯҳӣ бошанд. Дар омӯзиши мавзуъҳои таърихӣ унсурҳои муосир васеъ истифода мешаванд, ки иштироки фаъолонаи ҳар як хонандаро тақозо мекунанд. Вақте ки мо дар бораи унсурҳои муосир сухан меронем, пас мо усули ба гурӯҳҳо кӯмакрасониро дар назар дорем, таваҷҷуҳи худро ба мундариҷа равона карда, ҳадафмандона ва самаранок амал намуда, бо иштироки фаъолона ва мустақилонаи ҳамаи хонандагон дар фазои озод ва коллегиалӣ масъалаҳои гуногунро баррасӣ ва ҳал мекунем.

Муаллим ҳангоми истифодаи технологияи инноватсионӣ нақши ровӣ ва мушовирро мебозад, ӯ ба сохтори возеҳе дар раванди кор назорат мекунад. Таваҷҷуҳро ба он ҷалб мекунад, ки ҳадафҳои таҳиякардаи гурӯҳ ҳамеша дар доираи назари ӯ бошанд; усулҳои муайяни корро пешниҳод мекунад, қоидаҳои онҳоро мефаҳмонад ва боварӣ ҳосил мекунад, ки робитаи байни иштирокчиён заминаи хуби корӣ ва эҳсосотӣ дошта, раванди давомдорро ҷамъбаст мекунад.

Ин воситаҳои инноватсионии таълими таърихи халқи тоҷикро мо тасодуфан интихоб накардаем, зеро ба назари мо, он дар шароити дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бештар мутобиқ ва мувофиқ аст. Ба андешаи мо методи муосир ба методикаи таълими таърих дар даврai шӯравӣ, ки дониш, маҳорат ва малакаи касбии ҳайати омӯзгории ҳозираи мактабҳо ташаккул ёфта буд, наздик аст, мувофиқан, аз ҷиҳати равонӣ дарк кардани ҳам муаллимон ва ҳам хонандагон осонтар аст.

Мо чунин мешуморем, ки аз миқдори зиёди усулҳои инноватсионии таълим бояд ҳамчун шакли дониши амалии воқеият ва ҷаҳони атроф васеътар истифода бурда шаванд. Ин усулҳо, ба андешаи мо, ҳам барои хонандагон ва ҳам барои муаллимон таваҷҷуҳи хоса доранд, зеро онҳо мустақиман аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайян карда шудаанд ва аз ин рӯ, хонандагоне, ки бо истифодаи чунин технология омӯзиш мекунанд, худро дар ҳаёти воқеӣ ҳис мекунанд.

Аз натиҷаи корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ бармеояд, ки технологияҳои инноватсионӣ бояд дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо чунин хусусиятҳо, ба монанди хусусиятҳои синну солии кӯдакон, фаъолияти психологии онҳо, мавқеи сотсиологӣ дар доираи як гурӯҳ ва ғайра алоқаманд бошанд. Ба назари мо, бомуваффақият гузаштани дарсҳои таърихи халқи тоҷик бештар аз муоширати муваффақ вобаста аст. Ғайр аз он, як технологияи дар дасти иҷрокунандагони мушаххас буда метавонад гуногун ба назар расад: дар ин ҷо мавҷудияти ҷузъи шахсии муаллим, хусусиятҳои контингенти хонандагон, кайфияти умумӣ ва фазои психологии онҳо дар синф ва дигар омилҳои педагогӣ ногузиранд. Дар заминаи гуфтаҳои боло, мо боварӣ дорем, ки истифодаи технологияҳои таълими инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик имкон медиҳанд, ки самаранокии таълим ва тарбия афзоиш ёбад, аз ин рӯ, раванди таълим бештар эҳсосотӣ, ҷолибтар ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои иҷрои фармоиши иҷтимоии ҷомеа бештар сермаҳсултар аз ҷиҳати иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Ба роҳи демократии рушд ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун табиист, гузаштан ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалии таҳсилотро тақозо мекунад. Ин ба услуби идоракунии маориф, меъёрҳои ҳуқуқӣ,

стандартҳо ва технологияҳои таълим дахл дорад ва технологияи инноватсиониро низ дар бар гирифта, бояд дар таълим ва омӯзиши таърихи халқи тоҷик истифода шавад.

Технологияи инноватсионӣ дар татбиқи таълими таърих дар дарси таърихи халқи тоҷик муттаҳид намудани ду субъекти асосии раванди таълими педагогӣ – омӯзгорон ва хонандагон бо мақсади амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои ягонаи ташаккули дониш, малака ва қобилияти истифода аз маводи таърихи миллӣ, ки ба технологияи муосири инноватсионӣ асос ёфтааст.

Тавассути фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии хонандагон бо роҳбарии омӯзгор, ба даст овардани дониш бо табдили минбаъдаи дониш ба маҳорату малакаҳо даъват карда мешавад, ки ба ташаккули шахсияти шаҳрванди ҷавон нигаронида шудааст. Ҳалқаи асосӣ ва муайянкунандаи технологияи инноватсионӣ дарси муосир, махсусан, дарси таърихи халқи тоҷик ва ҳама чизҳои ба он алоқаманд аст, мебошад.

Илова бар ин, мавҷудияти технологияҳои муосири иттилоотӣ – иртиботӣ дар дарси таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла компютер, Интернет, планшет, ноутбук, смартфон ва дигар намудҳои технологияи муосири рақамӣ технологияи инноватсиониро ғанӣ гардонида, имконият ва самаранокии онро дар таълиму тарбияи хонандагон зиёд мекунад.

**Хулосаи боби дуюм**

